**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 343 (575.3)**
**ТКБ: 67.99 (2) 93 (2 тоҷик)**
**Ш – 32**

**ШАРИПОВ САМАНДАР САМАРИДДИНОВИЧ**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ФИРЕБИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Сафарзода А.И.**

**ДУШАНБЕ – 2023**

МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**........................3

**МУҚАДДИМА**...................................................................................4-19

**БОБИ 1. ТАШАККУЛ, ИНКИШОФ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИ ФИРЕБИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН**............20-72

1.1. Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон.....................................................................20-50

1.2. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мувофиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ...................................................................................................50-72

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ УНСУРҲОИ ҶИНОЯТИ ФИРЕБИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН**...................................................73-169

2.1. Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии объекти фиреби истеъмолкунандагон......73-99

2.2. Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии тарафи объективии фиреби истеъмолкунандагон...................................................................99-133

2.3. Аломатҳои субъективии фиреби истеъмолкунандагон.....................133-161

2.3.1. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъекти фиреби истеъмолкунандагон...................................................................133-153

2.3.2. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тарафи субъекти фиреби истеъмолкунандагон...................................................................153-161

2.4. Аломатҳои бандубасткунандаи фиреби истеъмолкунандагон..........161-169

**ХУЛОСАҲО**..................................................................................170-175

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**...............................................................................176-177

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**.............................................178-194

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..........................................................................................195-196

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶМШС** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**РССФР (РСФСР)** – Республикаи Советии Сотсиалистии Федеративии Россия

**КМИУ (ВЦИК)** – Кумитаи Марказии Иҷроияи Умумироссиягӣ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**СО ҶТ** – Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ

**КГ ҶТ** – Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ИДМ** – Кодекси моделии ҷиноятии ИДМ

**КО ҶТ** – Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶШС** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии

**НММ ШҲТҶ ШВКД** – Нозири минтақавии милитсияи Шуъбачаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятии Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**с.** – сол

**б.** – банд

**ғ.** – ғайра

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳалли яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир – таъмини аҳолӣ бо неъматҳои (молу маҳсулот, хизматрасониҳо ва ғайра) ҳаётии босифат ғайриимкон аст. Ҳалли амалии он самти стратегии рушди ҳар як давлат буда, аз бисёр ҷиҳатҳо на танҳо сатҳи некӯаҳволии воқеии шаҳрвандонро муайян мекунад, балки бевосита барои мавҷудияти ҳар як шахс шароити зарурӣ фароҳам меорад ва ба ин васила суботи иҷтимоӣ ва миллӣ, амнияти давлат ва ҷомеа дар маҷмуъ кафолат дода мешавад.

Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳамчун системаи таркибии меъёрҳои ҳуқуқӣ институти ҳуқуқӣ мебошад, зеро он дорои меъёрҳои институтҳои гуногуни ҳуқуқи маданӣ, ҷиноятӣ, соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ мебошад, ки дар асоси иштироки субъекти махсус, истеъмолкунанда муттаҳид шудаанд, дар муносибатхои ҳуқуқӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шахсии рӯзгор, ки ҳамчун воситаи асосии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшудааш хизмат мекунад.

Проблемаи мубориза бар зидди поймолкунии ҳуқуқи истеъмолкунандагон, сарфи назар аз ислоҳоте, ки дар солҳои охир аз ҷониби қонунгузорон гузаронида шудааст, имрӯз ҳам яке аз муҳимтарин масъалаҳоро мемонад. Сатҳи пасти қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон дар якҷоягӣ бо қонуншиканиҳои сершумори ин соҳа, ҷустуҷӯи роҳҳои бештар конструктивии ҳалли мушкилоти мавҷударо тақозо мекунад, ки дар байни онҳо таҳияи механизми самараноки ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор барои ҷинояти вобаста ба вайрон кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мавқеи хос дорад. Дар баробари ин, ҳеҷ гуна эътирозе нест, ки дар байни ҳама намудҳои муқовимат ба вайронкунии онҳо маҳз ҳифзи қонуни ҷиноятӣ самараноктар аст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, барои амиқ омӯхтани ин масъала баррасии ҷанбаи таърихии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноии ҳуқуқи истеъмолкунандагон аҳаммияти калон дорад.

Ҳимояи истеъмолкунандагон як соҳаи ҳуқуқест, ки бевосита ба ҳар як

истеъмолкунанда таъсир мерасонад ва дар истеъмоли бехавфи мол ва хидматҳо нақши муҳим мебозад. Ҳарчанд дар Тоҷикистон ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аллакай таваҷҷуҳи нисбатан зиёд дода шуда бошад ҳам, нақзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳамчунон як чизи маъмулӣ боқӣ мемонад. Азбаски чунин ҳуқуқвайронкуниҳо асосан ба амалҳои қаллобӣ асос ёфтаанд, дар ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон КҶ ҶТ дар бораи ҷавобгарӣ барои фиреб додани истеъмолкунандагон (моддаи 294) нақши асосиро мебозад. Маҳз дар ҳамин ҷо таҳқиқоти диссертатсионӣ зарур аст, ҳадафи он ҷавоб додан ба саволи он аст, ки қонуни ҷиноятӣ имрӯз аз нуқтаи назари ҳифзи истеъмолкунандагон чӣ кор карда метавонанд.

Ҳимояи истеъмолкунандагон (ҳифзи истеъмолкунандагон аз маҳсулоти пастсифат ё хатарнок, амалияи ғайриодилонаи фурӯш, шартҳои ноодилонаи тиҷорат, нархҳои баланд) дар тули солҳои зиёд яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати ҳуқуқии замони мо буд. Сабабҳои инро ошкор кардан душвор нест: истеъмол дар ҷамъияти ҳозира аҳаммияти торафт калон пайдо мекунад (онҳо амалан дар бораи «ҷамъияти истеъмолӣ» сухан меронанд), зеро баробари афзудани сарват талабот ба мол ва хизматрасонӣ дар байни аҳолӣ меафзояд. Дар баробари ин мавқеи истеъмолкунандагон ба ҷои беҳтар шуданаш бадтар мегардад: гарчанде ки дар шароити иқтисоди бозор истеъмолкунандагон бояд мисли таъминкунандагон харидорони тавоно бошанд, дар ҳақиқат ҳоло онҳо одатан аз таъминкунандагон хеле пасттаранд.

Заминаи ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар Тоҷикистон, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Бахусус, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, таҳти №72 дар таҳрири нав қабул гардид. Қонуни мазкур муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунанда ва фурӯшандагонро дар мавриди хариди молу маҳсулот ва фармоиши кору хизматрасонӣ ба танзим медарорад. Проблемаи муқовимат вобаста ба нақзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, сарфи назар аз ислоҳоте, ки қонунгузор дар

солҳои охир гузаронидааст, имрӯз яке аз масъалаҳои мубрами рӯз боқӣ мемонад. Сатҳи пасти қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон дар якҷоягӣ бо қонунвайронкуниҳои сершумори ин соҳа ҷустуҷӯи роҳҳои бештар конструктивии ҳалли мушкилоти мавҷударо тақозо менамояд, ки асоси онҳо таҳияи механизми самарабахши ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне мебошад, ки ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро поймол мекунанд ва барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки дар байни ҳама навъҳои муқовимат ба вайронкунии онҳо маҳз ҳифзи қонуни ҷиноятӣ самараноктар аст.

Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон некӯаҳволӣ ва манфиатҳои истеъмолкунандагонро тавассути таълим, сафарбаркунӣ ва намояндагӣ муҳофизат мекунад. Ҳимояи истеъмолкунандагон кафолат медиҳад, ки истеъмолкунандагон дар бораи интихоби худ қарорҳои хуб қабул кунанд ва ба механизмҳои муассири ҷуброн дастрасӣ дошта бошанд. Он инчунин соҳибкоронро ташвиқ мекунад, ки сифати маҳсулот ва хидматҳои пешниҳодшударо кафолат диҳанд. Барои доштани низоми функсионалии ҳифзи истеъмолкунандагон, ҳукумат, тиҷорат ва истеъмолкунандагон бояд якҷоя кор кунанд. Ҳукумат бояд сиёсатҳо, қонунҳо ва қоидаҳои мувофиқро ҷорӣ кунад, то истеъмолкунандагонро аз амалҳои зараровари тиҷорат муҳофизат кунанд. Дар байни муассисаҳои дахлдоре, ки барои татбиқи ҳуқуқи истеъмолкунандагон масъуланд, инчунин алоқа ва меъёри самарабахш ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон, соҳибкорон бояд аз амалҳои қаллобӣ ё беинсофона, ки истеъмолкунандагонро гумроҳ мекунанд ё таъсири манфӣ мерасонанд, худдорӣ кунанд. Истеъмолкунандагон, дар навбати худ, бояд дар бораи ҳуқуқҳои худ огоҳ бошанд ва тавонанд онро фаъолона ҳимоя кунанд. Ҷамъиятҳои матлубот дар бобати баланд бардоштани шуурнокӣ ва дастраси умум гардондани истеъмолкунандагон нақши калон мебозанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ рӯ ба болоравӣ дорад. Масалан, дар соли 2014 – 2891, соли 2015 –

3060, соли 2016 – 2797, соли 2017 – 3521, соли 2018 – 3547 ва соли 2019 – 3572 ҷинояти иқтисодӣ содир карда шудааст. Дар байни ҷиноятҳои иқтисодӣ содиршавии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон низ назаррас мебошад. Масалан, дар соли 2000 – 203; 2001 – 197; 2002 – 120; 2007 – 123; 2010 – 160; 2011 – 270; 2012 – 281; 2013 – 248; 2014 – 444; 2015 – 223; 2016 – 236; 2017 – 225; 2018 – 227, 2019 – 195[1], 2020 – 179, 2021 – 183 ва 2022 – 127 яъне танҳо дар чордаҳ сол 3641 ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон содир карда шудааст, ки ин нишондиҳанда ташвишовар мебошад. Ҳамзамон, ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон дар бештар маврид хусусияти латентиро ба худ касб намудааст, инчунин бо сабаби камаҳаммият буданаш (қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ) аксари истеъмолкунандагон кӯшиш баҳри ҳифз намудани ҳуқуқҳои худ амали дахлдорро анҷом намедиҳанд.

Механизми ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии истеъмолкунандагон, аз ҷумла камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон бо дарназардошти рушди техникаву технологияи нав ва пайдо шудани навъҳои нави фиреби истеъмолкунандагон ба мукаммалгардонӣ ниёз дорад, ки бояд махсус ҳангоми таҳияи таҳрири нави КҶ ҶТ ва такмили қонунгузорӣ ба назар гирифта шаванд.

Дар диссертатсия дар бораи аҳаммияти омӯзиши ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз нигоҳи қонуни ҷиноятӣ, вазъи кунунии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин нақши қаблии қонуни ҷиноятӣ дар таъмини риояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон шарҳ дода шудааст. Илова бар ин, оид ба таҳияи чораҳои имконпазир оид ба беҳтар намудани ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон пешниҳодҳо дода шуда, мисолҳо оид ба оқибатҳои ҳуқуқии амалҳое, ки ҳуқуқи

[1] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 277; Маълумоти омории ВКД ҶТ оид ба вазъи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 то соли 2022 аз 26.05.2023, таҳти №14/3-559; Юлдошев Р.Р., Маҳмадиев Х.Х., Акбарзода А.А. Преступность в Таджикистане (1991-2016 гг.): научно-практическое пособие. – Душанбе, 2018. – С. 61-78.

истеъмолкунандагонро вайрон мекунанд, нишон дода шудаанд.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, бандубасти ҷинояти мазкур, фарқияти он аз дигар таркибҳои ҳамшабеҳ ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар назаррас нест. Гуфтаҳои болозикр ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мубрамияти мавзуи таҳқиқотро муайян намуда, талаб мекунанд, ки пешниҳодҳои самаранок баҳри такмили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон таҳия карда шавад ва имконияти дар амалия татбиқи онро боз ҳам зиёд гардонад. Дар ин робита, муайян кардани роҳҳои боз ҳам дурусти ҳалли ин масъалаҳо дар шароити воқеияти муосир басо муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзе паҳлуҳои таърихӣ, назариявӣ ва амалии таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии фиреби истеъмолкунандагон дар асарҳои олимони зерини Тоҷикистон, ба монанди У.А. Азиззода (У.А. Азизов)[2], Н.А. Ғаффорова[3], Ф.К. Иброҳимов[4], Н.А. Қудратов[5], Н. Маҳмадзода[6], Ф.А. Мирзоахмедов[7], М.М. Муллаев[8], А.Қ. Назаров[9], Р.Ҳ. Раҳимзода[10], М.Ҷ. Раҳмонзода[11], Ш.Н. Саидзода[12], А.И.

[2] Ниг.: Азизов У.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания на территории дореволюционного Таджикистана: монография. – Душанбе: Андалеб-Р, 2014. – 200 с.; Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 414 с.

[3] Ниг.: Гафарова Н.А. Уголовная ответственность за нарушения правил торговли (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ташкент, 1994. – 29 с.

[4] Ниг.: Иброхимов Ф.К. Контрабанда в уголовном праве Таджикистана и России: сравнительный анализ: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2019. – 26 с.

[5] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства: по материалам Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2012. – 216 с.

[6] Ниг.: Махмадзода Н. Уголовная ответственность за преступления в сфере кредитных отношений по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 183 с.

[7] Ниг.: Мирзоахмедов Ф.А. Ҷиноятҳо ба муқобили андозсупорӣ / Ф.А. Мирзоахмедов // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015. – Душанбе, 2015. – С. 652-654.

[8] Ниг.: Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР. – Сталинабад: Идв-во Таджик, гос. ун-та, 1960. – Ч. 1. – 159 с.; Муллаев М.М. Происхождение и реакционная сущность шариата. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 187 с.

[9] Ниг.: Назаров А.К. Уголовно-правовые нормы Корана и хадисов и их классификация по институтам уголовного права. – Душанбе: Дакики, 2014. – 207 с.

Сафарзода (А.И. Сафаров)[13], К.Ҳ. Солиев[14], А.Ғ. Холиқов[15], Р.И. Шарипов[16], Т.Ш. Шарипов[17], С.Ш. Шаропов[18] ва олимони хориҷӣ, аз қабили Г. Александров[19], П. Андрушко[20], С.Г Аникиетс[21], И.А. Антропенко[22], Б.В. Волженкин[23], Г.И. Волфман[24], А.И. Мешерин[25], Н.Г. Плотникова[26], Г.О. Рибакова[27], И.Г. Сапожников[28] Л.Н. Тхайтсухова[29] ва дигарон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

---

[10] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ., Солиев К.Ҳ., Ҳусейнзода С.Ҳ. ва диг. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: Эр-Граф, 2019. – 550 с.

[11] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – 182 с.

[12] Ниг.: Саидзода Ш.Н. Мукамалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – 181 с.

[13] Ниг.: Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем (по материалам Республики Таджикистан): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – 229 с.; Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 396 с.

[14] Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери назари Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Қаҳҳоров А.А. – Душанбе: Глобус, 2010. – 880 с.; Солиев К.Ҳ. Дар бораи баъзе проблемаҳои татбиқи қонуни ҷиноятӣ / К.Ҳ. Солиев // 10 соли амали Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: натиҷа ва пешниҳод (Маводи конфронси илмиву амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 10 солагии қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16-уми сентябри соли 2008). – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 67-70.

[15] Ниг.: Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 380 с.

[16] Шарипов Р.И. Уголовная ответственность за мошенничество по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – 173 с.

[17] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Ходжазода Ф.Ф. Некоторые аспекты легализации (отмывания) денежных средств или иного имущества, полученных противозаконным путем как вида прикосновенности к преступлению / Т.Ш. Шарипов, Ф.Ф. Ходжазода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – №6. – С. 257-266.

[18] Ниг.: Шаропов С.Ш. Основные проблемы борьбы с организованными преступными посягательствами на государственное и общественное имущество в условиях формирования многоукладной экономики (криминологический аспект): дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1995. – 308 с.

[19] Ниг.: Александров Г. Борьба с обмериванием и обвешиванием потребителя. – М.: Юрид. изд., 1948. – 28 с.

[20] Ниг.: Андрушко П., Данько В. Обман покупателей (заказчиков) или мошенничество? / П. Андрушко, В. Данько // Советская юстиция. – 1991. – №5. – С. 8-10.

[21] Ниг.: Аникиец С.Г. Обман потребителей: уголовно-правовые и криминологические аспекты: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2001. – 24 с.; Аникиец С.Г. Обман потребителей: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2001. – 184 с.

[22] Ниг.: Антропенко И.А. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика преступлений в сфере потребительского рынка: дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2004. – 221 с.

[23] Ниг.: Волженкин Б.В. Предпосылки и концептуальные проблемы разработки модельного Уголовного кодекса для государств-участников СНГ / Б.В. Волженкин // Вестник Межпарламентской ассамблеи. – 1995. – №4. – С. 34-37.

[24] Ниг.: Вольфман Г.И. Ответственность за обман покупателей и заказчиков / Г.И. Вольфман // Сов. юстиция. – 1975. – №19. – С. 23-25.

[25] Ниг.: Мещерин А.И. Криминологическая характеристика и профилактика органами внутренних дел мошенничества в виде обмана потребителей: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2005. – 262 с.

[26] Ниг.: Плотникова Н.Г. Уголовная ответственность за обман при продаже товаров, выполнение работ, оказании услуг: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Красноярск, 2004. – 27 с.; Плотникова Н.Г. Уголовная ответственность за обман при продаже товаров, выполнение работ, оказании услуг: дис. … канд. юрид. наук. – Красноярск, 2004. – 228.

[27] Ниг.: Рыбакова Г.О. Ответственность за обман покупателей и заказчиков по советскому уголовному праву: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1978. – 197 с.

[28] Ниг.: Сапожников И.Г. Уголовная ответственность за обворовывание покупателя. – М.: Госюриздат, 1958.

Дар Тоҷикистон профессор А.И. Сафарзода дар сатҳи рисолаи доктории худ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[30] дар шакли мухтасар масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагонро баррасӣ намудааст. Корҳои илмии муҳаққиқони дигаре, ки номашон дар боло зикр гардид, дар ҳалли масоили гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон назаррас мебошад. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагонро ба таври кофӣ таҳлилшуда эътироф намудан мумкин нест, зеро ҳама масъалаҳои алоқаманд ба бандубаст ва таҳлили унсурҳои таркибии ҷинояти мазкур пурра омӯхта нашудаанд ва онҳо то имрӯз мубрам боқӣ монда, таҳлили минбаъдаи илмиро талаб мекунанд. То кунун таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, бандубасти ҷинояти мазкур, фарқияти он аз дигар ҷиноятҳои ба он монанд ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар ҶТ ҷой надорад.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, бо дарназардошти саҳми олимони ватанӣ ва хориҷӣ, дар инкишофи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, то кунун паҳлуҳои зиёди масъалаи мазкур ниёз ба таҳқиқоти навро дошта, зарурати таҳқиқоти комплексиро тақозо менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мубрам ба ҳисоб рафта, дар замони муосир таҳқиқоти диссертатсиониро тақозо менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд (барои солҳои 2016-2020)» бахшида шудааст, омода гардидааст.

– 79 с.

[29] Ниг.: Тхайцухова Л.Н. Уголовно-правовая охрана прав потребителей: дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2001. – 234 с.

[30] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 396 с.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиши ҳаматарафаи фиреби истеъмолкунандагон ҳамчун ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он ташкил дода, дар заминаи он коркард ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили қонуни ҷиноятӣ ва қонунгузории Тоҷикистон дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон яке аз мақсадҳои марказии таҳқиқоти мазкур ба шумор меравад. Дар робита бо мақсадҳои дар боло зикршудаи таҳқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқаррар гардидаанд, ки ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои зикргардида, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур иҷрои чунин вазифаҳо ба нақша гирифта шудаанд:

– таҳқиқи илмию амалии ташаккул ва инкишофи қонунгузорӣ оид ба ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон;

– таҳлили қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи давлатҳои ИДМ оид ба ҷавобгарӣ барои фиреби истеъмолкунандагон аз нуқтаи назари самаранокии амалии онҳо ва истифодаи минбаъдаи ин таҷриба дар такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон;

– муайян намудани фарқияти фиреби истеъмолкунандагон аз таркибҳои ба он монанд;

– таҳияи тавсияҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ доир ба мубориза бар зидди ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон.

**Объекти таҳқиқот.** Ба ҳайси объекти таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие баромад менамоянд, ки бинобар сабаби содир намудан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, ки дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ пешбинӣ шудааст, инчунин нашрияҳои илмӣ, маълумотҳои оморӣ, маводҳои амалияи татбиқи қонунгузорӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири се марҳилаи рушди қонунгузории ҷиноятӣ мебошад: 1) то шуравӣ; 2) қонунгузории ҷиноятии шуравӣ–сотсиалистӣ; 3) даврони соҳибистиқлолӣ. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ фиреби истеъмолкунандагон дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ ва муосир мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Қобили зикр аст, ки дар рисолаи илмии мазкур бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар таҷриба ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2019-2023 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳияи рисола муаллиф ба асарҳои У.А. Азиззода (У.А. Азизов), Н.А. Ғаффорова, Ф.К. Иброҳимов, Н.А. Қудратов, Н. Маҳмадзода, Ф.А. Мирзоахмедов, М.М. Муллаев, А.Қ. Назаров, Р.Ҳ. Раҳимзода, М.Ҷ. Раҳмонзода, Ш.Н. Саидов, А.И. Сафарзода (А.И. Сафаров), К.Ҳ. Солиев, А.Ғ. Холиқов, Р.И. Шарипов, Т.Ш. Шарипов, С.Ш. Шаропов ва олимони хориҷӣ, аз қабили Г. Александров, П. Андрушко, С.Г Аникиетс,

И.А. Антропенко, Б.В. Волженкин, Г.И. Волфман, А.И. Мешерин, Н.Г. Плотникова, Г.О. Рибакова, И.Г. Сапожников Л.Н. Тхайтсухова ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар омода намудани рисолаи илмӣ усулҳои умумиилмии фалсафӣ, усулҳои илмии диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, ташкил медиҳад. Инчунин, дар рафти таҳқиқи мавзуи мазкур аз усулҳои умумӣ ва махсуси дарки падидаҳои таҳқиқшаванда дар робита бо алоқамандӣ ва вобастагии мутлақ; истифодаи усулҳои умумии таҳлил (анализ) ва таркиб (синтез), инчунин усулҳои махсуси илмӣ: мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд.

**Заминаи эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқот маълумотҳои омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ ва Суди Олии ҶТ, ҳукмҳои айбдоркунии судӣ, хулосаҳои айбдоркунӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои марбут ба мавзуи фиреби истеъмолкунандагон истифода шудааст. Дар таҳқиқот инчунин, маводҳое, ки дар ВАО нашр шудаанд, бахусус Паёми Президенти ҶТ, ҳисоботҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ВКД, Прокуратураи генералӣ), ки боэътимод ва асоснокии хулосабарориҳо дар асоси онҳо бароварда шудааст, истифода гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзуи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ фиреби истеъмолкунандагон навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан ҳуқуқи ҷиноятии кишвар маҳсуб мегардад. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки аз ҷониби муаллиф дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин пажӯҳиши мукаммал, ҳаматарафа, сохторӣ-пуррагӣ, таҳлили муқоисавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мувофиқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ пешбинишуда ба шумор меравад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Муаллиф ба таълимоти

(доктринаи) ҳуқуқӣ муҳимтарин натиҷаҳо ва муқаррароти илмии зеринро ворид намуда, ба ҳимоя пешкаш менамояд:

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Дар ҳар як марҳалаи нави тараққиёти ҷамъият, вақте ки барои ҳалли проблемаҳои мавҷуда ё нав бамиёномада саъю кӯшиши иловагӣ талаб карда мешавад ва ҳалли он бе таҳлили муайяни роҳи тайкардашудаи таърихӣ ғайриимкон аст. Фиреби истеъмолкунандагон дар ҳамаи давраҳои инкишоф ва рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят эътироф мегардид. Меъёрҳои ҳуқуқиии Шариат дар муқаррар намудани ҷазои ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон нақши муассир бозидаанд. Сураи 83 Қуръон бо номи «Ал-мутаффифин (камфурӯшон)»-ро метавон асоси криминализатсия намудани фиреби истеъмолкунандагон эътироф кард. Маҳз меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ фурӯшандагонро вазифадор карда буд, ки дар бораи ҳама гуна камбудиҳо ё норасоиҳои маҳсулоташон истеъмолкунандагонро огоҳ намоянд ва набояд кӯшиши фиреб додан ё ба иштибоҳ андохтани онҳо далелҳоро бардурӯғ нишон диҳанд. Вобаста ба адолат баркашидани молу маҳсулот ва камфурӯшӣ накардан меъёри ҳатмӣ барои мусулмонон ба ҳисоб меравад.

2. Муқоисаи ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ-ро бо чунин баҳри дастовардҳояш метавонад минбаъд баҳри мукаммал намудани КҶ ҶТ аҳаммият дошта бошад:

2.1. Ҳамаи давлатҳои ИДМ-ро вобаста ба мавҷудияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

а) давлатҳое, ки дар КҶ-ии онҳо фиреби истеъмолкунандагон ҳамчун ҷинояти классикӣ боқӣ мондааст (Ҷумҳуриҳои Белорусия, Туркманистон, Озарбойҷон ва Арманистон);

б) давлатҳое, ки фиреби истеъмолкунандагонро бо мурури замон аз КҶ-ии худ декриминализатсия намуданд (Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон).

2.2. Муқаррар намудани преюдитсияи маъмурӣ барои қ. 1 ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон дар КҶ ҶТ (аз таҷрибаи Туркманистон);

2.3. Криминализатсияи намудани истеҳсол, пинҳон ва фурӯши маҳсулоти пастсифат дар асоси таҳлили КҶ ҶА.

3. Мувофиқан ба м. 23 КҶ ҶТ барои фиреби истеъмолкунандагон шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст ва дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин метавонад шаҳрванди одӣ бошад. Бояд қайд намуд, ки муқаррароти м. 294 КҶ ҶТ бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» вобаста ба доираи субъектоне, ки метавонанд ба фиреби истеъмолкунанда машғул шаванд, мутобиқат намекунад. Яке аз масъалаҳои дар назари аввал одӣ, вале дар асл мураккаб ва баҳсталаб, масъалаи мафҳумҳои «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда», ки метавонанд истеъмолкунандаро фиреб диҳанд, мебошад. Яъне, «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда» ҳамчун субъекти ҷиноят бояд дар м. 294 КҶ ҶТ бевосита нишон дода шаванд.

4. Мо бо чунин ақида розӣ шуда наметавонем, ки субъекти фиреб додани истеъмолкунандагон шахсоне шуда метавонанд, ки бо ташкилоти савдо муносибатҳои меҳнатӣ надоранд (масалан, хешу табор ё шиносони фурӯшандае, ки ӯро иваз мекунад). Чунин хулосаҳо ба меъёрҳои қонун мухолифанд ва диспозицияи м. 294 КҶ ҶТ-ро ба таври васеъ маънидод менамоянд. Ба акидаи мо, кирдорҳои чунин шахсон бо м. 247 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун қаллобӣ бояд бандубаст карда шавад. Чунин равиши ҳалли масъала, яъне ҷавобгарии ҷиноятии коркунони савдо, ки бо ташкилоти савдо муносибатҳои меҳнатӣ доранд, вале вазифаҳои гуногуни ёрирасонро (фаррошҳо, коргарони ёрирасон ва ғайра) иҷро мекунанд, самаранок мебошад. Агар онҳо аз номи корфармо фурӯшандаро иваз карда, истеъмолкунандагонро фиреб диҳанд, онҳо тибқи м. 294 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, дар акси ҳол – кирдори онҳо бо м. 247 КҶ ҶТ бояд

бандубаст карда шавад.

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд:**

5. Ҷиҳати пешгирӣ намудани эҳтимолияти декриминализатсия намудани ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон пешниҳод менамоем, ки категорияи «зарар ба миқдори назаррас» аз қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, бар ивази он категорияи «зарар ба миқдори калон», ки дар қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ҷой дода шавад. Зарар ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир намудани фиреби истеъмолкунандагон, ки дар қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ба қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ интиқол дода шавад;

6. Истифодаи истилоҳи «шаҳрвандон» дар таркиби м. 294 КҶ ҶТ ба мақсад мувофиқ нест. Зеро, аввалан, истилоҳи шаҳрванд мансуби шахси муайянро ба як давлат дорад, сониян, шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар ҶТ кору фаъолият доранд метавонанд ҳангоми содир намудани ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон бе ҷазо монанд. Пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 294 КҶ ҶТ истилоҳи «шаҳрванд» бо истилоҳи «соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ)» иваз карда шавад.

7. Қисми 1. м. 294 дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад: «Камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон *ба миқдори калон ва дар давоми сол баъд аз додани ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад,* содир шуда бошанд».

8. Дар қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ ҳолати бандубастшавандаи «аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст, содир шуда бошад», хориҷ карда шавад.

9. Эзоҳи м. 294 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад**:** Фиреби истеъмолкунандагон ҳангоме ба миқдори калон содиршуда шумурда

мешавад, ки агар зарари ба истеъмолкунандагон расонидашуда аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар, ба миқдори махсусан калон бошад – аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ҳамчун ҷиноят, иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳифзи муносибатҳои иқтисодӣ, бахусус амнияти иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва ғайра гарданд; дар амалия тартиби дуруст бандубаст кардан ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дуруст танзим карда шаванд, фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиқкунии судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд.

Ҳамзамон, хулосаҳои диссертатсия барои таълими фанҳо ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фанни «Ҷиноятҳои иқтисодӣ», «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ», таҳқиқоти илмӣ аҳаммияти калон доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти илмӣ тавассути таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои

илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КҶ ҶТ, КИҶҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 30 сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ намудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда мешаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Оид ба муҳтавои диссертатсия 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар интишор шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ дар

конфронсҳои байналмилалву ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040) 27-28 декабри соли 2022 – дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар марҳилаи муосир»;

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» аз 9 декабри соли 2022 – дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар замони шӯравӣ»;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо» аз 26 майи соли 2023 – дар мавзуи «Рушд ва инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар замони истиқлолият»;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» бахшида 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1 ноябри соли 2023) – дар мавзуи «Тавсифи умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон».

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 196 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАШАККУЛ, ИНКИШОФ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИ ФИРЕБИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

## 1.1. Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон

Таърих на танҳо маҷмуи донишҳо дар бораи фаъолият ва ҳолатҳои гузашта аст, балки он ҳамеша тафаккури таърихӣ аст, ки имкон медиҳад то моҳият ва самти ҳодисаву падидаҳоро равшантар намуда, амиқтар ошкор ва дарк карда шавад. Рӯй овардан ба таърих ҳеҷ гоҳ арҷгузорӣ ба мӯд нест. Дар ҳар як марҳалаи нави тараққиёти ҷамъият, вақте ки барои ҳалли проблемаҳои мавҷуда ё нав бамиёномада саъю кушиши иловагӣ талаб карда мешавад ва ҳалли он бе таҳлили муайяни роҳи тайкардашудаи таърихӣ ғайриимкон аст. Албатта, таърих худ аз худ дастурҳои коркардшудаи ҳалли проблемаҳои ҳаёти имрӯзаро намедиҳад, вале барои дарк кардани мазмуни воқеаҳои имрӯза ёрӣ мерасонад. Имрӯз, ки Тоҷикистон раванди ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ, фарҳангиву иҷтимоии худро аз сар гузаронида истодааст, омӯхтани таърих аҳаммияти басо хосса дорад. Дар ин шароит баҳодиҳии ҳамаи корҳоеро анҷом додан лозим аст, ки роҳҳои дурусти бартарафнамоии монеаҳои боэътимоди афзоиши босуръати ҷинояткорӣ дар умум ва ҷинояткории иқтисодиро дар алоҳидагӣ ошкор ва бартараф намоем.

Омӯзиши таърихи давлат ва ҳуқуқ таснифбандии гуногуни пайдоиш ва инкишофи давлат ва ҳуқуқ, бахусус ҳуқуқи ҷиноятиро пешниҳод намудааст[31]. Яке аз ин таснифбандиҳоро Т.Ш. Шарипов пешниҳод намудааст. Профессор Т.Ш. Шарипов марҳалаҳои асосӣ дар барпокунӣ ва инкишофёбии қонунгузории ҷиноятиро ба марҳилаҳои тошуравӣ, қонунгузории ҷиноятии

---

[31] Ниг.: Азизкулова Г.С., Хакимов Н.Х. История государства и права Таджикистана. – Душанбе, 2018. – С. 21; Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 413 с.; Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо ба муқобили давлат дар таърихи давлатдории тоҷикон / Н.А. Қудратов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. – №2 (27). – С. 124-129; Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 12-13; Маликов А.В. Проблемы типологии государства: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1998. – С. 130; Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. – Т. 1. – Ч. 1-4 (От древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 23.

шуравӣ-сотсиалистӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ ҷудо намудааст, ки намунаи маҳдуди таснифбандии ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад[32]. Буриев И.Б. инкишофи давлат ва ҳуқуқро чунин таснифбандии васеи марҳалаҳои асосӣ дар барпокунӣ ва инкишофёбии қонунгузориро додааст: а) пайдоиши давлатдорӣ дар ҳудуди Тоҷикистон (II ҳазор сол то эраи мо – I ҳазор сол то эраи мо); б) ташаккул ва инкишофи давлатдорӣ дар зери таъсири тамаддуни зардуштӣ (I ҳазор сол то эраи мо ва аввали асри VIII); в) ташаккул ва инкишофи давлатдории тоҷикон дар зери таъсири тамаддуни исломӣ (оғози асри VIII – оғози асри XIX); г) давлатдории омехтаи тоҷикон (солҳои 1868, 1917, 1920); д) давлат ва ҳуқуқи тоҷикон дар давраи ИҶШС (солҳои 1917/1920-1991); е) давлат ва ҳуқуқи тоҷикон дар даврони истиқлолият (1991 то имруз)[33].

Дар раванди навиштани рисола муҳаққиқ пешниҳоди профессор Т.Ш. Шариповро, ки марҳалаҳои асосӣ дар барпокунӣ ва инкишофёбии қонунгузории ҷиноятиро ба марҳилаҳои тошуравӣ, қонунгузории ҷиноятии шуравӣ-сотсиалистӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ ҷудо намудааст, дастгирӣ намуда таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагонро маҳз аз рӯйи ин таснифбандӣ таҳлил намудан мувофиқи мақсад аст.

**1. Марҳилаи то шӯравӣ.** То зуҳури дини ислом сарчашмаи асосии ҳуқуқро, бахусус ҳуқуқи ҷиноятиро китоби Авесто, Қонунномаи Сососиён ташкил медоданд. Дар ин давра ҳамаи ҷиноятҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекарданд: а) ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ; б) ҷиноятҳо ба муқобили дин ва арзишҳои динӣ; в) ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ[34].

---

[32] Ниг.: Шарипов Т Ш., Салимов Ҳ.С., Сатторов Ғ.С., Камолов З.А., Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Икромов Ҷ.З. Барномаҳои таълимӣ аз фанҳои кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистика. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2012. – С. 12.

[33] Ниг.: Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. – Т. 1. – Ч. 1-4 (От древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 23.

[34] Ниг.: Азизкулова Г.С. История государства и права Таджикистана. – Душанбе, 2018. – С. 115; Талезари А.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания в истории права Ирана: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – С. 11.

Авесто қадимтарин асари форсу тоҷик, китоби муқадддаси зардуштия, оини халқҳои эронинажоди қадим мебошад. Матни ибтидоии Авесто, ки дар байни аҳли мазҳаб шифоҳӣ нақл мешуд, баъдтар китобат шуда, дар аҳди Сосониён (асрҳои III-VII) сурати расмӣ гирифт. Авесто аз 21 китоб иборат буда, 350000 калимаро дар бар мегирифт, ки аз онҳо танҳо 83000 калимааш то замони мо боқӣ мондааст. Авесто ғайри фармоишоти сирф маросимию мазҳабӣ, аз нуқтаи назари ғоявӣ унсурҳои ибтидоии илмӣ, тиббӣ, тасаввуроти қонунгузорӣ, маҷмуи ба ҳам омезишёфтаи дастурҳои ақидавӣ, ахлоқӣ ва эстетикиро дар бар гирифтааст[35]. «Ҳукми табиату таърих, навиштаанд Эмомалӣ Раҳмон, низ чунин рафта, ки ҳам сарчашмаи табиӣ ва ҳам сарчашмаи маънавӣ барои шодоб намудани ташнакомон офарида шудаанд. Нахустин қомусномаи ҷаҳон, нахустин китоби зарнавишту дини мукаммали олами мутамаддин, нахустин ҳамосаву сурудаҳои беқаринаи ҳазорсолаҳои дур «Авесто»-и ҷовидона, дигар дар қолаби сарҳадҳои кӯчак намеғунҷад, зеро ҳама гуна садду монеа ва ҳудудҳои сунъиро шикаста, кайҳо ба уқёнуси тамаддуни ҷаҳонӣ омезиш ёфтааст»[36].

Фиреб, дурӯғ ва таҳқир дар низоми ҳуқуқии авестоӣ ҷиноят ба шумор мерафтанд. Профессор А.Ғ. Холиқзода менависад, ки фиреб ҳангоми бастани шартномаҳои граждании-ҳуқуқӣ ҳамчун кирдори ҷиноятӣ дар ҳуқуқи авестоӣ эътироф мегардид[37]. Муҳаққиқи дигари тоҷик И.Д. Сафаров қайд менамояд, ки «бо ҳар нафаре, ки шумо шартнома бастед, бояд кӯшиш намоед, ки онро иҷро кунед, новобаста аз зарари дидаатон, шумо бояд шартномаро ба фиреб (*аз ҷумла фиреби истеъмолкунандагон, зеро шартнома бо истеъмолкунанда баста мешавад Ш.С.*) табдил надиҳед[38].

Пайдоиши дини Ислом, ки он сабаби ташкили давлати муттаҳидаи арабҳо, Хилофати Араб (622-1258) гардид, дар ташаккул ва инкишофи

---

[35] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2016. – С. 128.
[36] Раҳмонов Э.Ш. Точикон дар оинаи таърих Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 1999. – С. 40-41.
[37] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. – С. 338.
[38] Ниг.: Сафаров И.Д. Правовая система государства Саманидов: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998. – С. 15.

ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои Шарқ ва Осиёи Марказӣ, аз ҷумла давлатҳои дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза мавҷудбуда нақши муҳим бозид. Ин давра бо ташкил ва фаъолияти давлатҳои феодалӣ, ки бо сулолаҳои гуногун алоқамапданд (Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Қарахониҳо, Ғуриён, Ғазнавиён, Салчуқиён, Хоразмшоҳиён, Шайбониҳо, Аштархониҳо) ва хонигариҳо (Бухоро ва Қӯқанд) алоқаманд мебошад. Қонуни ҷиноятии ин давра дар зери таъсири дини ислом ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба монанди Ёсуи Чингизхон, Тузукии (Кодекси) Тимур ва ғайра ташаккул ёфтааст.

Амалан собит шудааст, ки арзишҳои башарии дини мубини Ислом ҷузъи таркибии фарҳангу тамаддуни миллии мо ба шумор меравaнд ва миллати тоҷик дар партави таълимоти созандаи он корномаҳои азими башариеро дар тули таърихи ҳазору чандсадсолаи худ анҷом додааст ва ба шарофати пайравӣ аз усули эътиқодӣ ва арзишҳои амалии он бузургтарин шахсиятҳои ҷаҳониро дар арсаҳои гуногуни илму андешаи инсонӣ барои башарият тақдим намудааст. Пажӯҳишҳои амиқи илмӣ ва таҳлилҳои ҳақоиқи таърихӣ нишон медиҳанд, ки миллати тоҷик имрӯз низ бо бозгашт ва такя бар ҳамон асли неруманди фарҳангӣ метавонад дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи муносиби худро дубора пайдо намояд[39].

Қуръон китоби муқаддаси мусалмонон буда, сарчашмаи асосии шариат аст. Шариат бошад, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии динӣ буда, муносибатҳои ҷамъиятии исломиро ба танзим медарорад. Меъёрҳои асосии динӣ, ахлоқӣ, шаҳрвандию сиёсӣ ва ҷиноятӣ дар Қуръони Маҷид пешбинӣ шудаанд.

Ҳадис аз калимаи арабии «ҳадаса» нақл кардан мебошад. Ҳадис дар ҳуқуқи мусулмонӣ ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқ эътитроф мешавад. Ҳадис ифодакунандаи нақл, гуфтор ва кирдори пайғамбари Ислом Муҳаммад (с) ба шумор меравад, ки ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти мусулмононро муназзам гардонидааст. Ҳадисҳо баъд аз ҳаёти пайғамбари Ислом гирд оварда шудаанд[40]. Машҳуртарини онҳо «Алҷомеъ-ус-саҳеҳ»-и Имом ал-Бухорӣ[41] ва

[39] Ниг.: Боқизода А. Тафсири навини Қуръони карим. Ҷилди якум. – Лоҳур: Lahoria Book Banding in company, 2011. – С. 6. – 864 с.
[40] Ниг.: Хадис [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://dic.academic.ru/dic.nsf/islam/830/Хадис (санаи

«Ас-Саҳеҳ»-и Муслими Нишопурӣ мебошанд. Ҳадисҳо вобаста ба қувваи юридикӣ ва саҳеҳият ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

**1.** ҳадиси заиф;

**2.** ҳадиси ҳасан;

**3.** ҳадиси саҳеҳ.

Ҳадиси саҳеҳ дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ сарчашмаи боэътимод ба шумор меравад[42].

Ҳавзаҳои ҳуқуқӣ ва мақомоти қонунгузории кишвар аз аҳкоми дақиқи иҷтимоӣ, доиратулмаорифи бемонанди ҳуқуқӣ ва нафосати қонунҳои он дар омӯзишҳои муқоисавии худ пойгоҳи илмӣ ва пуштвонаи фарҳангии неруманде ба даст меоваранд ва бо такя бар меъёрҳои ахлоқӣ ва бориканд ешие, ки дар фарҳанги қонунгузории Ислом вуҷуд доранд, метавонанд ба дарки нуктаҳои дақиқтар ва коркарди маҷмуаҳои комилтаре дар сохтори ҳуқуқии кишвар ноил шаванд[43]. Ҳифзи истеъмолкунандагон аз суиистифода аз ҷониби тоҷирон ва ташкилотҳои тиҷоратӣ вазифаи муҳими ҳар як давлат аст. Асосҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон, ки дар Қуръон ва ҳадиси 1400 сол пеш гузошта шуда буд ва имрӯз низ муҳиммияти худро, ки дар дар замони Паёмбар (с) ва халифаҳои солеҳ ҷой дошт, гум накардааст. Дар сураи «Нисо» тамоми василаҳои ноинсофона ба таври қатъӣ маҳкум шудаанд: «Эй касоне, ки имон овардаед, молу мулки якдигарро ба ноҳақ нахӯред, ғайри молҳои тиҷоратӣ, ки ҳарду тараф аз он ризоият дода бошед» (Сураи Нисо, ояти 29)[44].

Сураи «Ал-мутаффифин (камфурӯшон)» ҳама гуна фиребу найрангро дар тиҷорат манъ мекунад, аз ҷумла ситоиши маҳсулоте, ки харидорро гумроҳ мекунад, омехта кардани маҳсулоти пастсифат ва савдои моли қалбакӣ – ин ҳама дар якҷоягӣ «камбаркашидан» номида мешавад: «Вой камфурӯшон,

муроҷиат: 02.03.2022).

[41] Ниг.: Аль-Имам муслим ибн Аль-Хаджадж Аль-Кушайри. Сборник Хадисов «Сахих мусулим». – Бейрут, 2011. – 479 с. (На араб. яз.).

[42] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2009. – С. 504.

[43] Ниг.: Боқизода А. Тафсири навини Қуръони карим. Ҷилди якум. – Лоҳур: Lahoria Book Banding in company, 2011. – С. 7.

[44] Ниг.: Коран / пер. с араб. И.Ю. Крачковского. – М., 1990. – 727 с.

онон ки чун аз мардум қайл (паймона) меситонанд, онро пур мекунанд ва чун барои мардум мепаймоянд ё бармекашанд, аз он кам мекунанд» (Сураи 83:1-3)[45]. Рӯзе Пайғамбари Ислом Муҳаммад (с) аз назди тоҷире мегузашт, дасташро ба як ғаллае, ки барои фурӯш гузошта буд, гузошт ва дарун каме намиро эҳсос кард. Вай пурсид, ки ин намӣ аз куҷост. Тоҷир ҷавоб дод, ки ғалла дар борон тар шудааст. Паёмбар Муҳаммад (с) фармуд: чаро донаи тарро болои боло намегузорӣ, ки мардум бинанд? Ва сипас афзуд: «Касе, ки фиреб кунад, ӯ аз мо нест» (аз мусулмонон нест)[46].

Фурӯшандагон вазифадоранд, ки дар бораи ҳама гуна камбудиҳо ё норасоиҳои маҳсулоташон хабар диҳанд ва набояд дар кӯшиши фиреб додан ё иштибоҳ андохтани харидор далелҳоро бардурӯғ нишон диҳанд. Китоби Муқаддас тоҷиронро аз ченак ва вазнкашӣ ҳушдор медиҳад: «Вазн карданро ба адолат риоя кунед ва камфурӯшӣ макунед»[47].

Яке аз намуди дигари маъмули фиреб ин нигоҳ доштани маҳсулот барои эҷоди камбудии сунъӣ ва боло бурдани нархҳо мебошад. Ислом мегӯяд, ки нархҳо бояд танҳо аз рӯйи талабот ва пешниҳод муайян карда шаванд. Расули Худо (с) фармуд: Ҳеҷ кас молро боз надорад, то боло рафтани нархҳо, ҷуз гунаҳкорон (ин ҳадисро Муслим овардааст).

Рӯзе дар Мадина нархҳо хеле боло рафт ва мардум гуфтанд: «Ё Расулаллоҳ, нархи молҳо боло рафтааст. Барои мо нархҳои собит муқаррар кунед». Расули Худо (с) фармуданд: «Дар ҳақиқат, нархи молро Аллоҳ таъоло муайян мекунад. Баъзеро мероси ночиз ва ба баъзеи дигар сарвати бешумор медиҳад. Ӯ ба бандагонаш ғизо медиҳад. Мехоҳам, ки дар рӯзе, ки дар ҳузури Худои Мутаъол истода бошам, ҳеҷ як аз шумо маро маломат накунад, ки ба хуну молаш ситам кардаам»[48]. Ин ҳадис ба он далолат мекунад, ки худсарона нархгузорӣ кардан манъ аст, зеро он метавонад аз як

---

[45] Ниг.: Коран / пер. с араб. И.Ю. Крачковского. – М., 1990. – 727 с.
[46] Ниг.: Права потребителя в исламе [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://golosislama.com/news.php?id=23893 (санаи муроҷиат: 02.03.2021).
[47] Коран / пер. с араб. И.Ю. Крачковского. – М., 1990. – 727 с.
[48] Аль-Имам муслим ибн Аль-Хаджадж Аль-Кушайри. Сборник Хадисов «Сахих мусулим». – Бейрут, 2011. – 479 с. (На араб. яз.).

тараф ба соҳибкорон зиён расонад, аз ҷониби дигар гуруснагии сунъиро ба вуҷуд оварад ва ҳуқуқи истеъмолкунандагонро поймол кунад. Давлат бояд дар ҳолатҳои истисноӣ салоҳияти танзими нархҳоро дошта бошад. Чунин мушкилот инчунин дар бозори амволи ғайриманқул рушд мекунад, ки дар он ҷо нархҳо тавассути хариду фурӯши тахминӣ боло рафта, дар ниҳоят ба суқути бозор оварда мерасонанд.

Масъалаи фиреби истеъмолкунандагон дар сураи 83 Қуръон бо номи «Ал-мутаффифин (камфурӯшон)» дарҷи худро ёфтааст. Кам баркашидан ва кам чен кардан дар тиҷорат як намуди маъмули фиреб аст ва ҳоло як чизи маъмулӣ шудааст. Тоҷирони фиребгар баҳона меоранд, ки бе фиреб фоида ба даст овардан ғайриимкон аст. Ва чунин «фоида» аз зиёни калон даҳ баробар бадтар аст. Оид ба дараҷаи гунаҳгории фиреб дар тиҷорат бевосита дар Қуръон омадааст: «Ал-мутаффифин» («Мутафифин»). Калимаи «мутафифун» ба маънои «фиребгарон дар тиҷорат»-ро дорад.

Сабаби нозил шудани ин оят ин буд, ки Паёмбар (с) дарёфтанд, ки тоҷире дар Мадина бо номи Абу Ҷуҳайна ду андозагир (метр) дорад: яке калон, ки тавассути он аз мардум мол гирифт, дигаре хурд, ки тавассути он ба мардум молро мефурӯхт[49].

Абу Аббос (р) ривоят мекунад, ки: «Рӯзе Паёмбар (с) фармуд: «Панҷ бар панҷ». Саҳобаҳо пурсиданд: Ин чӣ маъно дорад? Ӯ ҷавоб дод:

1. Мардум паймонро (аҳдро) мешикананд, Худо бар онҳо душман мефиристад;

2. Бо шариати Худо ҳукм намекунанд, Худо бар онҳо фақириро мефиристад;

3. Ҳар қадар фасод дар миёни онҳо паҳн шавад, марг низ ҳамон қадар бештар мешавад;

4. Агар дар тиҷорат кам баркашанд ва кам чен кунанд, Худованд беҳосилӣ ва бодҳо мефиристад ва баракатро аз кишташон мебардорад;

[49] Ниг.: Абдурахман Алиев. Обман в торговле – путёвка в ад [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://islam.ru/content/economica/30910 (санаи муроҷиат: 02.03.2021).

5. Закотро ба таъхир афканад, Худованд хушксолӣ мефиристад[50].

Дар ҷомеа баъзан одамоне ҳам вуҷуд доранд, ки ҳатто дар дами марг мехоҳанд ба баъзе афроди зердасти худ зарар расонанд ва паллаи тарозуро ба нафъи дигар ворисонашон сангин намоянд. Вале шореъи қонуни ислом – Худованди ҳаким – аз тамоми абъоди зиндагонии инсон ва нуҳуфтаҳои ботини вай огаҳ буда, аҳкоми дини худро дар камоли дақиқӣ поярезӣ намудааст ва ҷое барои каҷравӣ ва ҷафокорӣ боқӣ нагузоштааст[51].

Ҳамин тавр, фиреби истеъмолкунандагон аз нигоҳи Ислом манъ буда, ба гунаҳгорон барои кам баркашидан ва кам чен кардан ҳам ҷазои дунявӣ ва ҳам ҷазои динӣ (ба монанди дар дӯзах сӯхтан) дода мешавад. Фиреби истеъмолкунандагон аз нигоҳи Ислом ба гурӯҳи ҷиноятҳои категорияи Ҳад дохил мешавад, яъне он ҷиноятҳое, ки бевосита дар Қуръон пешбинӣ шудаанд.

Ташаккули ва инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои аслан дар давраи давлатдории омехтаи тоҷикон, аз замони ҳамроҳшавии сарзамини тоҷикон ба Россияи подшоҳӣ, яъне пас аз ташкил ёфтани генерал-губернатории Туркистон соли 1886-1887, ки фаъолияти он тавассути «Низомнома оиди ба идоракунии кишвари Туркистон» соли 1886 амалӣ мегардид, оғоз гардид ва мутобиқан бо ин ҳуҷҷат дар қисмати шимолии Тоҷикистони ҳозира амали қонунҳои Россияи подшоҳӣ паҳн мегардиданд.

Дар соли 1864 Устав дар бораи ҷазоҳо қабул карда шуд, ки дар он дар боби «Дар бораи қаллобӣ, фиребгарӣ ва азхудкуни моликияти ғайр» дар моддаи 173 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «кам чен кардан, кам баркашидан ҳангоми савдо, хариду фурӯш, харидан ва иваз кардани мол ё дигар чизҳо, инчунин барои бо дигар роҳ фиреб додан дар микдор ё сифати мол ё ҳангоми ҳисоб кардани музди мол ё ҳангоми иваз кардани пул аз ҷониби гунаҳгорон, ки миқдори арзиши моли дуздидашуда аз сесад сум зиёд нест, ба муҳлати аз

[50] Ниг.: Абдурахман А. Обман в торговле – путёвка в ад [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://islam.ru/content/economica/30910 (санаи мурочиат: 02.03.2021).
[51] Ниг.: Абдушариф Б. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ (ибодот ва аҳволи шахсӣ). – Душанбе: СиЭмт, 2018. – С. 645. – 752 с.

як то се моҳ аз озодӣ маҳрум кардан ҷазо дода мешуд»[52]. Фиреб додани харидорон ба маблағи зиёда аз 300 сум мувофиқи қоидаҳои умумии оид ба фиребгарӣ ҷазо дода мешуд.

Ҳамчун ҳолатҳое, ки ҷазоро барои фиреби истеъмолкунандагон то шаш моҳ вазнин мекунад, моддаи 175-и Оиннома дар бораи ҷазоҳо чунин кирдорҳоро пешбинӣ намуда буд[53]:

а) аз ҷониби шахсе, ки «аллакай барои дуздӣ ё қаллобӣ маҳкум шудааст»;

б) бо маслиҳати якчанд шахс;

в) вақте, ки барои содир намудани фиреб (қаллобӣ) тайёрии махсус дида шуда буд;

г) вақте, ки шахси гунаҳкор аз рӯйи рутба ё мавқеи худ ё муносибати махсус бо шахси фиребхӯрда чунин вонамуд менамуд, ки ҷабрдида боварии махсус пайдо кунад;

д) вақте, ки фиребхӯрда шахси ноболиғ, калонсолон, кӯрон, гунгҳо аст;

е) вақте, ки барои содир намудани фиреб расму оинҳои хурофотпарастӣ истифода гардидааст.

ж) агар шахси гунаҳкор худро вакили касе ё хизматгори касе муаррифӣ мекунад ё худ номи бардурӯғро истифода мебарад.

Баъдан дар Маҷмуи қонунҳои ҷиноятӣ соли 1903 қариб, ки дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза умуман амал намекард, фиреби истеъмолкунандагонро ҳамчун қаллобӣ медонист[54].

**2. Замони шуравӣ.** Марҳалаи навбатии инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон бо Инқилоби Сотсиалистии октябри соли 1917 алоқаманд мебошад. Пас аз барҳам хӯрдани Русияи подшоҳӣ, Тоҷикистон натавонист, ки давлати мустақили худро таъсис диҳад. Октябр–ноябри соли 1917 инқилоби болшевикӣ дар Импературии Русия ғалаба кард ва болшевикон Ҳукумати муваққатиро сарнагун карда, ҳокимиятро ба даст гирифтанд. Дар

---

[52] Российское законодательство X-XX веков. Т. 8 / Под ред. О.И. Чистякова. – М., 1991. – С. 417-418.
[53] Ниг.: Таганцев Н.С. Устав о наказаниях, налагаемых мировыми судьями: с дополнениями по 1 января 1879 г.: с прил. мотивов и извлечений из решений Уголовного кассационного департамента Сената / Сост. Н.С. Таганцевым. – Изд. 2-е перераб. и доп. – С.-Петербург: Тип. М. Стасюлевича, 1879. – VIII. – 332 с.
[54] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности. – М., 2000. – С. 34-35.

натиҷаи ин инқилоб дар қаламрави Имперотурии Рус Ҷумҳуриҳои шуравии Русия, Украина, Беларусия ва Қафқоз ташкил карда шуданд. 30 декабри соли 1922 қарордоди таъсиси Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ байни ҳамин ҷумҳуриҳо имзо шуд. Пас аз инқилоб соли 1920 Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро ташкил шуд. Соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ташкил ёфт[55].

Пас аз ғалабаи инқилоб 24 ноябри соли 1917 бо қабул шудани Декрети Шурои Комиссарони Халқи таҳти №1 «Дар бораи суд» қонунҳои пеш аз инқилобӣ, ки ба «виҷдони инқилобӣ ва дарки ҳуқуқии инқилоб» зид буданд, аз амал боз дошта шуданд[56]. Аввалин санадҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии пас аз инқилобӣ: «Декрет дар бораи замин» аз 26 октябри соли 1917, «Декрет дар бораи сулҳ» аз 26 октябри соли 1917, Декрет «Дар бораи қатъ намудани ҷазои қатл» аз 26 октябри соли 1917, Декретҳои судии рақамҳои 2 ва 3, Асосҳои роҳбарикунанда оид ба ҳуқуқи ҷиноятии ҶШСФР с. 1919, Кодекси ҷиноятии ҶШСФР с. 1922, Асосҳои қонунҳои ҷиноятии Иттифоқи РСС ва республикаҳои иттифоқӣ с. 1924 ба рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон таъсири худро гузоштанд ва бештари муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандаон маҳз бо ин санадҳо амалӣ мегардид.

Тағйироти иҷтимоию иқтисодие, ки дар давлат руба вуқуъ пайваст, ба тағйирот дар савдо оварда расонд. Агар ин ҳолат аксар вақт танҳо ҳамчун нозир амал мекард, сипас бо милликунонии истеҳсолот ва савдо, он воқеан истеҳсолкунандаи асосӣ, фурӯшанда ва назораткунанда дар муносибатҳо бо истеъмолкунандагон гардид. Аз як тараф, он ба танзими самараноки ҳуқуқии фурӯши молҳо оварда расонд ва аз тарафи дигар афзалияти давлат нисбат шахсият ба нокифоягии таъмини амнияти ҳар як шахс табдил дод.

Ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон одатан тавассути меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ амалӣ карда мешуд. Бояд қайд кард, ки фиреб додани

---

[55] Ниг.: Кудратов Н.А. Теоретические основы уголовно-правовой охраны конституционного строя и безопасности государства: монография. – Душанбе: Бахманруд, 2019. – С. 31-32.
[56] Ниг.: Пионтковский А.А., Меньшагин В.Д., Чхиквадзе В.М. Курс советского уголовного права. Особенная часть. – М, 1959. – Т. 2. – С. 221.

истеъмолкунандагон ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят дар он вақт ҷой надошт. Меъёри махсус дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар аввалин Кодекси ҷиноятии ИҶШС (Асосҳои қонунҳои ҷиноятии Иттифоқи РСС) соли 1924 мавҷуд набуд. Ба зуҳури фиреби харидорон, ки хусусияти низомнок дошт, мумкин аст шартан ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қалбакӣ намудани кортҳои хӯрокворӣ ё барориши нодурусти онҳоро дохил намуд.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШСФР соли 1922 меъёри умумии ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои тиҷорат бо ин ё он молу маҳсулот муқаррар шуда буд. Ин меъёрҳо дар фасли II «ҷиноятҳо бар зидди тартиби идоракунӣ» дар боби 2-и «Ҷиноятҳои давлатӣ» ҷойгир карда шуда буданд, ки вобаста ба объекти бевоситаи ҷиноят чандон дуруст набуданд. Зеро чун қоида ин ҷиноят бояд дар боби ҷиноятҳои хоҷагӣ ҷойгир карда мешуд. Бояд қайд намуд, ки дар боби 4 «Ҷиноятҳои хоҷагӣ» дар таркиби ҷиноятҳои алоҳида нишонаҳои фиреби истеъмолкунандагонро мушоҳида намудан имконпазир аст. Масалан дар м. 139 а КҶ ҶШСФР соли 1922 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр намудан, фурӯхтан, харидан ва нигоҳ доштан бо мақсади фурӯхтан, ҳамчунин истифодаи молу маҳсулоте, ки таҳти боҷи аксизӣ қарор доранд, муқаррар шуда буд.

Соли 1924 Асосҳои қонунҳои ҷиноятии Иттифоқи РСС ва республикаҳои иттифоқӣ қабул гардид. Асос барои қабули санади мазкур қабули кодексҳо аз ҷониби давлатҳои иттифоқӣ, ки ба амалияи судии онҳо асос ёфта буд, гардид. Натиҷаи ин умумиятҳо як қатор принсипҳо, мафҳумҳо ва институтҳо гардиданд, ки барои тамоми ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ягона буданд. Санади мазкур масъалаҳои умумии қонунгузории ҷиноятиро муайян намуда, дар он ҷавобгарии ҷинояти барои намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо пешбинӣ нашуда буд.

16 июни соли 1926 дар ҶШС Ӯзбекистон КҶ қабул карда шуд ва Кодекси мазкур то соли 1935 дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза амал мекард. Қайд намудан зарур аст, ки ҳарчанд 5 декабри соли 1929 сессияи дувуми КИМ

ИҶШС баргузор гардид ва дар он аз ҳудуди ҶШС Ӯзбекистон хориҷ шудани ҶАШС Тоҷикистон дастгирӣ ёфт ва минбаъд он ҳамчун давлати мустақил дар ҳайати ИҶШС эътироф гардид. Дар қарори худ КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон қайд гардида буд, ки дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон кодексҳо ва қонунҳои ҶШС Ӯзбекистон бо ҳама гуна тағйироту иловаҳои минбаъда амал мекунад, то он вақт ки ҳукумати Тоҷикистон қонун ва кодексҳои худро қабул накунад[57].

Ҳамин тавр дар КҶ ҶШС Ӯзбекистон низ меъёри мустақил вобаста ба таркиби фиреби истеъмолкунандагон пешбинӣ нагардида буд ва аслан барои фиреби истеъмолкунандагон шахсро бо м. 105 КҶ ҶШС Узбекистон, яъне барои вайрон намудани қоидаҳои савдо (тиҷорат) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашиданд.

Моддаи 105 КҶ ҶШС Ӯзбекистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани қоидаҳои тиҷорат муқаррар намуда буд, дорои камбудиҳои муайяне буд, ки онро дар амал ба таври дуруст татбиқ намудан имкон намедод. Зеро ин таркиб ҷавобгариро танҳо барои амалҳое муқаррар намуда буд, ки таъқиботи он бо тартиби ҳуқуқӣ-маъмурӣ пешбинӣ нашуда буд ва танҳо хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятиро доро буд. Ғайр аз он, диспозитсияи м. 105 КҶ ҶШС Ӯзбекистон, хусусияти баланкетиро доро буд ва ҷавобгариро барои вайрон кардани қоидаҳои тиҷорат, ки пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шудааст, пешбинӣ намуда буд. Ба сифати кирдорҳое, ки ҳамчун вайрон намудани қоидаҳои савдо баромад менамуданд, инҳо дохил мешуданд:

1. Савдои маҳсулоте, ки номгӯйи онҳо дар эзоҳи моддаи м. 71-и Оинномаи байторӣ пешбинӣ шудааст, яъне маҳсулоти гӯшти хом, ки аз санҷиши байторӣ ва санитарӣ гузаронида нашудааст;

2. Савдои доруҳои сахттаъсир (кокаин ва намакҳои он, афюн ва навъҳои он – морфин, героин) бе иҷозати Комиссариати халқии нигаҳдории тандурустии ИҶШС ё мақомоти ваколатдори он (декрети Шурои

[57] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 269. – 413 с.

Комиссарони Халқ (СНК) аз 6 ноябри соли 1924);

3. Паҳн намудани молҳои истеҳсолшуда ба бақайдгирии дахлдори ташкилот (корхона) (қарори ШКХ аз 13 июля 1924 г.);

4. Вайронкунии такрорӣ ҳангоми истеҳсоли тиҷорати нархҳои этикетӣ;

5. Бе иҷозати дахлдори мақомоти маҳаллии таъминот чи аз тарафи корхонаю ташкилотҳои давлатӣ ва кооперативӣ ва чи аз тарафи шахсони алоҳида кушодани заводҳои нави ҳасиббарорӣ (декрети ШКХ аз 11 декабри соли 1929);

6. Вайрон кардани тартиби савдои яроқи оташфишон ва маводҳои ба он алоқаманд ва тартиби кушодани муассисаҳои пиротехникӣ ва ҷойҳои тирпарронӣ (Қарори ШКХ аз 17 феврали соли 1932) ва ғайра[58].

Аз сабаби он ки м. 105 КҶ ҶШС Ӯзбекистон хусусияти бланкетӣ дошт, чунин ба назар мерасад, ки судҳо ҳангоми татбиқи ин модда дар амалия вобаста ба миқдори зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

Дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар бештар маврид шахсро бо ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои савдо ва дар баъзе ҳолатҳо барои қаллобӣ ё суиистифодаи вазифаҳои хизматӣ истифода ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашиданд.

Ҳамин тавр, амалияи шуравӣ анъанаи пешазинқилобиро, ки фиреб додани харидоронро ба қаллобӣ баробар намуда, бандубаст мекард, шикаст дод. Ин ҳолат бо он асоснок карда мешавад, ки ҳуқуқтатбиққунии пешазинқилобӣ ба таври назаррас дигар карда шуд ва дар амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ меъёри нав ба вуҷуд омад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро вайрон кардани қоидаҳои савдо, ки фиреби истеъмолкунандагон дар таркиби он ҷойгир буд, пайдо гардид.

Бинобар ин, И.Г. Сапожников дуруст ибрози андеша намуда буд, ки бандубасти фиреби истеъмолкунандагон аз рӯйи моддаи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои савдо муборизаро ба муқобили ин гуна ҷиноятҳои хавфнок таъмин карда наметавонист ва аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ин гуна

[58] Ниг.: Карпицкий Д., Рогинский Г., Строгович М. Уголовный кодекс РСФСР. – М., 1934. – С. 87.

бандубаст нодуруст буд[59]. Бинобар ин санаи 25 июли соли 1934 бо Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарӣ барои ғоратгарии истеъмолкунандагон ва фиреб додани давлати Шуравӣ» барои фиреб додани истеъмолкунандагон ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шуд. Бо мақсади аз амалияи савдои замони Шуравӣ пешгирӣ намудани ҳодисаҳои камбаркашӣ, фиреби харидорон, дар савдо нодуруст истифода бурдани тарозуҳо, сангҳои тарозуҳо, метрҳо ва дигар асбобҳои ченкунӣ, бо нархи қимат фурӯхтани моли пастсифат, инчунин вайрон кардани нархҳои муқарраршудаи чаканафурӯшӣ КИМ ва ШКХ ИҶШС бо қарори худ аз 25 июли соли 1934 ҳукуматҳои Ҷумҳуриҳои иттифоқиро муваззаф намуд, ки ба кодексҳои ҷиноятии худ моддаи дорои мазмуни зерин илова карда шавад[60]:

1. Ҳангоми фурӯш чен кардан ва баркашидани молу маҳсулот бо истифода аз тарозуҳо, сангҳои тарозуҳо ва дигар асбобҳои ченкунандаи нодуруст;

2. Вайрон кардани нарххои муқарраршудаи чаканафурӯшии молҳои истеъмолии халқ дар мағозаҳо, дӯконҳо, ларокҳо, ошхонаҳо, буфетҳо ва гайра.

3. Моли навъи пасттаринро бо нархи баланд фурухтан, аз харидорон пинҳон доштани нархи рӯйхати мол – ҳамчун фиреби истеъмолкунандагон ва фиреб додани давлати Шуравӣ эътироф мегардид ва барои ин кирдорҳо ҷазо ба муҳлати то 10 сол аз озодӣ маҳрум кардан таъин карда мешуд[61].

Дар асоси қарори болозикр дар кодексҳои ҷиноятии ҷумҳурии иттифоқӣ меъёри нав вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ворид карда шуд. Масалан, дар КҶ ҶШС Ӯзбекистон, КҶ РСФСР ин меъёр дар м. 128 «в» ҷавобгариро барои фиреби истеъмолкунандагон мустаҳкам намуд ва он ин маротиб на дар боби ҷиноятҳои давлатӣ, балки дар боби ҷиноятҳои хоҷагӣ ҷой дода шуд, ки вобаста ба объекти бевоситаи таҷовузи ҷинояткорона дуруст мебошад. Барои содир намудани ин кирдор ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба

[59] Ниг.: Сапожников И.Г. Уголовная ответственность за обворовывание покупателя. – М, 1958. – С. 11.
[60] Ниг.: Свод законов СССР. – 1934. – №41. – Ст. 325.
[61] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952 гг. – М., 1953. – С. 345. – 462 с.

муҳлати то 10 сол муқаррар гардид. Санксияи ин ҷиноят назар ба ҷинояти қаллобии одӣ, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати то 2 сол ҷазо дода мешуд, хеле (панҷ маротиба) сахттар буд. Қабул карда шудани чунин қонуни сахтгир барои фиреб додани харидорон (истеъмолгарон), ки субъекти он аксаран занони фурӯшанда буданд, аз қарори сиёсии КМ ҲКУ (Ҳизби комунистии умумишуравӣ), ки 26 июни соли 1934 кабул шуда буд, вобаста буд. Ҳамчунин тамоми ВАО-ро вазифадор кард, ки «... шахсонеро, ки барои вайрон кардани нархҳои чакана гунаҳкоранд, бераҳмона фош кунанд»[62].

Таркиби ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон, ки бо Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарӣ барои ғоратгарии истеъмолкунандагон ва фиреб додани давлати Шуравӣ» аз 25 июни соли 1934 дар КҶ Ҷумҳуриҳои иттифоқӣ пайдо гардид, дорои аломатҳои бандубастшаванда набуд ва ин яке аз камбудиҳои ин қарор ва КҶ давлатҳои умумииттифоқӣ буд.

Фиреби истеъмолкунандагон яке аз падидаҳои маъмултарин дар савдои чакана буд. Қонуни ҷиноятии шуравӣ онро на танҳо ҳамчун вайрон кардани манфиатҳои шаҳрвандҳо, балки ҳамчун фиреб додани давлат ҳам мешуморид.

Дар савдои чакана, маҳсулот аз дастҳои гуногун мегузашт ва ба ҳар яки он як навъ даромади ғайриқонунӣ меовард. Усулҳои ба даст овардани он гуногун буданд. Масалан, ҳангоми бастабандии колбаса ба тарозуҳо қалами одиеро гузоштан кифоя буд, ки бо он фурӯшанда нархро дар баста навишта буд (сарфи назар аз дастури Комиссари Халкии савдои дохилии ИҶШС соли 1936 оид ба ҷавобгарӣ кашидан (ҳатто ба ҷавобгарии ҷиноятӣ) барои дар вазни холиси худ нафурӯхтани мол). Камбаркашӣ ҳангоми борпеч кардани молҳо дар анборҳои мағоза низ ба чашм мерасид.

Дар зери паллаи тарозу ҳангоми баркашидани маҳсулот чизҳои гуногун гузошта шуда буданд. Дар мулоқот бо комиссари халқии савдои дохилии ИҶШС И. Вайтсер моҳи апрели соли 1935 қайд кард, ки дар солҳои 1933-1934

[62] Постановление ЦК ВКП(б) «О борьбе с обвешиванием» // Организация и техника советской торговли. – 1934. – Вып. 3/4. – С. 16-17.

тарозуе набуд, ки дар он ҷо пломбаҳо, тангаҳо, оҳанпораҳо ва ғайра набошад[63]. Фурӯшандаҳо метрҳои кӯтоҳшуда, ченакҳои литрӣ, ки ба иқтидори ҳақиқӣ мувофиқ набуданд, ё чизҳои дастисохти махсусро истифода мебурданд. Масалан, дар яке аз дӯконҳои шуъбаи таъминоти коргарони соҳаи нақлиёт нонро бо оҳани 20 грамм сабуктар аз порчае, ки барои он гирифта мешуд, бар мекашиданд. Дар мағозаҳои Сталинобод пиворо дар банкаи ба андозаи 1 литр мефурӯхтанд, гарчанде ки ба он ҳамагӣ 3/4 литр дохил мешуд.

Ба ҷои метрҳо (барои чен кардани матоъҳо) дар рӯйи мизҳои савдо ҳисобкунакҳои (метрҳои) худсохт, вазнҳои тамғанашуда ба таври васеъ истифода мешуданд. Асбобҳои вазнбаркашии номуносиб ҳангоми тафтиш аз нуқтаҳои савдо гирифта мешуданд, Ҳамчунин аз ҷониби фурӯшандаҳо истифодаи тангаи 1 тина барои 1 грамм, 5 тина барои 5 грамм ба кори ҳаррӯзаи фурӯшандаҳо мубаддал гардида буд. Аммо пул барои вазни эълоншуда номувофиқ гирифта мешуд. Ин граммҳо дар як рӯз тадриҷан ба килограммҳо табдил меёфтанд[64].

Мубориза ба муқобили ин гуна ҳодисаҳои манфӣ дар савдо баъзан бо татбиқи моддаҳо оид ба ҷиноятҳои мансабӣ ё қаллобӣ ба роҳ монда мешуд ва онҳо хусусияти низомнокро надоштанд, яъне доимо татбиқ намешуданд. Аммо дар нимаи солҳои 30-юм дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ «барои беҳтар қонеъ гардондани талаботи истеъмолкунанда» даъватҳо пайдо шуданд. Интишори қонуни махсуси зидди ғоратгарии харидорон дар соли 1934 ба даст кашидан аз идеологияи инқилобии ҳаёти маишии ҳаррӯза оварда расонд.

Моҳи октябри соли 1934 дар назди Комиссариати халқии савдои дохилии ИҶШС Нозироти давлатии савдо (НДС) ташкил карда шуд[65]. Маҳз

[63] Ниг.: Российский государственный архив экономики (РГАЭ). – Ф. 7971. – Оп. 1. – Д. 85. – Л. 1 об.

[64] Ниг.: Государственный архив Российской Федерации (ГАРФ). – Ф. – Р-5446. – Оп. 15а. – Д. 432. – Л. 4-5 / Только 28 июля 1939 г. СНК СССР утвердил Положение о Комитете по делам мер и измерительных приборов. Его уполномоченные получили право налагать на виновных в пользовании негодных весоизмерительных приборов лиц штрафы в размере до 300 руб.

[65] Ниг.: Инструкция о работе государственной торговой Инспекции при Наркомторге СССР / Утв. приказом Наркомторга СССР от 3 мая 1938 г., № 352 (Бюлл. Наркомторга СССР. – 1938 г. – №9. – ст. 91).

ба ин мақомот вазифаи назорати риояи нархҳои чаканафурӯшӣ вогузошта шуд, ҳамчунин масъалаи тафтиш аз рӯйи вазни соф ва ба андозаи пурра баровардани молҳо, тафтиши шикояти истеъмолкунандагон дар бораи камбудиҳои кори ташкилотҳои савдоро низ амалӣ мекард. Инспекторҳо ҳуқуқ доштанд, ки маводро ба суд ва прокуратура супоранд ва то 250 рубл ҷарима ситонанд, ҳамчунин ба маъмурияти муассисаҳои савдо ва мағозаҳо барои бартараф намудани вайронкуниҳо супоришҳои ҳатмӣ диҳанд. Бо фармони И.Я. Вайтсер, то 10 фоизи нуктаҳои савдои чакана ҳар моҳ тафтиш карда мешуданд, то ки онҳо истеъмолкунандагонро фиреб надиҳанд. Дар давоми аввалин тафтиш дар моҳҳои январ-феврали соли 1935 НДС 28211 мағоза, ошхона ва базаҳоро тафтиш кард. Натиҷаи тафтиш нишон дод, ки дар 12747, яъне 45,2 фоизи ин ташкилотҳо, мағозаҳо ва дигар ҷойҳо вайронкунии гуногуни истифода бурдани таҷҳизоти бе тамға ва корношоям, баровардани моли ба вазни холис номувофиқ ва ғайра ошкор карда шуд. Ин фактҳо ҳамчун далели бешубҳа дар савдо мавҷуд будани «корчаллонҳои сиёҳ (криминалӣ)» эътироф гардиданд ва фоизи ками «бо унсурҳои бегона ва пӯсида» (мутаносибан 0,5 ва 0,6 фоиз) ҳамчун таҷҳизотҳои нуқсондор аз тавозун бароварда шуданд[66].

Қонунгузории ҷиноятии шуравӣ то қабули Кодекси нави ҷиноятии ИҶШС соли 1960 тафриқагузории ҷавобгариро барои ин ҷиноят вобаста ба хусусияти оқибати рӯхдода ва такроран содир намудани он фарқ намекард. Ин ҳолат дар амалияи судӣ душвориҳои гуногунро ба амал меовард. Ҳатто дар замони авҷи содиршавии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон, яъне дар солҳои 1934, тақрибан барои содир намудани фиреби истеъмолкунандагон 80% ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда, одатан корҳои ислоҳӣ татбиқ карда мешуд. Танҳо баъди ҷаласаи фаврӣ дар назди Прокуратураи генералии ИҶШС 13 октябри соли 1934 ва шарҳу эзоҳоти Пленуми Суди Олии ИҶШС ба судҳо дастур дода шуд, ки ба онҳо ҷазо дар шакли корҳои ислоҳӣ таъин карда нашавад.

[66] Ниг.: Приказ НКВТ СССР от 21 апреля 1935 г. N 703 // Бюллетень НКВТ СССР. – 1935. – №9. – С. 5.

Ҳатто агар корманд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда бошад ҳам, эҳтимоли қатъи парванда зиёд буд. Аксарияти парвандаҳоро на муфаттишон, балки кормандони милитсия (55%) бо қариб пурра вайрон кардани муҳлати муқарраршуда тафтиш мекардаанд. Аз сабаби паст будани сифати тафтиш дар соли 1935 кариб 15 фоизи парвандаҳои ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон қатъ карда шуда, 14,7 фоизаш ба тафтиши иловагӣ фиристонида мешуд. Диққати мақомоти прокуратура ба ҳодисаҳои ғоратгарии истеъмолкунандагон ба қадри кифоя набуд. Камбудиҳо дар амалияи татбиқи қонун ба боқӣ мондани миқёси зиёди фиреби истеъмолкунандагон, махсусан дар савдои хурди чакана мусоидат карданд. Мувофиқи фармони КХСД аз 29 марти соли 1937 дар майдончаи савдо ба ҳар як навъи молу маҳсулот дар витринаҳо, пештоқҳо ва рафҳои савдо бояд нархномаи ин молу маҳсулот гузошта шавад. Аммо назорат кардани савдои хурд хеле душвор буд[67].

Бо қабул шудани аввалин КҶ ҶШС Тоҷикистон аз 15 июни соли 1935 вазъият чандон тағйир наёфт ва меъёри алоҳида барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ҳангоми фиреби истеъмолкунандагон пешбинӣ нагардид. Барои фиреби истеъмолкунандагон шахсро бо моддаи 127[68], яъне вайрон намудани қоидаҳои савдо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашиданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) фиреби назари истеъмолкунандагон ҳамчун воситаи дастрас ва бемамониати ба вуҷуд овардани захираи мол барои ғорат боз ҳам васеътар гардид. Дар соли 1944 мақомоти милитсия дар якҷоягӣ бо фаъолони партиявию шуравӣ тафтиши саросарии дурустии ба истеъмолкунандагон додани молро гузаронд. Дар ҷумҳуриҳо, вилоятҳо ва шаҳрҳо 202377 таҷҳизоти тарозу санҷида шуд, ки аз он 40887 бе тамға ва корношоям баромад, ба ҷои литр қуттии тунука, ба ҷои тарозу сангу танга ва гӯгирд истифода мешуд. Барои истифода аз онҳо 2432 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд (ҷарима ва аз кор хориҷ карда

[67] Ниг.: О ярлыках с ценами в розничной сети // Бюллетень Горвнуторга Ленсовета. – 1937. – №52. – С. 4.
[68] Уголовный кодекс Таджикской Советской Социалистической Республики. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1935. – С. 44.

шуданд)[69]. Мақомоти нозироти савдо дар 12482 мағоза ва ошхона тафтиши мувозина ташкил карданд ва 2680 ҳодисаи кам баркашидан, кам чен кардан ва кам додани бақияи пул ошкор карда шуд. Дар тамоми қаламрави Шуравӣ дар соли 1944 барои фиреби истеъмолкунандагон 2798 нафар ва дар соли 1945 қариб ҳамин қадар (2887 нафар) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд[70].

Дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 8 майи соли 1941 муқаррар шуда буд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреб додани истеъмолкунандагон дар сурате ба вуҷуд меояд, ки агар он қасдан содир шуда бошад, на ин ки аз беэҳтиётӣ. Аммо исбот кардани қасд душвор буд. Аксар вақт коркунони савдо ба набудани таҷриба, корношоямии асбобҳо ва тасодуфан ба хато роҳ додан ишора мекарданд. Дар чунин мавридҳо судҳо аз таъини ҷазои ҳадди аксар худдорӣ мекарданд. Набудани сиёсати аниқ ва пайваста оид ба парвандаҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар солҳои 1930-1950 дар ИҶШС на танҳо боиси боқӣ мондани миқёси ҷинояткорӣ дар ин самт гардид, балки ба такмили усулҳои фиребгарӣ, ташкили ҷинояткорӣ мусоидат намуд.

Чунин мушкилотҳо ва чунин бандубасткуниҳои кирдори ҷиноятӣ о қабули КҶ ИҶШС соли 1960 ва КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 давом карданд. Маҳз соли 1961 дар таърихи қонунгузории Тоҷикистон дуввумин КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул шуд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои фиреби истеъмолкунандагон дар моддаи мустақил, яъне моддаи 170 «Фиреб додани харидорон ва заказчикҳо (фармоишгарон), мустаҳкам намуд ва ин муқарраротс, консепсия таъсири худро дар КҶ ҶТ (соли 1998) расонд.

Мувофиқан ба м. 170 КҶ ҶШС Тоҷикистон фиреб додани харидорон ва фармоишгарон дар кам чен кардан, кам баркашидан, кам додани пул, зиёд кардани нархҳои муқаррар кардашуда чаканафурӯшӣ, инчунин нархҳо ва тарифҳо барои хизматҳои маишӣ ва комуналие, ки ба аҳолӣ расонида

[69] Ниг.: Борьба с обманом потребителей в СССР (1930-е – 1950-е годы) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://wiselawyer.ru/poleznoe/35166-borba-obmanom-potrebitelej-sssr-1930-1950-gody (санаи муроҷиат: 02.03.2021).
[70] Ниг.: Борьба с обманом потребителей в СССР (1930-е – 1950-е годы) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://wiselawyer.ru/poleznoe/35166-borba-obmanom-potrebitelej-sssr-1930-1950-gody (санаи муроҷиат: 02.03.2021).

мешаванд, ё бо роҳи дигар фиреб додани харидорон ва фармоишгарон дар мағозаҳо ва дигар хел корхонаҳои савдо ё дар корхонаҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва хоҷагии комуналӣ ифода мегардид[71]. Бояд қайд намуд, ки аввалин маротиба дар КҶ ҶШС Тоҷикистон дар м. 170 барои фиреби истеъмолкунандагон аломатҳои бандубастшаванда пешбинӣ гардиданд. Мувофиқи қ. 2 м. 170 КҶ ҶШС Тоҷикистон агар кирдорҳои қ. 1 м. 170 аз тарафи гурӯҳи шахсон бо забоняккунии пешакӣ ё ба андозаи калон ё хурд аз тарафи шахсоне, ки пеш аз он барои ҳамин хел ҷиноят суд шудаанд, содир карда шудааст. Дар қисми 1 м. 170 КҶ ҶШС Тоҷикистон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ нашуда буд, дар қ. 2 бошад барои ҳолатҳои вазнинкунанда ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол пешбинӣ гардида буд.

Фиреб додани харидорон ва фармоишгарон ҷинояте буд, ки манфиатҳои савдои шуравӣ, хӯроки умумӣ, хизмати маишӣ ва коммуналиро поймол карда, ба шаҳрвандҳо зарари моддӣ мерасонд. Мубориза қатъӣ ба муқобили ин ҷиноят яке аз вазифаҳои муҳимми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Тарафи объективии ин ҷиноят дар кам чен кардан, кам баркашидан, кам додани пул, зиёд кардани нархҳои муқарраркардашудаи чакана ё нархҳо ва тарифҳо барои хизматҳои маишӣ ва комуналӣ, ё бо роҳи дигар фиреб додани харидорон ва фармоишгарон ифода мегардид.

Кам чен кардан дар ҳолате ҷой дорад, ки агар ба истеъмолкунанда моли дарозиаш камтар назар ба оне, ки пардохт шудааст фурӯхта мешавад (сантиметр, метр).

Кам баркашидан – ин додани мол дар чунин ҳаҷме мебошад, ки ба шартҳои шартнома ва ё стандартҳои муқарраршуда, ки вазн, ҳаҷм ва дигар нишондодҳои шуморавии молро муайян мекунад, мувофиқат намекунад.

Кам додани пул ин бе огоҳии истеъмолкунанда аз тарафи фурӯшанда ё хизматрасон риоя накардани нархе, ки пешакӣ гуфтугузор ё эълон шудааст. Кам додани бақияи пул ҷой дорад инчунин дар он ҳолате, ки агар нархи мол ё

---
[71] Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С. 107.

хизматрасонӣ аз тарафи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шуда бошанду лекин шахс нархи онҳоро нодуруст нишон медиҳад.

Бо роҳи дигар фиреб додани харидорон ва фармоишгарон барои ба таҳлуқа андохтани истеъмолкунанда оид ба шартҳои шартнома, ки барои ҷабрдида аҳаммиятнок мебошанд, мисол, расонидани хизмат баъди фурӯши мол, ваъда оид ба ҷойгир намудани мол, ба расмият даровардани супориши одӣ ҳамчун супориши фаврӣ, фурӯхтани доруворихое, ки аслан хусусияти табобатиро надоранд ва ғайра.

Кам чен кардан, кам баркашидан, кам додани пул, зиёд кардани нархҳои муқарраркардашудаи чакана ё бо роҳи дигар фиреб додани харидорон ва фармоишгарон ҳангоми аз анбор ё мағоза баровардани мол аз тарафи шахсони мансабдор ё шахсони масъули молиявӣ бо мақсади рӯйпӯш кардани камомади маблағҳои моддӣ ё пулии дар натичаи дуздӣ ё хунукназарӣ ба амал омада, дуздии моликияти давлатӣ ё ҷамъиятиро бо роҳи суиистеъмол кардани вазифаи хизматӣ ё худ хунукназарӣ ва фиребгарии харидорон ва фармоишгарон ифода мегардад.

Фиребгарӣ дар фурӯши маҳсулоти колхозӣ низ бо ҷинояти дар моддаи 170 КҶ ҶШС Тоҷикистон бандубаст карда мешуд. Аммо фиреб додани харидорон аз тарафи колхозчиён дар фурӯши маҳсулоти худ бо ҷинояти қаллобӣ, яъне аз рӯйи м. 157 КҶ ҶШС Тоҷикистон бандубаст мегардид. Дар бозор аз тарафи намояндагони колхозҳо бо нархи баландтар аз муқарраркардаи колхоз фурӯхтани маҳсулот ва азхудкардани фарқи байни даромади пешбинишуда ва дар қакикат гирифташуда ҳамчун дуздии моликияти ҷамъиятӣ ҳисоб карда мешуд[72].

Фиреби харидорон ва фармоишгарон метавонад танҳо бо қасди бевосита содир карда шавад ва аз ин рӯ, кам чен кардан, кам баркашидан, кам додани пул аз иштибоҳ таркиби ҷинояти мазкурро ташкил намедиҳад. Пленуми Суди Олии ИҶШС кори ҷиноятии Н ва А.-ро бинобар дар кирдорашон мавҷуд

[72] Ниг.: Муллаев М.М. Комментарий к уголовному кодексу Таджикской СССР (Особенная часть). – Душанбе: Ирфон, 1988. – С. 190.

набудани таркиби ҷиноят қатъ намуд. Онҳо барои он гунаҳкор дониста мешуданд, ки якумин директор ва дуюми бухгалтери калони ошхонаи рақами 1-и мағозаи ҳарбӣ шуда, аз вазифаи хизматӣ суиистеъмол карда, нархҳои муқарраршудаи чаканафуруширо зиёд карда, харидоронро фиреб медоданд. Онҳо коркунони анборҳои ошхонаҳоро вазифадор карданд, ки маҳсулотро ба магғозаҳои кулинарӣ ва дигар нуктаҳои савдо бо нархҳои аз фурӯши чакана қиматтар, яъне бо нархи ба сифати маҳсулоти коркарди сифати баланд фурӯшанд. Ин боиси беасос зиёд шудани мукофотпулӣ ба коргарони ошхона гардид. Додгоҳ ин амалҳоро фиреби харидорон ва суиистифодаи хизматӣ эътироф кард[73]. Пленуми Суди Олии ИҶШС бо ин хулосаи суд розӣ нашуд, зеро дар ин маврид нияти гунаҳкорон барои фиреб додани харидорон бо мақсади аз ҳад зиёд гирифтани пули маҳсулоти ба воситаи нуктаҳои савдо фурӯхташуда муқаррар карда нашудааст. Онҳо мувофиқи тартиби дар савдои ҳарбӣ муқарраргардида маҳсулотро бо пули иловагӣ мефурӯхтанд. Онҳо ҳеҷ гуна манфиатҳои худхоҳона ё дигар манфиатҳои шахсӣ надоштанд.

Ҷиҳати дар амалия дуруст татбиқ намудани м. 170 КҶ ИҶШС Тоҷикистон Пленуми Суди Олии ИҶШС санаи 14 марти соли 1975 қарори худро вобаста ба «Таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии фиреби харидорон ва фармоишгарон» қабул намуд.

Субъекти м. 170 КҶ ҶШС Тоҷикистон махсус буд, яъне кормандони корхонаҳои савдо, хӯроки умумӣ, хизматрасонии маишӣ ва комуналӣ ва дигар шахсон, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонии муайянро анҷом медоданд, дохил мешуданд. Шахсоне, ки молро бо супориши колхозҳо ё дигар ташкилотҳои кооперативӣ мефурӯхтанд, ҳамчун субъекти м. 170 КҶ ҶШС Тоҷикистон баромад мекарданд.

Шахсони воқеии одӣ субъекти ин ҷиноят шуда наметавонистанд.

**Давраи сеюм.** Давраи сеюми рушд ва инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон бо Истиқлолияти давлатии ҶТ ва қабули

---

[73] Ниг.: Муллаев М.М. Комментарий к уголовному кодексу Таджикской СССР (Особенная часть). – Душанбе: Ирфон, 1988. – С. 190.

КҶ нави ҶТ соли 1998 алоқаманд мебошад. Ин давра бо пошхӯрии Империяи Шуравӣ ва соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон алоқаманд аст. Пошхӯриии Империяи Шуравӣ дар охири асри гузашта, на танҳо ба парокандагии давлати абарқудрат, балки ба вайрон гардидани як системаи мукаммали бехатарӣ дар шашяки масоҳати сайёра овард. Дар заминаи аз байн рафтани Иттифоқи Шуравӣ, кишварҳои соҳибистиқлолу мустақил пайдо шуданд, ки онҳо ба ивази системаи мукаммали қонунгузорӣ ба тағйироти ҷиддӣ, руҳафтодагии ҳуқуқӣ, зиддиятҳои сиёсӣ ва талоши ҳокимият гирифтор гардиданд.

Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият аз ҷониби Тоҷикистон гузариши ҷумҳуриро ба шаклҳои бозории хоҷагидорӣ, таҳкими конститутсионии моликияти хусусӣ ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ, густариши рақобат ва густариши савдои хориҷӣ, ки ба ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири куллӣ расонд. Воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хеле зуд тағйир ёфт ва таърихи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол оғоз гардид[74].

Танзими муносибатҳои иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлат буда, онро бо роҳҳои гуногун ба амал бароварда, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳифз менамояд. Яке аз воситаҳои ҳифзи муносибатҳои иқтисодӣ аз ҷониби давлат тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад. Вобаста ба ин, дар Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон фасли XI ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт бахшида шудааст, ки он аз ду боб, яъне боби 26 ҷиноятҳо ба муқоболи моликият ва боби 27 ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодиро дар бар мегирад. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ – ин маҷмуи ҷиноятҳои дар боби 27 ва дигар бобҳои КҶ пешбинигардида мебошад, ки ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шахсони алоҳида ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти иқтисодӣ таҷовуз мекунанд. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ аз ҳама боби калонтарин дар Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки аз 39 моддаи мустақил иборат

[74] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистана: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 4.

аст. Ҳар як моддаҳои ин боб дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ ва тарафи объективии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд[75].

Фиреби истеъмолкунандагон ҷинояти иқтисодии классикӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгарӣ барои он дар ҷаҳони мусулмонӣ ҳама вақт ҷой дошт. Муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон ҳангоми хариду фурӯши мол (хизматрасонӣ), ҳуқуқи истеъмолкунандагон оид ба харидани моли (хизматрасонии) дорои сифати муносиб, гирифтани маълумот оид ба мол (хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳо бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, таҳти №72 муқаррар ва ба танзим дароварда шудааст[76].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагонро ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим даровarда, ҳуқуқи истеъмолкунандагонро барои харидани моли (кори, хизматрасонии) дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон бехатар, гирифтани маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳоро муқаррар ва тарзи татбиқи ин ҳуқуқҳоро муайян мекунад[77].

Мутаассифона, дар замони имрӯза дар бозору нуқтаҳои савдо, умуман, марказҳои хариду фурӯш байни фурӯшандагону харидорон нофаҳмиҳои зиёд рух медиҳанд. Фурӯшандагон барои фурӯхтани моли санаи истеъмолаш ба

[75] Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 5-6.

[76] Ниг.: Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳарири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – С. 391.

[77] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – №12. – қ. 1. – мод. 699; – 2008. – №10. – мод. 805. – мод. 817; – 2013. – №12. – мод. 896; – 2015. – №3. – мод. 215; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с. – №1498; аз 29.01.2021с. –№1769; ҚҶТ аз 23.12.2021с. – №1847).

қарибӣ мегузашта ва ё аллакай гузашта ба тариқи арзонкунии махсус мехоҳанд, молашонро бо нархи арзон фурӯшанд. Харидор бошад, аз арзонии мол хурсанд шуда, ба санаи истеҳсолу муҳлати истеъмолаш нигоҳ накарда, молро мехарад ва дар аксар маврид баъди фаҳмидан худро фиребхӯрда меҳисобад. Бинобар ин, бояд ҳар нафар пеш аз харидани мол ба сифат ва муҳлати истеъмолаш диққати махсус диҳад ва аз дастрас намудани ин қабил маҳсулот худдорӣ намоянд. Бисёр мехостам, ки ҳам фурӯшанда ва ҳам харидор аз мавҷудияти қонуни ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бохабар бошанду тибқи он амал намоянд. Фурӯшандагон низ ҳуқуқҳои харидорро хуб донанд, зеро онҳо дар як вақт харидор ҳам ҳастанд. Бисёр вақт оид ба ин масъала нофаҳмӣ ҷой дорад. Аксар фурӯшандагон худро аз ҳуқуқи истеъмолкунандагон бехабар вонамуд карда, шикояти харидорро ба инобат намегиранд. Онҳо, албатта, бо ин амал ҳуқуқи истеъмолкунандагонро маҳдуд, балки поймол мекунанд. Агар фурӯшанда ҳуқуқи харидорро эътироф кунад, бозори истеъмолиро бо маҳсулоти босифату арзон ва мувофиқ ба талаботи истеъмолгар таъмин намояд, он вақт нофаҳмӣ ва бозпасгардонии мол низ кам хоҳад шуд[78].

Профессор Сафарзода А.И. дуруст қайд менамояд, ки м. 294-и КҶ ҶТ воситаи ҳифзи як намуди махсуси муносибатҳо, яъне муносибатҳои истеъмолӣ мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии байни истеъмолкунандагон ва соҳибкорон – истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон (инчунин миёнаравҳо) дар раванди амалигардии ҳуқуқ ва манфиатҳои ва манфиатҳои қонунии (хактери истеъмолидошта) ҳамчун корхонаҳо ва истеъмолкунандагон тавассути ба амал баровардани фаъолияти тиҷоратӣ (фуруши мол, хизматрасонӣ), аз як тараф ва амалисозии функсияи истеъмолӣ, аз тарафи дигар ба вуҷуд меояд. Дар асоси ин, хулоса баровардан мумкин аст, ки хавфи ҷамъиятии фиреби истеъмолкунандагон аз вайрон кардани тартиби пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонӣ, инчунин расонидани

[78] Ниг.: Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда – рисолати муҳим! [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www. hakikati-sugd.tj/index.php/economics/11206-imoyai-u-u-i-iste-molkunanda-risolati-mu-im (санаи мурочиат: 02.03.2021).

зарар ба истеъмолкунандагоне иборат аст, ки хизматрасонӣ ё молро танҳо барои манфиатҳои шахсӣ истифода мебаранд, ки бо гирифтани фоида алоқаманд нестанд[79].

Моҳияти ҷамъиятии ҳар гуна ҷиноят дар хавфи ҷамъиятии он зоҳир мегардад, яъне ки ин ҷиноят ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад. Бо назардошти он ки моддаи 194 дар боби 27-и КҶ ҶТ омадааст, метавон гуфт, ки ҷиноят ба гурӯҳи ҷиноятҳои иқтисодӣ шомил мебошад.

Ҷинояткории иқтисодиро тавсиф карда, В.В. Лунеев чунин менависад: «Бо тамоми равишҳои гуногуне, ки дар адабиёти ҷаҳонӣ мавҷуданд, моҳияти ҷинояткории иқтисодӣ дар мамлакатҳои иқтисоди бозаргонӣ ҷиноятҳое мебошанд, ки корпоратсияҳо ба муқобили иқтисодиёти давлатӣ, ба муқобили дигар корпоратсияҳо, коркунони корпорацияҳо ба мукобили худи корпоратсия ё корпоратсияҳо бар зидди истеъмолкунандагон содир мекунанд»[80]. Чунин ба назар мерасад, ки ба сохтори ҷиноятҳои иқтисодӣ ҳамчунин бояд ҷиноятҳое, ки кормандони корпоратсияҳо нисбат ба истеъмолкунандагон содир мекунанд, дохил карда шаванд. Зарурати ин тавзеҳот бо он шарҳ дода мешавад, ки кормандони корпоратсияҳо аксар вақт бар хилофи манфиатҳои ин корпоратсия аз мавқеи хизматии худ бо роҳи фиреб додани мизоҷони корпоратсия барои ғанӣ гардонидани манфиатҳои шахсӣ истифода мебаранд.

Барои равшан кардани моҳияти иҷтимоӣ-ҳуқуқии фиреби истеъмолкунандагон хусусиятҳои асосии фарқкунандаи онро муайян кардан лозим аст. Ин ҷиноят пеш аз ҳама дар рафти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фурӯши мол, ба истеъмолкунандагон хизмат расонидан содир мешавад. Қ. 3 м. 1-и КГҶТ фаъолияти соҳибкориро ҳамчун фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррар

---

[79] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистана: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 278.

[80] Лунеев В.В. Преступность XX века. Мировые, региональные и российские тенденции. – М.: НОРМА, 1999. – С. 256.

кардаи қонун ба қайд гирифта шудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст, эътироф намудааст. Аз ин мафҳум чунин бармеояд, ки соҳибкорӣ танҳо фаъолияти қонунӣ мебошад ва ба гирифтани мунтазами фоида аз ҷониби шахсе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳамчун соҳибкор ба қайд гирифта шудааст, равона карда мешавад. Фиреби истеъмолкунандагон низ хусусияти мунтазамиро дорад. Тасодуфӣ нест, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ин ҷиноятро бештар ҳангоми хариди назоратӣ (санҷиши) муайян мекунанд, ки дар аксари мавридҳо фиреби мунтазами истеъмолкунандагонро тасдиқ мекунанд. Маҳз бо фиреби мунтазами истеъмолкунандагон судҳо ба хулосае омаданд, ки ҷинояткор қасди содир кардани ин ҷиноятро пешакӣ доштааст. Бо содир намудани кирдорҳои фиребгарона (қаллобона) ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ ҷинояткорон кӯшиш мекунанд, ки мунтазам ба ҳар як шумораи номаҳдуди истеъмолкунандагон зарари начандон вазнин расонида, фоидаи ғайриқонунӣ ба даст оранд.

Ин ҳолатро ҳамчун хусусияти ба ҷамъият хавнокии ин кирдор эътироф намуда, А.И. Мешерин чунин менависад «ба ҷамъият хавнокии тақаллуб дар шакли фиреби истеъмолкунандагон на танҳо дар ҳаҷми зарар, балки дар худи факти дидаю дониста содир кардани кирдорҳои қаллобӣ (фиребгарӣ), ки кирдори ҷиноятӣ хусусияти низомнокиро дорад, ифода мегардад[81].

Бояд қайд намуд, ки нақши давлат дар ташаккули иқтисоди бозаргонӣ назаррас буда, тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қоидаҳои рафтори озоди иқтисодӣ, фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ва хоҷагиро муайян ва танзим менамояд ва ин меъёрҳо ба ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши фаъолияти иқтисодӣ баробар ва якхела татбиқ мегарданд. Дар умум давлат ҳимояи ҳама гуна муносибатҳои бозаргонӣ, аз ҷумла иштирокчиёни ин муносибатҳоро аз таҷовузҳои

[81] Ниг.: Мещерин А.И. Криминологическая характеристика и профилактика органами внутренних дел мошенничества в виде обмана потребителей: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 53.

ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ба зиммаи худ мегирад.

Рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳалли яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир – таъмини аҳолӣ бо неъматҳои (молу маҳсулот, хизматрасониҳо ва ғайра) ҳаётии босифат ғайриимкон аст. Ҳалли амалии он самти стратегии рушди ҳар як давлат буда, аз бисёр ҷиҳатҳо на танҳо сатҳи некӯаҳволии воқеии шаҳрвандонро муайян мекунад, балки бевосита барои мавҷудияти ҳар як шахс шароити зарурӣ фароҳам меорад ва ба ин васила суботи иҷтимоӣ ва миллӣ, амнияти давлат ва ҷомеа дар маҷмуъ кафолат дода мешавад.

Соҳаи истеъмоли мол ва хизматрасонӣ яке аз муҳимтарин дар сохтори тамоми фаъолияти иқтисодӣ ба шумор меравад, зеро комилан ҳар як шаҳрванд дар тули умри худ ба сифати истеъмолкунанда амал мекунад ва зарурати мантиқии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ӯ ба вуҷуд меояд. Маҳз аз ҳамин сабаб, ҳадафи ин таҳқиқот кӯшиши фаҳмидани самаранокии механизми ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои истеъмолкунандагон ва дурнамои мукаммалнамоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреб додани истеъмолкунандагон мебошад. Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон як соҳаи гардиши моликият буда, барои кишваре, ки дар он муносибатҳои мутамаддини бозор ташаккул меёбанд, аҳаммияти бузург дорад. Тағироти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум оғоз шуда буд, бори аввал ба яке аз калонтарин гурӯҳҳои муносибатҳое, ки дар бозори мол ва хизматрасонӣ ба вуҷуд меоянд, таъсир расонд, яъне муносибатҳо бо иштироки истеъмолкунандагон. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ зарурати фаврии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳифзи истеъмолкунандагон, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии онҳоро ба миён овард.

Кодекси ҷиноятии ҶТ (соли 1998) дар моддаи 294 ҷавобгариро барои фиреби истеъмолкунандагон муқаррар намудааст. Мувофиқи он фиреби истеъмолкунандагон ин камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани

истеъмолкунандагон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон ба миқдори назаррас содир шуда бошанд, фаҳмида мешавад.

Ҳамин тавр, масъалаи таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагонро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Ҳифзи истеъмолкунандагон аз суиистифода аз ҷониби тоҷирон ва ташкилотҳои тиҷоратӣ вазифаи муҳими ҳар як давлат аст. Асосҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон, ки дар Қуръон ва ҳадиси 1400 сол пеш гузошта шуда буд ва имрӯз низ муҳиммияти худро, ки дар дар замони Паёмбар (с) ва халифаҳои солеҳ ҷой дошт, гум накардааст. Дар сураи «Нисо» тамоми василаҳои ноинсофона ба таври қатъӣ маҳкум шуда буданд. Сураи «Ал-мутаффифин (камфурӯшон)» ҳама гуна фиребу найрангро дар тиҷорат манъ мекунад, аз ҷумла ситоиши маҳсулоте, ки харидорро гумроҳ мекунад, омехта кардани маҳсулоти пастсифат ва савдои моли қалбакӣ – ин ҳама дар якҷоягӣ «кам бар кашидан» номида мешавад: «Войи камфурӯшон, онон ки чун аз мардум қайл (паймона) меситонанд, онро пур мекунанд ва чун барои мардум мепаймоянд ё бармекашанд, аз он кам мекунанд».

2. Ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар солҳои аввали пайдоиши ИҶШС одатан тавассути меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ амалӣ карда мешуд. Бояд қайд кард, ки фиреб додани истеъмолкунандагон ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят дар он вақт ҷой надошт. Меъёри махсус дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар аввалин Кодекси ҷиноятии ИҶШС (Асосҳои қонунҳои ҷиноятии Иттифоқи РСС) соли 1924 мавҷуд набуд. Ба зуҳури фиреби харидорон, ки хусусияти низомнок дошт, мумкин аст шартан ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қалбакӣ намудани кортҳои хӯрокворӣ ё барориши нодурусти онҳоро дохил намуд.

3. Амалияи шуравӣ анъанаи пешазинҷилобиро, ки фиреб додани харидоронро ба қаллобӣ баробар намуда, бандубаст мекард, шикаст дод. Ин

ҳолат бо он асоснок карда мешавад, ки ҳуқуқтатбиққунии пешазинқилобӣ ба таври назаррас дигар карда шуд ва дар амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ меъёри нав ба вуҷуд омад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро вайрон кардани қоидаҳои савдо, ки фиреби истеъмолкунандагон дар таркиби он ҷойгир буд, пайдо гардид.

4. Таркиби ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон, ки бо Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС «Дар бораи ҷавобгарӣ барои ғоратгарии истеъмолкунандагон ва фиреб додани давлати Шуравӣ» аз 25 июни соли 1934 дар КҶ Ҷумҳуриҳои иттифоқӣ пайдо гардид, дорои аломатҳои бандубастшаванда набуд ва ин яке аз камбудиҳои ин қарор ва КҶ давлатҳои умумииттифоқӣ буд.

5. Фиреби истеъмолкунандагон яке аз падидаҳои маъмултарин дар савдои чакана буд. Қонуни ҷиноятии шуравӣ онро на танҳо ҳамчун вайрон кардани манфиатҳои гражданинҳо, балки ҳамчун фиреб додани давлат ҳам мешуморид. 80% ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда, одатан корҳои ислоҳӣ татбиқ карда мешуд. Танҳо баъди ҷаласаи фаврӣ дар назди Прокуратураи генералии ИҶШС 13 октябри соли 1934 ва шарҳу эзоҳоти Пленуми Суди Олии ИҶШС ба судҳо дастур дода шуд, ки ба онҳо ҷазо дар шакли корҳои ислоҳӣ таъин карда нашавад.

6. Қонунгузории ҷиноятии шуравӣ то қабули Кодекси нави ҷиноятии ИҶШС соли 1960 тафриқагузории ҷавобгариро барои ин ҷиноят вобаста ба хусусияти оқибати рӯхдода ва такроран содир намудани он фарқ намекард. Ин ҳолат дар амалияи судӣ душвориҳои гуногунро ба амал меовард. Ҳатто дар замони авҷи содиршавии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон, яъне дар солҳои 1934, тақрибан барои содир намудани фиреби истеъмолкунандагон.

7. Фиреби истеъмолкунандагон ҷинояти иқтисодии классикӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгарӣ барои он дар ҷаҳони мусулмонӣ ҳама вақт ҷой дошт. Муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон ҳангоми хариду фурӯши мол (хизматрасонӣ), ҳуқуқи истеъмолкунандагон оид ба харидани моли (хизматрасонии) дорои сифати муносиб, гирифтани маълумот оид ба мол (хизматрасонӣ) ва

истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳо бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, таҳти №72 муқаррар ва ба танзим дароварда шудааст.

## 1.2. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мувофиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ

Таърихан, саъю кӯшиши асосии компаративистика (ҳуқуқшиносии муқоисавӣ) ба таҳлили муқоисавии низоми ҳуқуқи хусусӣ нигаронида шуда буд. Дар китоби классикии Рене Дэвид «Низоми асосии ҳуқуқии муосир» масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ амалан баррасӣ намешавад. Дар «Энсиклопедияи байналмиллалии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ» масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ низ мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Ҳамзамон, дар айни замон омӯзиши муқоисавии системаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз сабаби он ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ягонагии (унификатсия) муайяни қонунгузории ҷиноятиро тақозо мекунанд ва он имкон медиҳад, ки ба ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои гуногун дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ таъсири манфӣ расонад.

Ғайр аз ин, усули ҳуқуқи муқоисавӣ ҷузъи муҳимми ҳама гуна таҳқиқотҳо ба ҳисоб меравад, ки ба такмили меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии миллӣ нигаронида шудаанд. Самти дигари муҳимми татбиқи усули таҳлили муқоисавии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмини адолати судии байналмилалии ҷиноятӣ мебошад, ки дар даҳсолаҳои охир фаъолона инкишоф ёфта истодааст. Илова бар ин, натиҷаҳои чунин таҳлил ҳангоми татбиқи навъҳои гуногуни меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ (пеш аз ҳама меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ, принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшуда дар соҳаи ҳуқуқи инсон) истифода мешаванд.

Муқоиса ҷузъи ҷудонашавандаи тафаккури инсонист. Муқоиса на танҳо дар донишҳои илмӣ, балки дар фаъолияти истеҳсолии одамон, дар ҳаёти

ҳаррӯзаи онҳо, дар соҳаи маориф низ истифода мешавад ва он ҳам аҳаммияти маърифатӣ ва ҳам амалӣ дорад. Ин як усули умумии илмию мантиқии шинохт аст, ки таваҷҷуҳи ҳам файласуфони қадим ва ҳам мутафаккирони муосирро ба худ ҷалб кардааст. Дар адабиёти фалсафӣ дуруст қайд гардидааст, ки муқоисаро ҳамчун ҷиҳати имманентии ҷараёни шинохт, хамчун яке аз усулҳои асосии мантиқии шинохти олами беруна донистан лозим аст[82]. Донистани ҳар як предмет ва ҳодиса аз он оғоз мешавад, ки мо онро аз ҳама ашёи дигар фарқ мекунем ва шабоҳати онро бо ашёи ба ҳам алоқаманд муқаррар мекунем.

Муқоисаро аз дигар усулҳои мантиқии шинохт (таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғ.) ҷудогона баррасӣ кардан мумкин нест. Ин ҷузъҳои системаи умумии воситаҳои маърифатӣ аз ҳамдигар ҷудо, танҳо ҳамчун абстраксияи равонӣ вуҷуд доранд, ки истифодабарии он на танҳо қонунӣ, балки барои фарқи дақиқи ин ҷузъҳо, барои муайян кардани вазифаҳои мушаххаси маърифатии онҳо зарур аст. Ҳамин тариқ, усули муқоисаро метавон аз дигар усулҳои мантиқӣ ҷудо ва дар алоҳидагӣ баррасӣ кард, вале дар раванди умумии тафаккур он бо ҳамаи усулҳои дигари шинохт алоқаи ногусастанӣ дорад ва ҳамкорӣ мекунад.

Муқоиса ҷузъи доимии ҳамаи шаклҳои дониш аст. Ҳамзамон дар соҳаҳои гуногуни илм он дорои хусусияти хос мебошад. Барои баъзе соҳаҳо зарурати истифодаи усули муқоисавии махсус ташкилшуда ва мунтазам истифодашаванда вуҷуд надорад, барои баъзеи дигар, таҳияи чунин усул бинобар ниёзҳои дохилӣ (хусусиятҳои предмети таҳқиқот ва хусусияти вазифаҳои маърифатӣ) зарур аст. Барои ҳамин ҳам дар як қатор илмҳо фанҳои махсуси муқоисавӣ ташаккул ёфтаанд. Дар ҳар кадоми онҳо усули муқоисавӣ дар баробари иҷрои баъзе вазифаҳои умумии маърифатӣ, дар айни замон хусусиятхои хоси худро дорад.

Муҳаққиқ Э.С. Маркарян комилан дуруст функсияҳои усули муқоисаро

---

[82] Ниг.: Додонов В.Н. Сравнительное уголовное право. Общая часть / Под общ. ред. С.П. Щербы. – М.: Юрлитинформ, 2009. – С. 3. – 448 с.

дар фаъолияти маърифатӣ дар умум ва ҳамчун усули нисбатан мустақил, мунтазам ташаккулёфтаи таҳқиқот, ки дар он муқоисаҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои мушаххаси маърифат хизмат мекунанд, пешниҳод мекунад[83].

Таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ тавассути муайян кардани шабоҳатҳо ошкор мекунад, ки чӣ гуна системаҳои ҳуқуқии муқоисашаванда аз якдигар фарқ мекунанд. Вазифаҳо ва имкониятҳои таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқӣ (муайян кардани шабоҳат ва фарқияти объектҳо ва равандҳои муқоисашаванда) ҳамчунин бо шабоҳат ва фарқияти системаҳои ҳуқуқӣ алоқамандaнд. Аз як тараф, усули муқоиса чизи умумиеро дар назар дорад, ки онро танҳо тавассути усули муқоисавӣ ошкор кардан мумкин аст, аз тарафи дигар он барои муқаррар намудани фарқияти объектҳои муқоисашаванда ёрӣ мерасонад. Усули муқоисавии ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои муҳимми омӯзиши падидаҳо ва равандҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Ба шарофати татбиқи он имкон пайдо мешавад, ки дар низоми ҳуқуқии замони мо умумият, махсусият ва ягонагиҳо муайян карда шавад.

Профессорон Т.Ш. Шарипов ва А.И. Сафарзода қайд мекунанд, ки усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аз таҳлили ин ё он институтҳо, категорияҳо ва мафҳумҳои (масалан, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ) ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ бо роҳи муқоиса кардани мазмуни онҳо бо институтҳо, категорияҳо ва мафҳумҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ иборат мебошад. Қайд кардан лозим аст, ки илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ таҷрибаи бисёреро дар татбиқи ин гуна усул андӯхтааст. Вале гузариш ба ғояҳои арзишноки умумибашарӣ дар соҳаи ҳуқуки ҷиноятӣ аз нав дида баромадани вазифаҳоеро дар назар дорад, ки дар назди муҳаққиқон ҳангоми истифодаи ин усул меистанд. Зеро вазифаи қаблии бардурӯғонаи ҳизбӣ-ғоявии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ имконияти потенсиалии усули номбурдаро ба таври ҷиддӣ маҳдуд намуда, асосан онро бо фош кардани назарияи реаксионии ҳуқуқи ҷиноятии буржуазӣ ва моҳияти реаксионӣ доштани худи

[83] Ниг.: Маркарян О.С. Очерки теории культуры. – Ереван, 1969. – С. 183-184.

қонунгузории ҷиноятии буржуазӣ алоқаманд менамуд. Дар ин ҷода дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ кушоду равшан ба «зиёдатӣ» даст задан роҳ дода шудааст. Танқид меъёри объективонаи худро аз даст дода, худи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ табиатан аз чунин муносибат бисёр хислатҳоро гум кардааст[84].

Истифодаи усули ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ақидаи олим рус А.А. Малиновский аҳаммияти зерин дорад: а) таҳлили қонунгузорӣ ва татбиқи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ метавонад шакли идоракунии давлат ва режими сиёсии онро тавсиф диҳад. Масалан, ҳангоми таҳлили ҷиноятҳои давлатӣ мо метавонем муайян намоем, ки ин давлат президентӣ аст ё монархӣ; б) тавассути усули муқоисавӣ ҳуқуқӣ муайян намудан мумкин аст, ки чаро дар як давлат ҳамон як кирдор ҷиноят аст ва дар дигар давлат он ҳаракати қонунӣ аст; в) ин усул яке аз тарзу воситаи мукаммалнамоии қонуни ҷиноятӣ мебошад[85].

Умуман, усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ, бахусус дар самти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла пешгирии фиреби истеъмолкунандагон аҳаммияти хоса дорад. Зеро, бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва дорои низоми ҳуқуқии такмилёфта, ки дар он ҷо сатҳи ҷинояткорӣ вобаста ба ҷиноятҳои иқтисодӣ, аз ҷумла фиреби истеъмолкунандагон дар сатҳи паст қарор дорад, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад КҶ ва қонунҳои худро дар ин самт мукаммал намояд. Истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон аҳаммияти байналмилалӣ низ дорад, зеро дар арсаи байналмилалӣ ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқии истеъмолкунандагон диққати ҷиддӣ дода шудааст. Ҳангоми истифодаи усули муқоисавӣ – ҳуқуқӣ дар таҳлили ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон бояд ба вазифаҳои он диққат дода шавад. М.Ҷ. Раҳмонзода дуруст менависад, ки интихоби мавзуи муқоисашаванда, омӯзиши объектҳои муқоисавӣ дар алоҳидагӣ ва муқаррар

[84] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2016. – 520 с.
[85] Ниг.: Малиновский А.А. Сравнительное правоведение в сфере уголовного права. – М., 2002. – С. 8-9.

намудани нишонаҳои муҳимтарини онҳо, муқоисаи нишонаҳои ҳосилшуда ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои умумӣ (ба монанди объект ва тарафи объективии ҷиноят) ва фарқкунандаи ҳодисаҳои таҳлилшаванда (тарзу воситаи содиркунии ҷиноят), барои дуруст хулосабарорӣ намудани таҳқиқот аҳаммияти хосса дорад[86].

Интихоби мавзуи муқоисашаванда ин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар асоси қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ мебошад. Зеро, низоми қонунгузорӣ ва давлатдории ин давлатҳо, ки дар доираи ИДМ муттаҳид шудаанд ва дар он мақомоти Асамблеяи байнипарлумонӣ амал менамояд, ки барои ин давлатҳо қонунҳои намунавии тавсиявӣ пешниҳод мекунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки гузариш аз низоми марказонидашуда ва бо танзими усули сахти назоратии хоҷагии халқ, ба афзоиши зиёди содиршавии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ аз ҷумла фиреби истеъмолкунандагон оварда расонд.

Проблемаи мубориза ба муқобили ҷиноятҳое, ки бо роҳи фиреб содир мешаванд, ҳангоми бастани аҳдҳо оид ба фурӯши мол, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ характери байналхалқӣ дорад. Зеро бо пайдоиши ҳунару тиҷорат мушкили қаллобӣ дар фурӯши мол ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҷониби бевиҷдононаи чунин муомилот ба миён омад. Дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ин гуна амалҳо бештар ҳамчун қаллобӣ ё кирдоре, ки ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагонро поймол мекунанд ва ё ба саломатии аҳолӣ таҳдид мекунанд, пешбинӣ шудаанд.

Барои мукаммалнамоии таркиби м. 294 КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои фиреби истеъмолкунандагон муқаррар намудааст ва барои амалӣ намудани ҳадафҳои таҳқиқот, диққати махсусро таҳқиқоти меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ медиҳад, ки ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро аз ҷинояткорӣ ҳимоя мекунад. Чунин гузориши масъала бо он асоснок карда мешавад, ки мувофиқан ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ истеъмолкунанда

[86] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонугузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 40.

дар муносибатҳои шартномавӣ дар муқоиса бо шарикони худ вазъи махсусро (бартариятдор) дорад.

Ассамблеяи Генералии СММ дар соли 1985 «Принсипҳои роҳнамокунанда оид ба ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон»-ро қабул намуд, ки баҳри ба таъмини ҳолатҳои зерин равона гардидааст: а) ҳифзи истеъмолкунандагон аз зарар ба саломатӣ ва амнияти онҳо; а) мусоидат ба манфиатҳои иқтисодии истеъмолкунандагон ва ҳимояи ин манфиатҳо; в) дастрасии истеъмолкунандагон ба иттилооти дахлдор, ки барои интихоби дуруст ва ниёзҳои инфиродӣ заруранд; г) таҳсилоти истеъмолӣ; е) мавҷуд будани расмиёти муассир барои баррасии шикоятҳои истеъмолкунандагон; е) озодиии таъсиси гурӯҳи истеъмолкунандагон ва дигар гурӯҳҳо ё ташкилотҳои дахлдор ва имконияти чунин созмонҳо барои баён кардани нуқтаи назари худ дар раванди қабули қарорҳое, ки ба манфиатҳои онҳо таъсир мерасонанд[87].

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ, инчунин зиёд шудани шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон, дастрасӣ ба маводи бехатарии озуқаворӣ масъалаи ҳаётан муҳим ва рӯзмара гардидааст. Ба қавли олимону мутахассисон ва сиёсатмадорони ҷаҳонӣ барои аз байн бурдани ин мушкилот танҳо талошҳои дастаҷамъонаи байналмилалӣ зарур аст. Бо ин мақсад Созмони Милали Муттаҳид соли 1985, Қатъномаеро қабул намуда буд, ки дар асоси он ҳамасола 15 март ҳамчун рӯзи байналмилалии ҳуқуқи истеъмолкундагон таҷлил мегардад. Ҳамчунин дар асоси ин Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид тамоми кишварҳои ҷаҳон махсусан кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вазифадор гардидаанд, ки барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон барномаҳои махсусеро қабул намуда, ба шаҳрвандон маҳсулоти бехатари озуқавориро таъмин намоянд[88].

Ҳимояи манфиатҳои тарафҳои бовиҷдононаи шартнома оид ба фурӯши

---

[87] Ниг.: Руководящие принципы ООН по защите прав потребителей [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://translated.turbopages.org/proxy_u/en-ru.ru.73e79367-62b1a69b-1cf38ca4-74722d776562/https/en.wikipedia.org/wiki/United_Nations_Guidelines_for_Consumer_Protection (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

[88] Ниг.: Таъмини маҳсулоти бехатар ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон рисолати мост [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cfs.tj/kumita/khabarho/ta-mini-ma-suloti-bekhatar-va-imoyai-u-u-i-iste-molkunandagon-risolati-most (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

молҳо, иҷрои кор, расонидани хизматрасониҳо аз кирдори фиребгаронаи тарафи дигари шартнома дар доираи тамоми маҷмуи қонунҳои граждании, маъмурӣ ва ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, барои мақсадҳои ин таҳқиқот омӯхтани қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ аҳаммиятнок аст.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар боби 29 Кодекси намунавии ҷиноятӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ (КНҶ ИДМ) «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби амалигардии фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари иқтисодӣ» муқаррар гардидааст. Ба ақидаи бештари муҳаққиқони ватанӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, алалхусус намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, ба монанди Н.А. Қудратов[89], М.Ҷ. Раҳмонзода[90], Ш.Н. Саидов[91], А.И. Сафаров[92], Р.И. Шарипов[93] ва дигарон тадқиоти илмӣ бурдаанд ва қайд менамоянд, ки заминаи асосии қабули КҶ ҶТ-ро маҳз КНҶ ИДМ ташкил медиҳад. Шарти мутақаддимавӣ ҷиҳати ягонашаклии қонунгузории миллӣ тавассути КНҶ ИДМ ба ақидаи профессор Б.В. Волженкин чунин ҳолатҳои асосӣ баромад мекунанд: амалан ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ низоми нави афзалиятро эътироф намуда, роҳ ба сӯи ташкили ҷомеаи демократии шаҳрвандиро дар мамлакати худ эълон намуданд, ки дар он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳояш арзиши олӣ мебошад; низоми иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ ба эътирофи баробарии ҳама гуна шаклҳои моликият, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, тарафдории рақобати солим асос мeёбад; инкишофи ҷинояткорӣ дар давлатҳои аъзои

[89] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2012. – 28 с; Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2012. – 216 с.

[90] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонугузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 40.

[91] Ниг.: Саидов Ш.Н. Уголовная ответственность за контрабанда по законодательство Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011. – 28 с.

[92] Ниг.: Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011. – 28 с.; Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2013. – 175 с.

[93] Ниг.: Шарипов Р.И. Уголовная ответственность за мошенничество по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2012. – 173 с.

ИДМ дорои хусусиятҳо ва тамоюлҳои асосии умумӣ мебошад ва бештари шаклҳои ҷиноят хусусияти фаромилиро касб намудаанд; низоми ҳуқуқӣ-ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ мушобиҳат (айният), умумияти одатҳои ҳуқуқӣ, ки ҳангоми дар як давлат дар масири якчанд даҳсолаҳо арзи ҳастӣ намудан ба як шакли муайян даромааст, ҳифз намудаанд[94].

КНҶ ИДМ барои тартибдиҳандагони лоиҳаи кодексҳои ҷиноятӣ ва қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ дар эҷодкунии қонунгузории муосир заминаи асосӣ мебошад, ки баҳри мубориза бар зидди ҷиноятkории иқтисодӣ равона шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ислоҳоти куллии иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳое, ки пас аз пошхӯрии ИҶШС пайдо шуданд, ба эътирофи баробарҳуқуқии ҳама гуна шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, маҳдудияти дахолати давлат ба иқтисодиёт асос ёфтаанд. Ҳолатҳои зикршуда, ҳамчунин умумияти одатҳои ҳуқуқӣ ва менталитети ҳуқуқии онро ифода менамоянд, ки бештар маврид тарзҳои монанд дар ислоҳоти қонунгузорӣ, ки муайнкунандаи доираи кирдорҳои ҷиноятӣ дар соҳаи иқтисодиёт мебошанд, истифода мегардад ва он дар шароити равобити иқтисодии ҳифзшуда ва хусусияти байналмилалӣ доштани бештари ҷиноятҳои иқтисодӣ аҳаммияти хосса дорад[95].

Дар масири ИДМ меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятие, ки ҷавобгариро барои фиреби истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизматрасонӣ муқаррар мекунанд, асосан ҳамшабеҳанд, зеро онҳо таърихан дар асоси анъанаҳои қонунгузории Иттифоқи Шуравӣ ташаккул ва инкишоф ёфтаанд. Дар баробари ин, вобаста ба сатҳи гуногуни рушди иқтисодии давлатҳои пасошуравӣ, хусусиятҳо ва анъанаҳои миллӣ ва динамикаи қонунэҷодкунӣ дар самти ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ баъзе тафовутҳо низ ба назар мерасанд. Бинобар ин ҷиҳати омӯзиши қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ таҳлили алоҳидаи ҳар як давлат ва хулосабарорӣ

[94] Ниг.: Волженкин Б.В. Предпосылки и концептуальные проблемы разработки модельного Уголовного кодекса для государств-участников СНГ / Б.В. Волженкин // Вестник Межпарламентской ассамблеи. – 1995. – №4. – С. 37.
[95] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонугузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 41.

намудан аз ин таҳлил зарур аст.

Дар КНҶ ИДМ фиреби истеъмолкунандагон дар м. 282 пешбинӣ гардидааст. Таҳлили таркиби ин модда нишон медиҳад, ки ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ онро дар КҶ-и худ бе ягон тағйирот криминализатсия намудаанд.

Омӯзиши КҶ Ҷумҳурии Беларус (минбаъд (КҶ ҶБ) дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ҷолиби диққат аст, зеро таркиби ин ҷиноят аз КҶ-и дигар давлатҳои ИДМ тафовути бештаре дорад. Фиреби истеъмолкунандагон ҳамчун ҷиноят дар м. 257 КҶ ҶБ мустаҳкам карда шудааст ва мазмуни он дар «фиреб додани харидорон, фармоишгарон ё дигар истеъмолкунандагон аз ҷониби корманди соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ, ки бо фурӯши молҳо, иҷрои кор ё хизматрасонӣ машғуланд, ё фиреб додани истеъмолкунандагон аз ҷониби соҳибкори инфиродие, ки бо ҳамин фаъолият машғул аст (фиреби истеъмолкунандагон), ки дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ барои ҳамин ҳуқуқвайронкунӣ ё ба андозаи калон содир шудааст» ифода мегардад[96].

Объекти бевоситаи фиреби истеъмолкунандагон муносибатҳои ҷамъиятии байни шаҳрвандон – истеъмолкунандагони мол, кор ё хизматрасонӣ ва корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, новобаста аз шакли моликият ва шароити хоҷагидорӣ, соҳибкорони инфиродӣ мебошад, ки ба аҳолӣ мол мефурӯшанд, корҳоро иҷро мекунанд ё хизмат мерасонанд, мебошад. Унсури дигари объекти ҷиноят ин ҷабрдида аз ҷиноят мебошад. Ҷабрдидагони ин ҷиноят истеъмолкунандагон мебошанд, ва ба сифати он шаҳрвандоне дохил мешаванд, ки мол (кор, хизматрасонӣ)-ро барои истеъмоли шахсӣ мехаранд, на барои фаъолияти соҳибкорӣ[97].

Тарафи объективии ҷиноят кирдор дар намуди фиреб ифода мегардад.

---

[96] Уголовный кодекс Республики Беларусь [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=hk9900275 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

[97] Ниг.: Преступления против торговли (комментарий к ст. 257 «Обман потребителей» главы 25 «Преступления против порядка осуществления экономической деятельности» Уголовного кодекса Республики Беларусь) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://bypravo.ru/prestupleniya-protiv-torgovli-kommentarij-k-st-257-obman-potrebitelej-glavy-25-prestupleniya-protiv-poryadka-osushhestvleniya-ekonomicheskoj-deyatelnosti-ugolovnogo-kodeksa-respubliki-belarus/ (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

Фиреб додани истеъмолкунанда ин нисбат ба хусусиятҳои сифатӣ ё миқдории моли фурӯхташуда, кори иҷрошуда ё хизматрасонӣ ё бо роҳи қаллобӣ аз ҳад зиёд баҳо додани арзиши онҳо мебошад.

Тарзи содир намудани фиреб ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонанд ва метавонанд гуногун бошанд, вале аз ҳама тарзи маъмули содир намудани он кам чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, зиёд кардани нарху тарифҳои муқарраршуда мебошад. Фиреб инчунин метавонад дар содир намудани чунин кирдорҳо, аз қабили фурӯши моли қалбакӣ, фурӯши моли пастсифат бо нархи баланд, фурӯши моли арзон бо нархе, ки пеш аз баҳогузорӣ мавҷуд буд, ба расмият даровардани иҷрои фармоиши одӣ ҳамчун таъҷилӣ, ба таври сунъӣ зиёд кардани вазн ё ҳаҷм, аз ҳад зиёд бахо додан ба миқдори масолеҳи истифодашуда ва ғайра ифода ёфтанаш мумкин аст. Ҳангоми фиреб додани муштарӣ метавон як ё ду ва зиёда тарзи содиркунии ҷиноятро истифода бурд.

Фиреб дар таркиби м. 257 КҶ ҶБ танҳо дар ҷараёни фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ) ҳам ҳангоми ба истеъмолкунанда додани мол ва ҳам баъд аз додани он ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо метавонад анҷом дода шавад. Агар дар бораи сифат, миқдор, таркиб, усули истеҳсол ва дигар хусусиятҳои маҳсулот (мол, кор, хизмат) дидаю дониста бардурӯғ бо истифода аз реклама паҳн карда шавад, дар чунин маврид ҷавобгарӣ м. 250-и КҶ ҶТ, яъне барои барои паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар бораи мол ва хизматрасонӣ ба вуҷуд меояд.

Агар кирдори фиребгаронаи гунаҳгор пеш аз фурӯши бевоситаи мол (кор, хизматрасони), масалан, ҳангоми бандубасти пеш аз фурӯши мол содир шавад, пас он бояд ҳамчун сӯйиқасд ба ҷиноят бандубаст карда шавад.

Барои фиреби истеъмолкунандагонро ҳамчун ҷиноят эътироф кардан, ҳадди ақал яке аз аломатҳои дар м. 257-и КҶ ҶБ пешбинишуда бояд ҷой дошта бошад. Мутобиқи қ. 1 м. 257 КҶ ҶБ – преюдитсияи маъмурӣ ё миқдори назаррас ва мутобиқи қ. 2 содир намудани фиреб аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо

маслиҳати пешакӣ ва содир намудани фиреб аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст ё зарар ба андозаи калон бояд ҷой дошта бошад[98].

Тарафи субъективии фиреби истеъмолкунандагон дар КҶ ҶБ гуноҳ дар намуди қасди бевосита ифода мегардад. Ангезаи фиреб, чун қоида, ниятҳои ғаразнок аст, аммо ҷавобгарӣ барои фиреб додани истеъмолкунандагон низ ба миён меояд, агар шахси гунаҳкор нияти дигар дошта бошад, масалан, хоҳиши пӯшонидани камбудии қаблан ташкилшуда, пӯшонидани камбудиҳои истеҳсолӣ, беҳтар кардани фаъолият, ва гайра. Мақсади маъмултарини фиреб додани истеъмолкунандагон ин аст, ки аз истеъмолкунандагон бештар аз он маблағе, ки онҳо бояд барои моли воқеан харидашуда, хидматҳои гирифташуда ё коре, ки барои онҳо иҷро карда мешаванд, пардохт кунанд, яъне ба даст овардани фоида.

Субъектҳои фиреби истеъмолкунандагон метавонанд кормандони соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқие, ки ба фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ машғуланд ё соҳибкорони инфиродӣ, ки ба ҳамин фаъолият машғуланд, бошанд. Субъекти ҷиноят инчунин кормандоне шуда метавонанд, ки мол (кор, хизматрасонӣ)-ро мустақиман намефурӯшанд, балки молро барои додани харидорон омода мекунанд (ошпазҳо, борпечҳо ва ғ.).

Ҷумҳурии Озарбойҷон 30 декабри соли 1999 Кодекси ҷиноятии худро қабул намуд, ки он аз 1 сентябри соли 2000 ба қувваи амал даромад. Ба ақидаи В. Максимов ҳангоми таҳияи лоиҳаи КҶ ҶО дастовардҳои муосири доктринаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳо ба назар гирифта шудааст[99].

Дар КҶ ҶО ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар м. 200 бо номи фиреби истеъмолкунандагон ё истеҳсол ва фурӯши молҳои

---

[98] Уголовный кодекс Республики Беларусь [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=hk9900275 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

[99] Ниг.: Максимов В. Новое уголовное законодательство Азербайджанской Республики (вопросы общей части) / В. Максимов // Уголовное право. – 2001. – №4. – С. 49.

бесифат муқаррар карда шудааст.

Матни м. 200 КҶ ҶТ бо матни м. 294 КҶ ҶТ шабеҳият дорад. Мувофиқи м. 200 КҶ ҶА фиреби истеъмолкунандагон, яъне кам чен кардан, кам баркаш кардан, кам ҳисоб кардан, ба гумроҳӣ андохтан дар бораи хосиятҳои истеъмолӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) дар ташкилотҳое, ки мол мефурӯшанд ё ба аҳолӣ хизмат мерасонанд, инчунин аз ҷониби шаҳрвандоне, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар соҳаи фаъолияти савдо (хизматрасонӣ) ба қайд гирифта шудаанд, агар ин кирдорҳо ба миқдори калон содир шуда бошанд, фаҳмида мешавад[100].

Хусусияти моддаи 200-и КҶ ҶА дар он аст, ки қисми 3 ҳамин модда ҷавобгарӣ барои истеҳсол, ба фурӯш баровардан ё фурӯши маҳсулоти пастсифат, пинҳон кардани маҳсулоти пастсифат, ки боиси расонидани зарари начандон вазнин ё вазнин ба саломатии ҷабрдида муқаррар карда шуда, дар қисми 4 – барои ҳамон кирдорҳое, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё дигар оқибатҳои вазнин гардидааст, мебошад. Чунин ҳолатҳои дар таҷрибаи қонуни ҷиноятии Тоҷикистон вобаста ба ҷинояти фиреби истеъмокунандагон дида намешавад. Баръакс, чунин таркиб дар КҶ ҶТ ҳамчун ҷинояти мустақил баромад мекунад ва он дар м. 209, яъне ҷавобгарӣ барои истеҳсол, нигоҳ доштан, интиқол ё ба соҳибияти каси дигар додани мол ё маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасоние, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавоб намедиҳад, муқаррар гардидааст. Мувофиқи моддаи зикршуда истеҳсол, нигоҳ доштан ё интиқол додан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ё ин ки ба соҳибияти каси дигар додани мол ё маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки ба талаботи бехатарӣ барои ҳаёт ё саломатии истеъмолкунандагон ҷавоб намедиҳад, ҳамчунин ғайриқонунӣ додани санади расмӣ ё истифодаи чунин санад, ки мутобиқи ин мол, кор ё хизматрасониро ба талаботи бехатарӣ тасдиқ мекунад, ҷиноят мебошад. Вобаста ба объект ин ҷиноятҳо бояд дар таркиби як модда ҷой дода нашаванд. Зеро объекти м. 294

[100] Уголовный кодекс Азербайджанской Республики от 30.12.1999 г., №787-IQ (ред. от 26.05.2000) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.migration.gov.az/content/pdf/7d878287d2a6aa187238b93c7df26ef3.pdf (санаи муроҷиат: 24.06.2022).

муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ бошад, пас объекти м. 209 муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти ҳифзи саломатии аҳолӣ мебошад.

Вобаста ба тарафи объективии ҷиноят м. 200 КҶ ҶА аз м. 294 КҶ ҶТ бо кирдорҳои зерин фарқ мекунад[101]:

1. Истеҳсоли маҳсулоти пастсифат;

2. фурӯш баровардани маҳсулоти пастсифат;

3. фурӯши маҳсулоти пастсифат;

4. пинҳон кардани маҳсулоти пастсифат.

Тарафи субъективии фиреби истеъмолкунандагон дар КҶ ҶА гуноҳ дар намуди қасди бевосита ифода мегардад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон, ки 18 апрели соли 2003[102] қабул шудааст ва меъёри махсус вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар м. 212-ро муқаррар намудааст. Мувофиқи м. 212 КҶ ҶА фиреби истеъмолкунандагон дар камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон дар ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби соҳибкорони инфиродии соҳаи савдо ба миқдори назаррас содир шуда бошанд, ифода мегардад. Таҳлили моддаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки объект, тарафи объективӣ ва тарафи субъективии ин ҷиноят бо м. 294 КҶ ҶТ ба пуррагӣ мувофиқат менамояд. Танҳо вобаста субъекти ҷиноят дар м. 212 КҶ ҶА фарқият дида мешавад, яъне субъекти ин ҷиноят ҳамчунин метавонанд соҳибкорони инфиродӣ баромад намоянд дар КҶ ҶТ бар ивази соҳибкори инфиродӣ истилоҳи шаҳрванд истифода гардидааст, ки ба назари мо дуруст мебошад. Зеро шаҳрванд метавонад бе бақайдгирии давлатии худ ба сифати соҳибкори

---

[101] Уголовный кодекс Азербайджанской Республики от 30.12.1999 г., №787-IQ (ред. от 26.05.2000) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.migration.gov.az/content/pdf/7d878287d2a6aa187238b93c7df26ef3.pdf (санаи муроҷиат: 24.06.2022).

[102] Уголовный кодекс Республики Армения [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.parliament.am/legislation.php?sel=show&ID=1349&lang=rus (санаи муроҷиат: 28.04.2022).

инфиродӣ ба фурӯши молу маҳсулот машғул гардад.

Ҳолатҳои бандубастшаванда дар КҶ ҶА инҳо баромад мекунанд ва ин ҳолатҳо низ бо муқаррароти м. 294 КҶ ҶТ мувофиқ мебошанд:

1. ба миқдори калон (қ. 2 м. 212 КҶ ҶА);

2. аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ муташаккил (қ. 2 м. 212 КҶ ҶА);

3. аз ҷониби гурӯҳи муташаккил (қ. 3 м. 212 КҶ ҶА);

4. ба миқдори махсусан калон (қ. 4 м. 212 КҶ ҶА).

Таҳлили КҶ ҶА нишон медиҳад, ки муқоисаи таркиби фиреби истеъмолкунандагон, ки дар м. 212 муқаррар гардидааст, наметавонад барои мукамалнамоии КҶ ҶТ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мусоидат намояд.

Ҷумҳурии Туркманистон 12 июни соли 1997 КҶ-и худро қабул намуд ва дар м. 264 ҷавобгарии ҷиноятиро барои фиреби истеъмолкунандагон муқаррар намуд[103]. Таркиби м. 264 КҶ Туркманистон бо м. 294 КҶ ҶТ вобаста ба объект, тарафи объективӣ ва тарафи субъективӣ ҳамшабеҳ мебошад. Танҳо субъекти ҷиноят дар м. 264 КҶ Туркманистон ба таври умумӣ, яъне аз ҷониби шахсоне, ки молро мефурушад, кор ва химатрасониҳоро иҷро менамояд, нишон дода шудааст.

Яке аз хусусиятҳои м. 264 КҶ Туркманистон дар он ифода меебад, ки дар банди «а» таркиб бо преюдитсияи маъмурӣ, яъне барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар давоми сол шахс бояд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда бошад. Чунин ҳолат дар таҷрибаи КҶ ҶТ дида намешавад ва ба ақидаи мо муқаррар намудани таркиб бо пребдитсияи маъмурӣ дар м. 294 КҶ ҶТ амали саривақтӣ мебошад.

Дар давлатҳои аъзои ИДМ Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон давлатҳои ба шумор мераванд, ки фиреби истеъмолкунандагонро ҳамчун ҷиноят декриминализатсия кардаанд

---

[103] Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года, №222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.11.2021 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31295286&pos=6;-108#pos=6;-108 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

ва барои он ҷавобгарии маъмурӣ муқарар кардаанд.

Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Ширавӣ аввалин давлате, ки КҶ худро қабул намуд Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. 22 сентябри соли 1994 Ӯзбекистон КҶ[104] миллии худро бо дарназардошти манфиатҳои миллии хеш қабул намуд. Таҳлили КҶ ҶӮ нишон медиҳад, ки дар он таркиби мустақил бо номи фиреби истеъмолкунандагон айни замон вуҷуд надорад, зеро ҶӮ аввалин давлате дар масири ИДМ мебошад, ки соли 2000 ин ҷиноятро декриминализатсия намудааст.

Фиреби истеъмолкунандагон дар м. 187 КҶ ҶӮ ҳамчун камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, ё дигар хел гумроҳ кардани истеъмолкунандагон ва фармоишгарон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонӣ машғуланд, ба миқдори назаррас содир шуда бошанд, фаҳмида мешуд.

Аломатҳои бандубастшавандаи фиреби истеъмолкунандагон инҳо ба ҳисоб мерафтанд:

1. такроран ва дар ҳолати ретсидивисти хавнок;
2. ба миқдори калон;
3. бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон;
4. ба миқдори махсусан калон.

Ҷумҳурии Қирғизистон баъди ба даст овардани истиқлолият ду маротиба, яъне 1 октябри соли 1997[105] ва баъдан 22 декабри соли 2016[106] Кодекси ҷиноятии худро қабул намуд, ки бо якчанд навгониҳои худ дар байни кодексҳои давлатҳои аъзои ИДМ тафовут дорад. Бояд қайд намуд, ки дар Кодекси нав Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҷинояти фиреби

---

[104] Уголовный кодекс Республики Узбекистан от 22.09.1994 (ред. от 24.06.2022) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://lex.uz/docs/111457 (санаи муроҷиат: 24.06.2022).

[105] Уголовный кодекс Кыргызской Республики. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.kgcentr.info/?pid=5&cid=1&nid=13 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

[106] Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021, №127 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36675065 (санаи муроҷиат: 24.06.2022).

истеъмолкунандагон даст кашид, яъне онро декриминализатсия намуд. Бо қабул намудани Кодекси ҷиноятии нав мақомоти қонунгузории Ҷумҳурии Қирғизистон фиреби истеъмолкунандагонро дар м. 288 Кодекси Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ[107] ҷой дод. Дар КҶ Қирғизистон соли 1997 фиреби истеъмолкунандагон дар м. 219 муқаррар гардида буд ва он бо м. 294 КҶ ҶТ ҳамшабеҳ буд. 28 октябри соли 2021 таҳти №128 дар Ҷумҳурии Қирғизистон Кодекс оид ба ҳуқуқвайронкунӣ[108] қабул гардид ва дар ин Кодекс фиреби истеъмолкунандагон ҳамчун таркиби мустақил пешбинӣ карда нашуд. Сабаби чунин навгониҳо маълум нест.

Дар баробари Ҷумҳурии Қирғизистон Ҷумҳурии Қазоқистон низ ду маротиба қонуни ҷиноятии худро қабул намудааст. Ҷумҳурии Қазоқистон аввалин маротиба 16 июли соли 1997 ва баъдан 3 июли соли 2014 қонуни ҷиноятии худро дар таҳрири нав қабул намуд[109]. Бо қабул намудани Кодекси ҷиноятии нав мақомоти қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон фиреби истеъмолкунандагонро ҳамчун ҷиноят декриминализатсия намуда, онро дар м. 190 Кодекси Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷой дод. Дар КҶ Қазоқистон соли 1997 фиреби истеъмолкунандагон дар м. 223 муқаррар гардида буд ва он бо м. 294 КҶ ҶТ ҳамшабеҳ буд.

Федератсияи Россия соли 1992 Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро»[110] қабул намуд, ки он ба ақидаи А.В. Наумов асос барои криминализатсия намудани фиреби истеъмолкунандагон гардид[111].

Қонуни мазкур самтҳои фаъолияти иқтисодиро, ки муқаррарот дар бораи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро фаро мегирифт, васеъ намуд. Ин қонун

[107] Кодекс Кыргызской Республики об административной ответственности [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30232566&pos=2797;45#pos=2797;45&sdoc_params=text%3D%25D0%25BE%25D0%25B1%25D0%25BC%25D0%25B0%25D0%25BD%26mode%3Dindoc%26topic_id%3D30232566%26spos%3D1%26tSynonym%3D1%26tShort%3D1%26tSuffix%3D1&sdoc_pos=0 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

[108] Кодекс Кыргызской Республики о правонарушениях [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/112306 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

[109] Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 2 февраля 2017 года, №19 / В редакции Законов Кыргызской Республики от 15.05.2019. – №62; – 28.02.2020. – №21. – 03.04.2020. – №34.

[110] Закон Российской Федерации «О защите прав потребителей» // Ведомости Съезда народных депутатов Российской Федерации и Верховного совета Российской Федерации. – 1992. – №15. – ст. 766.

[111] Ниг.: Наумов А.В. Ответственность за преступления в сфере торговли и предпринимательства / А.В. Наумов // Законность. – 1994. – №3. – С. 12.

барои мубориза бо фиреби истеъмолкунандагон дар ин соҳаҳо заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Идомаи мантиқии ислоҳоти қонунгузории ҷиноятии Россия Қонуни Федератсияи Россия аз 1 июли соли 1993, таҳти №128 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои қонунгузории Федератсияи Русия вобаста ба танзими ҷавобгарӣ барои тиҷорати ғайриқонунӣ» буд. Бо ин санади ҳуқуқӣ мазмуни моддаи 156-уми КҶ РСФСР, ки барои фиреби истеъмолкунандагон чавобгариро пешбинй карда буд, хеле тағйир дода шуд. Дар бораи ин тағйироту иловаҳои ба Кодекси ҷиноятӣ воридшуда А.В. Наумов кайд кард, ки дар м. 156-и КҶ доираи эҳтимолии вайрон кардани ин меъёри қонуни ҷиноятӣ мушаххас карда шуд. Инҳо мағғозаҳо, дигар корхонаҳое мебошанд, ки ба аҳолӣ сарфи назар аз шакли моликият мол мефурӯшанд ё хизмат мерасонанд, инчунин фаъолияти соҳибкории гражданинҳои алоҳида дар соҳаи савдо (хизматрасонй) мебошанд[112].

Ба ақидаи Л.Д. Гаухман, бо ҳамин қонун ном ва мазмуни моддаҳои 156 ва 157-уми КҶ РСФСР хеле тағйир дода шуданд. Дар аввал барои фиреб додани истеъмолкунандагон (пештар – барои фиреб додани харидорон ва мизоҷон) ва дуюм – барои истеҳсол ё фурӯши мол, расонидани хизматҳое, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавобгӯ нестанд (пеш аз ҳама – барои баровардани маҳсулоти пастсифат, ғайристандартӣ ва нопурра барои фурӯш). Ин дигаргуниҳои зикршуда бозсозии дар ҷамъият баамаломадаро инъикос менамуданд, масалан: ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликияти корхонаҳое, ки ба фурӯши мол ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғул буданд; озодии фаъолияти соҳибкорӣ, ба он дохил шудани шумораи зиёди шахсони алоҳида ва дар баробари ин дар ин соҳа пайдо шудани ҷинояткории муташаккил. Бесабаб нест, ки дар қ. 3 моддаи 156 КҶ РСФСР соли 1993 аломати нави бандубастшаванда, яъне содир намудани фиреби истеъмолкунандагон аз тарафи гурӯҳи муташаккил. Дар баробари ин, ба м.

---

112 Ниг.: Наумов А.В. Ответственность за преступления в сфере торговли и предпринимательства / А.В. Наумов // Законность. – 1994. – №3. – С. 12.

156-и КҶ эзоҳ илова карда шуд, ки дар он мафҳуми дар ҳаҷми калон ва хурд фиреб додани истеъмолкунандагон муайян карда шуд: мутаносибан на камтар аз як ҳадди ақали музди меҳнат ва на бештар аз як даҳяки ҳадди ақали музди меҳнат. Муайян намудани андозаи хурди фиреби истеъмолкунандагон сабаби пайдо шудани таркиби нав, яъне қ. 4 м. 156 КҶ (Фиреби истеъмолкунандагон ба андозаи кам, ки дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир шуда бошад) сабаб шудааст[113].

Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия, ки соли 1996 қабул шудааст, вазъиятро дар ин масъала амалан тағйир надод. Чуноне ки Н.А. Лопашенко дуруст менависад, м. 200-и КҶ ФР «ин таркибест, ки барои қонуни ҷиноятӣ анъанавӣ аст ва он нисбат ба КҶ РСФСР соли 1960 (м. 156) амалан тағйир дода нашуд». Лекин амали ин ҷиноят дар ФР дер давом накард. Соли 2003 фиреби истеъмолкунандагон аз КҶ ФР декриминализатсияи карда шуд.

Декриминализатсия намудани ин кирдор ҳангоми ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои шаҳрвандҳо – истеъмолкунандагон дар рафти фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ба онҳо бо усулҳои фиреби фаъолияти хоҷагидорӣ як қатор мушкилиҳоро ба миён овард. Ҳатто дар сатҳи олии давлатдорӣ эътироф шудааст, ки ин мушкилот аллакай ба дараҷае расидааст, ки ба амнияти давлатии Русия таҳдид кардааст. Ин аз афзоиши хавфи ҷамъиятии ин кирдорҳо ва мавҷудияти зарурати аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншудаи барқарор намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани онҳо шаҳодат медиҳад.

Ба назари мо, айни замон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон-истеъмолкунандагон дар ФР холигии ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки дар натиҷаи фиреби муназзам гунаҳгорон аз ҳисоби ҷамъият (бештар истеъмолкунандагон) кӯшиши ба даст овардани фоидаи ғайриқонуниро доранд, ки маблағи онро ночиз ҳисоб кардан мумкин нест.

Объективан чунин амалҳо бештар ба фаъолияти соҳибкорие, ки қонун

[113] Ниг.: Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Преступления в сфере экономической деятельности. – М.: Учебно-консультативный центр «ЮрИнфоР», 1998. – С. 10.

манъ кардааст, шабоҳат дорад, яъне онҳо моҳиятан фаъолияти квазисоҳибкорӣ мебошанд. Дар натиҷаи он ба ҷамъият зарари калон расонида мешавад, ки вокуниши мутаносиби давлатро дар шакли татбиқи чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ тақозо мекунад.

Фиреби истеъмолкунандагон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар назария ва амалияи қонуни ҷиноятии Русия ба таври кофӣ муфассал омӯхта шудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ онро ҳамчун як намуди мушаххаси қаллобӣ баррасӣ мекунанд. Аммо он дорои вижагиҳои хосе аст, ки аз қаллобӣ ва дигар ҷиноятҳои марбут ба он фарқ мекунад ва имкон намедиҳад, ки дар шароити муосир нуқтаи назари боло риоя шавад. Барои рафъи ин зиддиятҳо моҳияти иҷтимоию ҳуқуқии фиреби истеъмолкунандагон дар шароити нави иқтисодӣ фаҳмиши онро дар асоси равишҳои нави ғайристандартии ин мушкилотро тақозо мекунад.

Тафовутҳое, ки мо дар сохти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ қайд кардем, ки ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ба онҳо, муайян кардани аломатҳои ҷиноят мушкилоти гуногуне, ки ҳангоми татбиқи онҳо дар амалия ба миён меоянд, нигаронида шудааст. Бо назардошти тамоми паҳлуҳои мусбат ва манфии меъёрҳои омӯхташуда, мо метавонем хулосае барорем, ки таҷрибаи қонунгузории кишварҳои ҳамсоя бояд барои минбаъд такмил додани қонунгузории ҷиноятии ҶТ, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, хусусан вақте ки онҳо ба истеъмолкунандагон фурӯхта мешаванд ҳифз менамояд, самарабахш бошанд.

Ҳангоми содир намудани фиреби истеъмолкунандагон ҷабрдида аз ин ҷиноят истеъмолкунанда мебошад. Дар давлатҳои ИДМ қонуни махсус, яъне қонун дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон қабул карда шудааст ва мафҳуми истеъмолкунанда бевосита дар ин қонунҳо дарҷ гардидааст. Истеъмолкунанда – шаҳрванде (шахсе – танҳо дар Қонуни Озарбойҷон[114])

[114] Закон Азербайджанской Республики от 19 сентября 1995 года, №1113 «О защите прав потребителей» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30595840 (санаи

мебошад, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд. Чунин мафҳум дар қонунгузории ФР[115], Ҷумҳуриҳои Қазоқистон[116], Қирғизистон[117], Арманистон[118], Туркманистон[119] низ муқаррар гардидааст. Танҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар мафҳуми истеъмолкунанда дар баробари шахси воқеӣ шахси ҳуқуқӣ низ бевосита дарҷ карда шудааст, ки ба назари мо дуруст мебошад. Олими ватанӣ Н. Шонасриддинов вобаста ба мафҳуми мазкур аз нигоҳи илмӣ баҳо дода, қайд мекунад, ки ба якчанд ҷиҳат таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба ин мафҳум зарур аст: якум, вақте сухан аз боби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳамчун истеъмолкунандагон меравад, набояд шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаиятро аз доираи назар берун гузошт; дуюм, набояд доираи истеъмолкунандагонро бо ном бурдани танҳо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии нияти фармоиш додани иҷрои кор, хизматрасонӣ ё нияти харидорӣ намудани мол дошта, молро харидорӣ намуда, маҳдуд намуд; сеюм зимни ба кор бурдани мафҳуми «истеъмолкунанда» ба чунин аломатҳои аслӣ ва муҳимми ин мафҳум низ таваҷҷуҳи зарурӣ бояд намуд: «молро харидорӣ намудааст», «молро мавриди истифода қарор додааст», «аз натиҷаи кор ё хизматрасонӣ баҳравар шуда истодааст». Ба андешаи мо, ба сифати истеъмолкунанда шахсонеро низ бояд эътироф намуд, ки худашон нияти фармоиши кор, хизмат ва харидории молро надоштанд, кору хизматрасониро фармоиш надодаанд, молро

---

муроҷиат: 02.03.2022).

115 Закон РФ «О защите прав потребителей» от 07.02.1992, №2300-1 (ред. от 11.06.2021) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_305/ (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

116 Закон Республики Казахстан «О защите прав потребителей» (с изменениями и дополнениями по сост. на 27.06.2022 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30661723 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

117 Закон Кыргызской Республики «О защите прав потребителей» от 10 декабря 1997 года, №90 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/590 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

118 Закон Республики Армения «О защите прав потребителей» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.parliament.am/legislation.php?ID=1506&lang=rus&sel=show (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

119 Закон Туркменистана «О защите прав потребителей» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://turkmenistan.gov.tm/ru/post/23104/zakon-turkmenistana-zaschite-prav-potrebitelei (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

харидорӣ накардаанд, аммо аз иҷрои кор, хизматрасонӣ ва моли барояшон аз тарафи дигар шахс фармоиш ва харидорӣ шуда, воқеан баҳрабардорӣ ва истифода менамоянд; чорум, нияти фармоиш намудани иҷрои кор, хизматрасонӣ ва харидории мол, воқеан харидорӣ шудани мол, истифодаи мол, баҳрабардорӣ аз иҷрои кор ва хизматрасонӣ бояд мутлақо ба мақсади шахсӣ, маишӣ, оилавӣ, пешбурди рӯзгор ва ғайра мақсадҳои ба анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд набуда, нигаронида шуда бошад[120].

Мантиқан, таҷрибаи қонунгузории ФР, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон ва Туркманситон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сурати фиреби шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон шахс бо ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Дар КМҶ ҶТ мафҳуми ҷабрдида чунин омадааст: «шахсе, ки сарфи назар аз синну сол, ҳолати руҳӣ ва ҷисмонӣ ба ӯ аз ҷиноят зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин шахсе, ки ҳуқуқу манфатҳои ӯ зери таҳдиди бевоситаи сӯйиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст, ҳамчун ҷабрдида эътироф карда мешавад». Ба сифати ҷабрдида ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Шахси ҳуқуқӣ ҳамон вақт ҷабрдида эътироф карда мешавад, ки агар дар натиҷаи содир гардидани ҷиноят ба ӯ зарари моддӣ ё маънавӣ расида бошад. Дар ин сурат ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷабрдидаро намояндаи шахси ҳуқуқӣ амалӣ мекунад. Дар бораи ҷабрдида эътироф кардани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор баъди муқаррар кардани ҳодисаи ҷиноят ва воқеияти бар асари ҷиноят расидани зарар фавран қарор қабул карда, суд бошад таъинот мебарорад[121]. Ҳамин тавр шахси ҳуқуқӣ низ метавонад ҷабрдида аз ҷинояти

---

[120] Ниг.: Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – С. 9. – 200 с.
[121] Ниг.: Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2015. – С. 90.

фиреби истеъмолкунандагон гардад. Дар асоси таҳлилҳои болозикр ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқи истеъмолкунандагон пешсаф мебошад ва дигар давлатҳои аъзои ИДМ метавонанд ин таҷрибаи моро самаранок истифода баранд.

Ҳамин тавр, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ-ро вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ҷамъбаст намуда, чунин хулосагирӣ намудан зарур аст, ки онҳо метавонанд баҳри минбаъд мукаммал намудани қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳаммият холӣ набошанд:

1. Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро, ки дар давлатҳои соҳибистиқлол, Ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ қабул кардаанд, хулосабарорӣ намуда, қайд кардан мумкин аст, ки умуман ин меъёрҳо аз сабаби ягонагии решаҳои таърихии худ, яъне қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ҳамшабеҳанд. Дар баробари ин, дар муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои фиреби истеъмолкунандагон хусусиятҳои муайян низ доранд.

2. Ҳамаи давлатҳои ИДМ-ро вобаста ба мавҷудияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

а) давлатҳое, ки дар КҶ-и онҳо фиреби истеъмолкунандагон ҳамчун ҷинояти классикӣ боқӣ мондааст (Ҷумҳуриҳои Белорусия, Туркманистон, Озарбойҷон ва Арманистон);

б) давлатҳое, ки фиреби истеъмолкунандагонро бо мурури замон аз КҶ-и худ декриминализатсия намуданд (Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон).

3. Мавҷудияти преюдитсияи маъмурӣ барои ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон (КҶ ҶБ ва КҶ Туркманистон);

4. Вобаста ба тарафи объективии ҷиноят м. 200 КҶ ҶА аз дигар КҶ бо кирдорҳои зерин фарқ мекунад:

а) истеҳсоли маҳсулоти пастсифат;

б) фурӯш баровардани маҳсулоти пастсифат;

в) фурӯши маҳсулоти пастсифат;

г) пинҳон кардани маҳсулоти пастсифат.

5. Ба сифати аломатҳои бандубастшаванда одатан инҳо баромад мекунанд:

а) ба миқдори калон;

б) ба миқдори махсусан калон;

в) такроран;

г) дар ҳолати ретсидивисти хавфнок;

д) бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон;

е) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил.

6. Дар қонунгузории соҳавии Россия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон ва Туркманистон шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун истеъмолкунанда эътироф нагардидаанд, ки чандон дуруст намебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқи истеъмолкунангон пешсаф мебошад ва дигар давлатҳои аъзои ИДМ метавонанд ин таҷрибаи моро самаранок истифода баранд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ УНСУРҲОИ ҶИНОЯТИ ФИРЕБИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

## 2.1. Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии объекти фиреби истеъмолкунандагон

Дар сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи яке аз масъалаҳои авлавиятнок таъминоти иқтисодии соҳибихтиёрии давлат, устувории танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ, таҳкими эътимод байни ҳукумат ва соҳибкорӣ, ташаккули низоми одилонаи ҳифзи ҳуқуқ, ки тавонад ба таври муассир ҳуқуқҳои асосии иқтисодӣ ва озодии сохибкориро ҳифз мекунанд, мебошад. Таваҷҷуҳи бештар ба таҳияи самтҳои асосии банақшагирии стратегӣ, мақсад ва вазифаҳои банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, ки дар стратегияҳои миллӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои доктриналии мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ муқаррар шудаанд, дода мешавад. Масалан, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 масъалаҳои тақвияти рушди институтсионалӣ дар самти таъмини самаранок, шаффоф, назорати идоракунӣ ва молиявии зиддикоррупсионӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ дар ҳамаи сатҳи идоракунии давлатӣ, дар маҷмуъ бунёди модели идоракунии технократӣ ва меритократӣ (шоистасолорӣ) дар кишвар дар мадди аввал гузошта шудаанд. Барои тақвият додани нақши ниҳодҳои ҳамоҳангсоз ва 6 масъулияти иҷтимоии тиҷорат дар раванди назорат ва рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ тадбирҳо оид ба коҳиш додани фишори маъмурӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ, кам кардани ҷузъи коррупсионӣ, аз ҷумла дар асоси рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ баррасӣ мегарданд.

Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ яке аз қисматҳое, ки мавриди таҳдид қарор гирифтааст, ин бахши ҷиноятҳо дар самти фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, инкишофи фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва калон, дастгирии рақобати солим ва васеъ намудани муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ зарурияти

объективие пеш овард, ки тамоми ҷиноятҳои хоҷагидорӣ бо дарназардошти талаботи имрӯза аз нав дида баромада шавад.

Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро дар сатҳи конститутсия кафолат медиҳад. Мафҳуми асосҳои иқтисодӣ, ки дар моддаи 12 Конститутсияи замони истиқлол дода шудааст, хеле васеъ ва дорои мазмуни ғанӣ мебошад. Чунки вай ҳамаи шаклҳои моликиятро эътироф намуда, ягон шакли мушаххаси моликиятро ба сифати шакли асосӣ ҷудо накардааст; ҳамаи шаклҳои моликиятро баробарҳуқуқ муайян карда, барои инкишофи онҳо озодии васеъ додааст. Конститутсияи амалкунанда давлатро уҳдадор кардааст, ки фаъолияти озоди иқтисодиро таъмин ва рақобати солимро дастгирӣ намояд. Давлат зидди ҳар гуна маҳдудгардонии фаъолият ва рақобати носолим мебошад, баробарии ҳимояи ҳамаи шаклҳои моликиятро эълон менамояд. Дар замони навин асоси иқтисодиётро маҳз иқтисодиёти бозаргонӣ ташкил медиҳад ва барои фаъолияти муътадил ва самараноки он, пеш аз ҳама, фаъолияти иқтисодӣ бояд озод бошад ва сониян, ягонагии фазои иқтисодӣ дар тамоми қаламрави Тоҷикистон таъмин карда шавад. Яъне моддаи мазкур кафолати ҳуқуқии амали принсипҳои номбаршудаворо ба танзим даровarda, принсипи асосии иқтисодиёти бозаргонӣ-рақобати солимро эътироф намудааст[122].

Дар ташаккули иқтисоди бозаргонӣ давлат нақши асосиро иҷро намуда, пеш аз ҳама, қоидаҳои рафтори озоди иқтисодиро бо роҳи қабули қонунҳо, меъёри фаъолияти иштирокчиёни иқтисодӣ ва хоҷагиро муайян менамояд ва ин меъёрҳо ба ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии иқтисоди озод баробар паҳн мегарданд. Инчунин давлат ҳимояи ҳама гуна муносибатҳои бозаргонӣ ва иштирокчиёни онҳоро ба зиммаи худ мегирад[123].

Рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳалли яке аз

[122] Ниг.: Тафсири илмию оммавии конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=14059 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).
[123] Ниг.: Тафсири илмию оммавии конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=14059 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир – таъмини аҳолӣ бо неъматҳои (молу маҳсулот, хизматрасониҳо ва ғайра) ҳаётии босифат ғайриимкон аст. Ҳалли амалии он самти стратегии рушди ҳар як давлат буда, аз бисёр ҷиҳатҳо на танҳо сатҳи некӯаҳволии воқеии шаҳрвандонро муайян мекунад, балки бевосита барои мавҷудияти ҳар як шахс шароити зарурӣ фароҳам меорад ва ба ин васила суботи иҷтимоӣ ва миллӣ, амнияти давлат ва ҷомеа дар маҷмуъ кафолат дода мешавад.

Соҳаи истеъмоли мол ва хизматрасонӣ яке аз муҳимтарин дар сохтори тамоми фаъолияти иқтисодӣ ба шумор меравад, зеро комилан ҳар як шаҳрванд дар тули умри худ ба сифати истеъмолкунанда амал мекунад ва зарурати мантиқии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ӯ ба вуҷуд меояд. Маҳз аз ҳамин сабаб, ҳадафи ин таҳқиқот кӯшиши фаҳмидани самаранокии механизми ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои истеъмолкунандагон ва дурнамои мукаммалнамоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреб додани истеъмолкунандагон мебошад. Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон як соҳаи гардиши моликият буда, барои кишваре, ки дар он муносибатҳои мутамаддини бозор ташаккул меёбанд, аҳаммияти бузург дорад. Тағйироти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар охири солҳои 80 -ум ва ибтидои солҳои 90 -ум оғоз шуда буд, бори аввал ба яке аз калонтарин гурӯҳҳои муносибатҳое, ки дар бозори мол ва хизматрасонӣ ба вуҷуд меоянд, таъсир расонд, яъне муносибатҳо бо иштироки истеъмолкунандагон. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ зарурати фаврии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳифзи истеъмолкунандагон, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии онҳоро ба миён овард.

Меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои фиреби истеъмолкунандагон дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, аз ҷониби қонунгузор дар боби «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» пешбинӣ шудааст. Дар Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон ин меъёр ба низоми ҷиноятҳои хоҷагӣ тааллуқ дошта, дар м. 170 бо номи фиреб додани харидорон ва дархосткунандагон маъмул буд. Унвони нави боби мазкур пеш аз ҳама бо тағйир ёфтани асосҳои иҷтимоию иқтисодии давлат алоқаманд

аст. Пайдоиши намудҳо ва усулҳои пештар номаълуми фаъолияти ҷиноятӣ боиси тағйироти гуногун дар Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Аз ҷумла, миқдори моддаҳо афзуд ва хусусияти мазмуну мундариҷа баъзе ҷиноятҳо тағйир ёфт.

Кодекси ҷиноятии ҶТ (соли 1998) дар моддаи 294 ҷавобгариро барои фиреби истеъмолкунандагон муқаррар намудааст. Мувофиқи он фиреби истеъмолкунандагон ин камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон ба миқдори назаррас содир шуда бошанд, фаҳмида мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ рӯ ба болоравӣ дорад. Масалан, дар соли 2014 – 2891, соли 2015 – 3060, соли 2016 – 2797, соли 2017 – 3521, соли 2018 – 3547 ва соли 2019 – 3572 ҷинояти иқтисодӣ содир карда шудааст. Дар байни ҷиноятҳои иқтисодӣ содиршавии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон низ назаррас мебошад. Масалан, дар соли 2000 – 203; 2001 – 197; 2002 – 120; 2007 – 123; 2010 – 160; 2011 – 270; 2012 – 281; 2013 – 248; 2014 – 444; 2015 – 223; 2016 – 236; 2017 – 225; 2018 – 227 ва 2019 – 195[124], яъне танҳо дар чордаҳ сол 3152 ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон содир карда шудааст, ки ин нишондиҳанда ташвишовар мебошад.

Динамика ва сохтори ҷиноятҳои иқтисодӣ бояд пеш аз ҳама бо ислоҳоти низоми иқтисодӣ, аз нав дида баромадани принсипҳои танзими давлатӣ - ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, тағирёбии хусусияти муносибатҳои гуногуни субъектҳои соҳибкорӣ ба монанди

[124] НИг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 277; Маълумоти омории ВКД ҶТ оид ба вазъи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 то соли 2022 аз 26.05.2023, таҳти №14/3-559; Юлдошев Р.Р., Махмадиев Х.Х., Акбарзода А.А. Преступность в Таджикистане (1991-2016 гг.): научно-практическое пособие. – Душанбе, 2018. – С. 61-78.

истеҳсолкунандагон, дистрибюторҳо ва истеъмолкунандагон алоқаманд карда шавад. Ба дараҷаи муайян, ин равандҳои бозсозӣ ба муносибатҳое, ки вобаста ба фаъолияти низоми бонкӣ, соҳаи фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо ба вуҷуд омадаанд, таъсир расонд. Ҳамаи ин наметавонад дар муайяннамоии таърифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти фиреби истеъмолкунандагон таъсир гузорад.

Барои бандубасти дилхоҳ ҷиноят таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии унсурҳои таркиби ҷиноят талаб карда мешавад. Таркиби ҷиноят яке аз институтҳои марказии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад. Аҳаммияти ҷиддӣ доштани таркиби ҷиноят аз он бармеояд, ки мувофиқи қонун танҳо он асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад (м. 11 КҶ ҶТ). Агар дар кирдори содиршуда аломатҳои таркиби ҷиноят ҷойи дошта бошанд, танҳо дар ҳамон ҳолат шахси мушаххасро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин аст. Ба аломатҳои таркиби ҷиноят дохил мешаванд аломатҳои (элементҳои) объективӣ ва аломатҳои (элементҳои) субъективӣ. Ба аломатҳои (элементҳои) объективӣ дохил мешаванд: а) объекти ҷиноят, б) тарафи объективии ҷиноят. Ба аломатҳои (элементҳои) субъективӣ дохил мешаванд: в) субъекти ҷиноят; г) тарафи субъективии ҷиноят.

Тасодуфӣ нест, ки объект ҳамчун унсури таркиби ҷиноят дар таҳлили ҳама гуна меъёри қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ дар ҷои аввал гузошта мешавад. Зеро, дуруст муқаррар кардани объекти ҷиноят ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти иҷтимоии кирдорро дарк намуда, мавқеи онро дар байни дигар муносибатҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ҷомеа инкишоф меёбанд, инчунин барои дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандаро муайян намоем.

Танҳо дар сурати ҳозир будани ин чор аломат (элемент) дар кирдори содиршуда имконпазир аст, ки шахсро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашид. Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ин аломатҳои номбаршуда асосианд (ҳатмианд) ва басандаанд. Асосӣ будани ин аломатҳо ба он маъно омадааст,

ки зарурияти ҷой доштани ин чор аломати номбаршуда дар кирдори шахс ҳатмӣ мебошад ва набудани ҳатто яке аз онҳо ҷавобгарии ҷиноятиро инкор (истисно) мекунад. Басанда будани ин аломатҳо он маъноро дорад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ин чор элементи номбаршуда кифоя аст, яъне муқаррар кардани дигар аломатҳо зарурият надорад[125].

Ба аломатҳои таркиби ҷиноят бошад, хусусиятҳои ҳар як элементи (унсури) таркиби ҷиноят дохил мешаванд. Танҳо чунин хусусиятҳо имкон медиҳанд, ки тавсифи пурраи ҳар як элементи таркиби ҷиноят дода шавад. Якум элементи (унсури) таркиби ҷиноят – ин объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад. Объекти ҷиноят ин манфиатҳои (арзишҳои) мушаххаси аз тарафи қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда мебошад, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба онҳо зарар мерасад ва ё зарар расониданаш мумкин аст. Чунин манфиатҳо мазмуни муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро ташил медиҳанд, ки барои ривоҷу равнақ ёфтан ва муҳофизат кардани онҳо қонуни ҷиноӣ вазифаи асосии худ медонад. Ин муносибатҳои ҷамъиятӣ (манфиатҳо, арзишҳо) дар моддаи 2 КҶ ҶТ[126] номбар карда шудаанд, мисли ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, моликият, тартиботи ҷамъиятӣ, бехатарии ҷамъиятӣ ва дигарон.

Объекти ҷиноят чун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар солҳои аввали асри XX пайдо шуд. Аввалин бор ақидаи муносибатҳои ҷамъиятиро чун объекти ҷиноят соли 1924 олими намоёни Иттифоқи Шуравӣ А.А. Пиантковский пешниҳод намуд[127]. Ӯ доир ба ин масъала бахусус қайд намуда буд, ки «вобаста ба таълимоти умумии марксистӣ-ленинӣ оид ба ҷиноят, объекти ҳама гуна кирдорҳои ҷиноӣ муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки аз ҷониби дастгоҳи маҷбурсозии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад»[128]. Баъдан ин ақидаро олимони дигар, ба монанди Н.Д. Дурманов, Н.И. Коржанский, Б.С. Никифиров, В.Я. Татсий, А.Н. Трайнин

[125] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 95.
[126] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Қонуният, 2012. – 488 с.
[127] Ниг.: Пионтковский А.А. Уголовное право РСФСР: Часть общая. – М., 1924. – С. 129-130.
[128] Пионтковский А.А. Асари зикршуда. – С. 130.

дар асарҳои худ инкишоф додаанд ва он чун назарияи бебаҳс то барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ боқӣ монд.

Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, барҳам хӯрдани идеологияи ҳукмрони ҳизби комунист ва қабул намудани қонунгузории нави ҷиноятӣ дар назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи объекти ҷиноят чун муносибати ҷамъиятӣ низ мавриди баҳс қарор гирифт. Масалан, А.В. Наумов қайд менамояд, ки назарияи муносибатҳои ҷамъиятӣ чун объекти ҷиноят дар замони муосир ҷавобгӯи талабот нест. Бинобар ин, бояд дар баробари муносибатҳои ҷамъиятӣ ашёҳоро низ чун объектҳои мустақил эътироф намуд. Г.П. Новоселов ба он ақида аст, ки «объекти ҷиноят - он чизе ки ба муқобили он кирдорҳои ҷиноятӣ равона гаштааст, яъне шахсони алоҳида ё гурӯҳи шахсон, неъматҳои моддӣ ё ғайримоддӣ, ки зери ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз таҷовузи ҷинояткорона қарор дода шудаанд»[129].

Ҳамин тавр, объекти ҷиноят яке аз унсурҳои ҳатмии таркиби ҷиноят мебошад. Ҳар гуна ҷиноят бешубҳа бо роҳи таҷовуз кардан ба ин ё он объект содир мешавад, яъне бе объект ҷиноят вуҷуд дошта наметавонад. Бинобар ин дуруст муайян намудани объекти ҷиноят имконият медиҳад, ки моҳияти ҳуқуқии ҷиноят муайян карда шавад ва аз ҳама муҳимаш кирдор вобаста ба зарари расонидашуда ба объект дуруст бандубаст карда шавад.

Таҳқиқи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноӣ аз бисёр ҷиҳат танҳо бо тафсири умумии мафҳуми объекти ҷиноят гурӯҳбандии шаклҳои он маҳдуд мешуд. Барои ошкорсозии моҳияти иҷтимоии объекти ҷиноят ва нақши амалии он ин кифоят намекунад. Нишондоди умумӣ ба он ки объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, на таҷрибаи қонунгузорӣ ва на истифодаи амалии ҳуқуқиро таъмин намесозад. Аз ин рӯ, хеле муҳим аст ошкор созем, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ аз худ чиро инъикос менамоянд, мазмуни онҳо аз чӣ иборат аст ва дар асоси инҳо объекти ҷиноят дар сатҳи сӯйиқсди аниқ муайян карда шавад. Муносибати таърихӣ нисбати ҳалли ин масъала судбахш мебошад. Маҳаки

[129] Уголовное право. Общая часть: Учебник для вузов / Под ред. И.Я. Козаченко. – М., 2008. – С. 213.

боэътимод барои ин ошкорсозии он ки чӣ гуна ин падидаи маълум дар таърих ба вуҷуд омадааст ва аз ин нуқтаи назари рушди он бояд дид, ки имрӯз ба чӣ табдил ёфтааст. Илми таърих ва фалсафа генезиси муносибатҳои ҷамъиятиро хеле амиқ омӯхта аст. Муқаррароти асосии ин илмҳо аз он бармеоянд, ки таърихи пайдоиш ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ таърихи пайдоиш ва рушди ҷамъияти инсонӣ мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятро ба тариқи вертикалӣ ва горизонталӣ (амудӣ ва уфуқӣ) ҷудо мекунанд. Ба тариқи вертикалӣ ба объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита ҷудо мешаванд. Ба тариқи горинзонталӣ объекти бевосита ба объекти асосӣ, иловагӣ ва факултативӣ ҷудо карда мешаванд[130]. К.Х. Солиев вобаста ба намудҳои объекти ҷиноят чунин менависад, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамаи объектҳои ҷиноятро ба се гурӯҳ, яъне ба се хел тақсим мекунанд: объекти умумӣ; объекти қавмӣ (махсус) ва объекти бевосита. Чунин ақидаронӣ, ҳарчанд, ки дар адабиёти дигари ҳуқуқӣ вомехӯранд ба муқаррароти КҶ ҶТ чандон мувофиқ нестанд. Бинобар ин ҳангоми таҳлили объекти ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон мо асосан ба таснифи чорзинагии объекти ҷиноят диққат медиҳем.

Объекти умумӣ тамоми ҷиноятҳо, он муносибатҳои ҷамъиятие эътироф мешаванд, ки таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор доранд ва ядрои тартиботи ҳуқуқиро ташкил медиҳанд (қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ). Бояд қайд кард, ки муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз шудаанд, объекти умумии ҷиноят мебошанд. Аммо на ҳама муносибатҳои ҷамъиятӣ объекти бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда мебошанд, баъзе муносибатҳои ҷамъиятиро дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳифз мекунанд. Масалан, даъвои байни карздиханда ва қарздор бо қонуни маданӣ танзим карда мешавад. Бо муайян кардани объекти ҷиноят мо метавонем муайян кунем, ки гунаҳгор чӣ гуна ҷиноят содир кардааст (дуздӣ, ғоратгарӣ, фиреби истеъмолкунандагон ва ғайра). Қайд кардан бамаврид аст, ки нисбати

[130] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2011. – 234 с.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 дар КҶ ҶТ соли 1998 объекти умумии ҷиноят хеле васеъ шудааст. Масалан, неъматҳо ва боигарии нав, монанди саломатии аҳолӣ, муҳити табиат, сулҳ ва амнияти башарӣ пешбинӣ шудаанд.

Мафҳуми объекти умумии ҷиноят моҳияти ҷамъиятию сиёсии ҷиноятро ошкор мекунад. Объекти умумӣ барои ҳамаи ҷиноятҳо як аст, зеро ҳар гуна ҷиноят ба ин ё он муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар мерасонад ва ба дигар муносибатҳои ҷамъиятии бо КҶ ҶТ ҳифзшаванда зарар мерасонад, бинобар ин на фақат ба як гурӯҳи муносибатҳои иҷтимоӣ, балки ба ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад.

Намудҳои дигари объекти ҷиноят объектҳои хелӣ ва намудӣ мебошанд. Объекти хелии ҷиноят аз муносибатҳои ҷамъиятии якхелае иборат мебошад, ки аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад. Вобаста ба объекти хелӣ КҶ ҶТ ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Объекти намудии ҷиноят намудҳои мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятие дониста шудаанд, ки дар боби қисми Махсуси КҶ ҶТ муқаррар шудаанд. Объекти намудӣ чун қисми объекти хелӣ баромад намуда, намуди гуногунхелии онҳо мебошад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ таҳқиқот вобаста ба самти ҷиноятҳои иқтисодӣ ба таври назаррас анҷом дода шуда, диққати асосӣ ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои савдо (Н.А. Ғаффорова)[131], мубориза бар зидди таҷовуз ба моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ (С.Ш. Шаропов)[132], ба расмият даровардани маблағҳои пулӣ ва дигар моликияти бо роҳи ҷиноят бадастомада (А.И. Сафаров)[133], қочоқ (Ш.Н. Саидов)[134], қаллобӣ (Р.И. Шарипов ва Ф.К. Иброҳимов)[135], ҷиноятҳое,

---

[131] Ниг.: Гафарова Н.А. Уголовная ответственность за нарушения правил торговли (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ташкент, 1994. – 29 с.

[132] Ниг.: Шаропов С.Ш. Основные проблемы борьбы с организованными преступными посягательствами на государственное и общественное имущество в условиях формирования многоукладной экономики (криминологический аспект): дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1995. – 308 с.

[133] Ниг.: Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем (по материалам Республики Таджикистан): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – 229 с.

[134] Ниг.: Саидов Ш.Н. Уголовная ответственность за контрабанду по законодательству Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011. – 179 с.; Саидзода Ш.Н. Мукамалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – 181 с.

ки бо муфлисшавӣ алоқаманданд (Н.А. Қудратов)[136], ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ (А.И. Сафарзода)[137], фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ (М.Ҷ. Раҳмонзода)[138] ва ҷиноятҳо дар самти муносибатҳои кредитӣ (Н. Маҳмадзода)[139] дода шудааст.

Дар адабиёти илмӣ оид ба объекти ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ягонафикрӣ вуҷуд надорад. Масалан, баъзе олимон ҷиноятҳои иқтисодиро чунин тафсир мекунанд: Объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодӣ – ин маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар шакли истеҳсол, мубодила, тақсимот ва истеъмол зоҳир мегарданд. Вобаста ба ин объекти намудии ҷиноятҳои иқтисодӣ ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) ҷиноятҳое, ки ба муносибатҳои истеҳсолӣ таҷовуз мекунанд;

б) ҷиноятҳое, ки ба муносибатҳои мубодилавӣ таҷовуз мекунанд;

в) ҷиноятҳое, ки ба муносибатҳои тақсимот таҷовуз мекунанд;

г) ҷиноятҳое, ки ба муносибатҳои истеъмолӣ таҷовуз мекунанд[140].

Чун қоида объекти хелӣ аз рӯи фасл ва объекти намудӣ бошад аз рӯи боби мушаххаси Қисми махсуси КҶ бояд муайян карда шавад.

Воқеан, ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон дар фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ва дар боби 27 КҶ «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» муқаррар карда шудааст. Аз нигоҳи қонунгузор мантиқан объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодӣ дар умум ва фиреби истеъмолкунандагон дар алоҳидагӣ, ки дар фасли XI КҶ муқаррар карда шудааст, ин иқтисодиёт буда, он ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои истеҳсолӣ дар

---

[135] Ниг.: Шарипов Р.И. Уголовная ответственность за мошенничество по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – 173 с.; Иброхимов Ф.К. Контрабанда в уголовном праве Таджикистана и России: сравнительный анализ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2019. – 186 с.

[136] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства: по материалам Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2012. – 216 с.

[137] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – 396 с.

[138] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – 182 с.

[139] Ниг.: Махмадзода Н. Уголовная ответственность за преступления в сфере кредитных отношений по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 183 с.

[140] Ниг.: Асланханов А.А. Проблемы борьбы с преступностью в сфере экономики (криминологический и уголовно-правовой аспекты): автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1998. – С. 27-28.

раванди истеҳсолӣ, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддиву ғайримоддӣ фаҳмида мешавад.

Дар сурати мавҷуд набудани таърифи қонунгузории фаъолияти иқтисодӣ, таърифи мафҳуми фаъолияти иқтисодӣ дар адабиёти илмӣ таҳлил ва кушода дода шудааст.

Истилоҳ ё вожаи «иқтисодиёт»-ро се хел таъриф кардан мумкин аст: Якум иқтисодиёт – ин маҷмуи муносибатҳое мебошад, ки байни одамон дар доираи истеҳсолот, тақсимот, муомилот ва истеъмоли неъматҳо ва хизматрасониҳои моддӣ ва ғайримоддӣ сурат мегиранд. Бояд дар назар дошт, ки иқтисодиёт бо риштаҳои ноайён ҳамаи паҳлуҳои ҷомеаро фаро мегирад. Дуюм, иқтисодиёт тарзи ташкили фаъолияти одамонро ифода карда, барои ба вуҷуд овардани неъматҳои зарури истеъмолӣ ва қонеъ гардонидани талаботи онҳо нигаронда шудааст. Талабот ҳоҳиши бошуурона ва ё бешууронаи одамонро барои ба даст овардани неъматҳои зарурӣ ба мақсади пешбурди фаъолият ва инкишофи шахс ифода менамояд. Сеюм, иқтисодиёт илмест, ки истифодабарии самараноки захираҳои маҳдудро барои қонеъ гардонидани талаботи номаҳдуди одамон меомӯзад. Умуман истилоҳи «иқтисодиёт»-ро ҳамчун қонун, қоидаи хоҷагидорӣ, яъне тарзу усулҳои хоҷагидорӣ бо мақсади таъмини талаботи одамон тавассути истеҳсоли неъматҳои ҳаётан зарур маънидод кардан мумкин аст[141].

Ҳамин тариқ, аз рӯйи мантиқ, объекти хелӣ фиреби истеъмолкунандагонро бо дарназардошти фасли XI КҶ чун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт метавон муқаррар намуд, ки онҳо ба истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ равона карда шудаанд.

Вобаста ба объекти намудии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар байни олимон фикру ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Масалан, олим Б.В. Ятселенко ақида дорад, ки объекти намудии ҷиноятҳои иқтисодӣ ин

[141] Ниг.: Мирбобоев Р., Саидмуродова М., Убайдов Ф., Хоркашов И., Фозилхонов Д., Имомназаров М. Асосҳои иқтисодиёт. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Собириён», 2015. – С. 5. – 192 с.

муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар вақти муайян кардани фаъолияти муътадили иқтисодӣ, ҳангоми истифода, мубодила, тақсимот ва истеъмоли маҳсулот ба миён меояд[142]. Аммо, ба ақидаи муҳаққиқи ватанӣ, профессор А.И. Сафарзода, чунин муайянкунии объекти намудӣ мазмуни хоси муносибатҳои ҷамъиятии вайроншавандаро кушода намедиҳад. Аз мафҳуми додашуда муайян нест, ки маҳз кадом манфиатҳо дар ҷараёни содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ мавриди таҷовуз қарор дода мешаванд. Ғайр аз ин, мафҳуми «фаъолияти муътадили иқтисодӣ» чӣ маъно дорад ва он кадом паҳлуҳои муносибатҳои иқтисодиро дар бар мегирад, кушода дода нашудааст[143].

Ба ақидаи Б.В. Волженкин объекти намудии ҷиноятҳои иқтисодӣ ин муносибатҳои ҷамъиятии аз тарафи давлат муҳофизатшавандае мебошанд, ки асоси фаъолияти иқтисодиро дар ҷараёни инкишофи иқтисодиёти бозаргонӣ ташкил мекунанд[144]. А.И. Сафарзода бар он ақида аст, ки объекти намудии ҷиноятҳои иқтисодиро чун низоми муносибатҳои дар ҷомеа мавҷуда, ки ба инкишофи иқтисоди бозорӣ равона карда шудаанд, ташкил мекунанд. Давлат тавасути қонунҳои соҳавӣ ин ё он намуди муносибатҳои иқтисодиро танзим сохта, қоидаҳоро барои фаъолияти озоди иқтисодӣ муқарар намуда, шароити мусоидро ҷиҳати инкишофи онҳо дар оянда фароҳам меоварад. Дар баробари ин, бо истифода аз қонунгузории ҷиноятӣ муносибатҳои мавҷудаи иқтисодиро дар ҷомеа ҳифз мекунад.

Дар умум пас таҳлили корҳои илмии олимони болозикр ба чунин хулосаи аниқ омадан мумкин аст, ки объекти намудии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагонро фаъолияти иқтисодӣ ташкил медиҳад. Мафҳуми «фаъолияти иқтисодӣ» бошад, новобаста ба истифода гардидани он дар м. 12 Конститутсия Тоҷикистон, дар қонунгузории кишвари мо дода нашудааст. Дар қонунгузорӣ ин мафҳум чун истилоҳи муқобилмаънои фаъолияти

[142] Ниг.: Уголовное право России. Особенная часть. Учебник / Под ред. А.И. Рарога. – М., 1996. – С. 143.
[143] Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2013. – С. 10.
[144] Ниг.: Волжекин Б.В. Экономические преступления. – СПб., 1999. – С. 53.

соҳибкорӣ истифода мегардад. Масалан, дар моддаи 262 КҶ Тоҷикистон чунин тафсири мафҳуми «фаъолияти иқтисодӣ», ки аз ҷониби олимон низ дастгирӣ карда мешавад, дода шудааст. К.Ҳ. Солиев ва Р.Ҳ. Раҳимов қайд менамоянд, ки фаъолияти иқтисодӣ – ин фаъолияте мебошад, ки мақсади асосии онҳо ба даст овардани даромад намебошад, вале ин фаъолият харҷи маблағҳои пулиро талаб менамояд. Ба монанди ҳифзи саломатӣ, расонидани ёрии ҳуқуқӣ, ташкил намудании ҳар гуна фондҳо, ташкилотҳои хайриявӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ ва ғ.[145]. Чунин мавқеъро профессор Н.Г. Иванов дастгирӣ намуда қайд менамояд, ки ба фаъолияти иқтисодӣ бояд фаъолияти эҳсонкорӣ, ки ба он ҳар гуна сармоягузорӣ карда мешавад, дохил карда шавад[146].

Л.Д. Гаухман чунин мешуморад, ки фаъолияти иқтисодӣ «маънои маҷмуи ҳамаи зинаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тақсимот, мубодила, инчунин истеъмоли неъматҳои моддӣ ва дигарро дорад»[147].

Ба гуфтаи А.А. Витвитский ва С.И. Улезко, фаъолияти иқтисодӣ фаъолиятест, ки ба эҷод ва тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятӣ марбут аст, ки ба дастгирии зиндагии ҷомеа ва давлат дар доираи усули таърихан интихобшудаи истеҳсолот нигаронида шудааст[148].

М. Смирнов ва А.Толмачев мафҳуми маҳдуди фаъолияти иқтисодиро пешиниҳод намудаанд, ба ақидаи онҳо «фаъолияти иқтисодӣ фаъолиятест, ки ҳадафи асосии гирифтан ё нагирифтани фоида (даромад)-ро дорад, аммо хароҷоти пулӣ ё дигаро хароҷоти хусусияти молу мулкиро талаб мекунад»[149].

О.М. Олейник қайд мекунад, ки «фаъолияти иқтисодӣ яке аз намудҳои фаъолияти иқтисодии инсон, шакли иштироки инфиродӣ дар истеҳсолоти

---

145 Ниг.: Солиев К.Х., Рахимов Р.Х. Комментарий к преступлениям в сфере экономики / Теория и практика уголовного права. – Душанбе, 2001. – С. 177.

146 Ниг.: Иванов Н.Г. Уголовное право России. – М., 2003. – С. 555.

147 Уголовное право: Часть Общая. Часть Особенная: Учебник / Под ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина, С.В. Максимова. – М., 1999. – С. 431.

148 Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: Учебник / Под ред. В.Н. Петрашева. – М., 1999. – С. 218.

149 Смирнов М., Толмачев А. Уголовное право. Особенная часть (конспект лекций). – М., 2000. – С. 75.

ҷамъиятӣ ва роҳи ба даст овардани воситаҳои молиявӣ барои таъмини фаъолияти ҳаёт»[150] мебошад.

Мувофиқи мавқеи Е.П. Губин ва П.Г. Лахно, «фаъолияти иқтисодӣ раванди истеҳсоли сарватҳои моддӣ ва маънавӣ, аз ҷумла истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол аст». Барои фаъолияти муосири иқтисодӣ хос аст, ки он: 1) аз мавҷудияти истеҳсолоти молӣ, ташкили бозори иқтисодиёт бармеояд; 2) бо раванди такрористеҳсолӣ неъматҳои моддӣ алоқаманд аст, яъне. хусусияти тиҷоратӣ дорад; 3) дар истеҳсоли маҳсулот (мол), ҳангоми иҷрои кор, расонидани хадамоти дорои хусусияти моддӣ ва (ё) тақсимоти онҳо ва (ё) истифодаи онҳо (тақсим, мубодила, истеъмол)[151].

Муҳаққиқон С.С. Вабишев ва И.А. Манковский чунин мешуморанд, ки «дар шакли умумӣ фаъолияти иқтисодӣ фаъолияти дорои хусусияти арзишӣ буда, ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ нигаронида шудааст»[152]. С.В. Белих, хулосаҳои дар адабиёт баёншударо ҷамъбаст карда, ба хулосае омадааст, ки «фаъолияти иқтисодӣ фаъолияти фаъоли шахсони алоҳида, дастаҷамъонаи онҳо оид ба истеҳсол, тақсим, азнавтақсимкунӣ ва истеъмоли неъматҳои моддӣ дар доираи мубодилаи молу пул, ки шарти асосии он доштан, соҳибӣ ва ихтиёрдории ин неъматҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои моддии худ ва дигарон мебошад»[153]. Муҳаққиқони муосири соҳаи ҳуқуқи иқтисодӣ пешниҳод мекунанд, ки фаъолияти иқтисодиро ҳамчун раванди азнавтақсимкунии ноил шудан ба самаранокӣ дар марҳилаҳои истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ (арзишҳо, захираҳо) муайян кунанд[154].

Ҳарчанд, ки дар қонунгузории ватанӣ мафҳуми фаъолияти иқтисодӣ дарҷ гардидааст, лекин мафҳуми расмии он вуҷуд надорад ва аз ин лиҳоз

---

150 Предпринимательское (хозяйственное) право: в 2 т. / Отв. ред. О.М. Олейник. – М., 1999. – Т. 1. – С. 16.
151 Ниг.: Предпринимательское право Российской Федерации / Отв. ред. Е.П. Губина, П.Г. Лахно. – М., 2010. – С. 20.
152 Вабищев С.С., Маньковский И.А. Хозяйственное право. – Минск, 2011. – С. 6.
153 Белых С.В. Свобода предпринимательской деятельности как конституционно-правовая категория в Российской Федерации. – СПб., 2005. – С. 16.
154 Ниг.: Ершов В.В., Ашмарина Е.М., Корнев В.Н. Экономическое право и экономическая теория / В.В. Ершов, Е.М. Ашмарина, В.Н. Корнев // Государство и право. – 2015. – №1. – С. 68.

таҳлил ва коркарди ин мафҳум ҷиҳати омӯзиши объекти бевоситаи фиреби истеъмолкунандагон зарур аст. Вобаста ба объекти намудии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар байни олимон фикру ақидаҳои гуногун ҷой дорад. Масалан, олим Б.В. Ятселенко чунин мешуморад, ки объекти намудии ҷиноятҳои иқтисодӣ ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар вақти муайян кардани фаъолияти муътадили иқтисодӣ, ҳангоми истифода, мубодила, тақсимот ва истеъмоли маҳсулот ба миён меояд[155]. Аммо, чунин муайянкунии объекти намудӣ ба ақидаи Ш.Н. Саидзода, мазмуни хоси муносибатҳои ҷамъиятии вайроншавандаро бозгӯй наменамояд[156]. Аз мафҳуми додашуда муайян нест, ки маҳз кадом манфиатҳо дар ҷараёни содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ мавриди таҷовуз қарор дода мешаванд. Ғайр аз ин, дар ин шарҳдиҳӣ мафҳуми «фаъолияти муътадили иқтисодӣ» чӣ маъно дорад ва он кадом паҳлуҳои муносибатҳои иқтисодиро дар бар мегирад, эзоҳ дода нашудааст.

Объекти намудӣ бояд барои ҳамаи ҷиноятҳое, ки дар боби 27 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, якхел бошад. Ҳангоми таҳлили ҷиноятҳо ба муобили андозсупорӣ Ф.А. Мирзоахмедов объекти намудии ин ҷиноятҳо (*фиреби истеъмолкунандагон м. 294 КҶ ҶТ Ш.С.*) ва дигар ҷиноятҳои дар соҳаи иқтисодиётро «муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми истеҳсол, ҷобаҷокунӣ, иваз ва истифода намудани неъматҳо ва хизматҳои моддӣ, пайдо мешаванд, мешуморад»[157]. Ба назари мо чунин изҳори ақида намудан ба мафҳуми классикии объекти намудӣ мухолифат менамояд, зеро вобаста ба мафҳуми объекти намудӣ, ки он бо номи боби КҶ алоқаманд аст, объекти намудии ин гурӯҳи ҷиноятҳоро фаъолияти иқтисодӣ дар умум бояд ташкил диҳад.

Ҳамин тавр фаъолияти иқтисодӣ ҳамчун объекти намудии фиреби истеъмолкунандагон – ин маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки

---

[155] Ниг.: Уголовное право России. Особенная часть. Учебник / Под ред. А.И. Рарога. – М., 1996. – С. 143.
[156] Ниг.: Саидзода Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2018. – С. 60.
[157] Мирзоахмедов Ф.А. Ҷиноятҳо ба муқобили андозсупорӣ / Ф.А. Мирзоахмедов // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015. – Душанбе, 2015. – С. 652.

бевосита бо истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ алоқаманданд.

Дар шароити муосир муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодӣ чун объекти мавриди ҳифзи қонунгузории ҷиноятӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошанд[158]:

– муносибатҳои иқтисодӣ вобаста ба низоми сиёсии кишвар ва таъсирашон ба ҳаёти ҷамъиятӣ мавқеи марказиро ишғол намуда, рӯз аз рӯз инкишоф меёбанд;

– дар муқоиса бо дигар соҳаҳои истеҳсолӣ муносибатҳои иқтисодӣ ба гирифтани даромадҳои калон алоқаманданд;

– дар муносбатҳои иқтисодӣ маблағҳои зиёди ғайриқонунӣ, ки ба расмият дароварда шудаанд, гардиш мекунанд;

– муносибатҳои иқтисодӣ баъди гузариш ба иқтисоди бозорӣ яке аз соҳаҳои бе ҳимоя гардид ва аз ин рӯ, дар ин соҳа ҷинояткорӣ сол аз сол зиёд гардид.

Намуди дигари объекти ҷиноят, ки бандубасти дилхоҳ кирдор аз он вобастагии калон дорад, объекти бевосита мебошад. Оид ба объекти бевоситаи фиреби истеъмолкунандагон миёни олимон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Объекти бевоситаи ҷиноят он манфиат ё неъмати мушаххасе, ки ба вай дар натиҷаи содир шудани ҷинояти мушаххас зарар расидааст.

Муҳаққиқони ватанӣ А.К. Назаров, А.И. Сафаров ва Р.И. Шарипов бар он ақидаанд, ки объекти фиреби истеъмолкунандагонро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунанд, ки барои таъмини манфиатҳои моддии истеъмолкунандагон равона карда шудааст[159].

Моддаи 294-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаи ҳифзи намуди махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне муносибатҳои истеъмолӣ мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии байни истеъмолкунандагон ва соҳибкорон – истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон (инчунин

[158] Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2013. – С. 20.

[159] Ниг.: Сафаров А.И., Шарипов Р.И. Уголовно-правовая характеристика обмана потребителей как преступления в сфере предпринимательской деятельности / А.И. Сафаров, Р.И. Шарипов // Вестник педагогического университета. – 2015. – №1-1 (62). – С. 119-124.

миёнаравҳо) ҳангоми амалисозии ҳуқуқ ва манфиатхои қонунии (хусусияти истеъмолӣ) ҳамчун корхонахо ва истеъмолкунандагон бо роҳи ба амал баровардани фаъолияти савдо (фуруши мол, хизматрасонӣ), аз як тараф ва иҷрои вазифаи истеъмолкунанда, аз тарафи дигар, ба вуҷуд меоянд[160].

Муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон ҳангоми хариду фурӯши мол (хизматрасонӣ), ҳуқуқи истеъмолкунандагон оид ба харидани моли (хизматрасонии) дорои сифати муносиб, гирифтани маълумот оид ба мол (хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9-уми декабри 2004, таҳти №72, муқаррар ва ба танзим дароварда шудааст. Р.Ҳ. Раҳимзода вобаста ба объекти фиреби истеъмолкунандагон чунин менависад: «муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар соҳаи бозори истеъмолӣ ҷой доранд ва фаъолияти субъектҳои иқтисодиро дар ин ҷода ба танзим медароранд. Объекти иловагии ин ҷиноят манфиатҳои моддии истеъмолкунандагон ба ҳисоб меравcovered»[161].

Тавре ки дида мешавад, дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба объекти бевоситаи фиреби истеъмолкунандагон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Тақрибан ҳар як муаллифе, ки ба ин масъала дахл кардааст, назари худро дар бораи ин масъала каме ҳам бошад ҳам, пешниҳод мекунад. Масъалаи объекти бевоситаи фиреби истеъмолкунандагонро бо боварии том низ метавон ба масъалаи баҳсу мунозира тасниф кард. Инак, Н. Иванов чунин объектро кори муътадили корхонаҳои савдо ва манфиатхои моддии истеъмолкунандагон мешуморад[162]. Вале бояд дар назар дошт, ки кори муътадили савдо бештар аз

[160] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 278.
[161] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул – муовини аввали Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия Раҳимов Р.Ҳ. – Душанбе, 2010. – С. 596-597.
[162] Ниг.: Иванов Н. Уголовная ответственность за обман покупателей и заказчиков / Н. Иванов // Советская юстиция. – 1986. – №12. – С. 21.

муҷаҳазгардонии техникии ин корхонаҳо, дараҷаи тайёрии касбии коркунони савдо, таъмини корхонаҳои савдо бо молҳои хушсифат ва ғайра вобаста аст. Комилан равшан аст, ки ин муносибатҳо бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда нашудаанд ва аз ин рӯ объекти фиреби истеъмолкунандагон дар соҳаи савдо эътироф шуда наметавонанд.

Ба ин маънӣ нуктаи назари Л. Гаухман ва С.В. Максимов дурустар мебошад, ба сифати объекти бевосита муносибатҳои ҷамъиятие, ки манфиатҳои фаъолияти иқтисодиро дар соҳаи истеъмоли неъматҳои моддӣ, ки бо савдо ва хизмати маишии аҳолӣ ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки манфиатҳои моликияти истеъмолкунандагонро таъмин менамоянд, эътироф мекунанд[163]. Ба ин муносибат қайд кардан лозим аст, ки фиреб додани истеъмолкунандагон дар бозори истеъмолӣ на ба тамоми маҷмуи муносибатҳои тиҷоратӣ, балки танҳо ба як қисми онҳо ва маҳз ба онҳое, ки кори муътадили муассисаҳои савдоро ҳангоми хизматрасонӣ ба шаҳрвандҳо таъмин мекунанд, зарар мерасонад. Ба ибораи дигар, қонунгузор мақсади ҳифзи на ҳама муносибатҳои соҳаи савдо ва хизмати маишӣ, балки фақат қисми муайяни онҳоро пеш гирифт.

Ба ақидаи мо, мавқеи дурусттарро Г.И. Вольфман пешниҳод намудааст, ки объекти бевоситаи фиреби истеъмолкунандагонро тартиби савдо эътироф мекунад, ки мувофики он мол бояд ба истеъмолкунанда бо вазни пурра ва ба андозаи пурра, бо сифати дуруст, бо нархи мукарраршудаи чакана ва бо риояи ҳисобҳои дуруст дода шавад, инчунин манфиатҳои моддии харидорон[164]. Аммо ин мавқеъ, ба фикри мо, дар робита бо дигаргунсозиҳои иқтисодие, ки дар ҷамъияти мо ба амал омадаанд, ба баъзе муайянкуниҳо ниёз дорад.

Объекти бевоситаи фиреби истеъмолкунандагонро Г.И. Волфман баррасӣ намуда, боз як ҳолатро кайд кардан лозим аст. Сухан дар бораи он меравад, ки объект дар ин маврид муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб намеравад, балки он ҳамчун «тартиби савдо» баррасӣ гардидааст. Аз ин рӯ, ин таърифро танҳо бо баъзе шартҳо қабул кардан мумкин аст. Аз ҷумла:

[163] Ниг.: Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Преступления в сфере экономической деятельности. – М., 1998. – С. 259.
[164] Ниг.: Вольфман Г.И. Ответственность за преступления в сфере советской торговли. – Саратов, 1989. – С. 47.

ҳамчун объекти бевоситаи муносибатҳои ҷамъиятии эътироф намудани соҳаи, ки мувофиқи онҳо мол бояд ба истеъмолкунанда бо вазни пурра ва ба андозаи пурра, бо сифати дуруст, бо назардошти ҳисоби дуруст дастрас карда шавад, ҳамчунин манфиатҳои моддии истеъмолкунандагон низ бояд дохил гардад.

Ю.И. Головлев, баръакс, танҳо манфиати истеъмолкунандагонро ҳамчун объекти бевосита эътироф намуда, манфиати савдоро ҳамчун объекти намудӣ мешуморад. Вай менависад: «... объекти бевоситаи фиреб додани харидорон ҳанӯз ҳам танҳо манфиати худи ҳамин харидорон мебошад ва танҳо дар он сурат ин кирдорҳо ба таври муайян дар кори муътадили хоҷагии халқ дар соҳаи савдо инъикос меёбанд[165]. Ба ибораи дигар, зарар ба манфиати савдо ё объекти намудии ин ҷиноят расонида мешавад. Ин мавқеъ шубҳаҳои муайянеро ба миён меорад, зеро тавре ки дар боло зикр гардид, ба назари мо, объекти намудӣ як гурӯҳи муносибатҳои якхела мебошад, ки дар бобҳои Қисми махсуси КҶ муттаҳид шудаанд ва аз ин рӯ, ҳамчун объекти намудӣ мо низоми муносибатҳои ҷамъиятиро, ки дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ инкишоф меёбанд ва аз тарафи давлат ҳифз карда мешавад. А.В. Хабаров муносибатҳои соҳаи савдои чакана ва хизматрасонии маишии байни субъектҳои хочагидор ва истеъмолкунандагонро объекти фиребгарии истеъмолкунандагон эътироф намуда, ҳуқуқи моликияти истеъмолкунандагони алоҳидаро объекти иловагӣ мешуморад[166].

Ҳамин тариқ, ба таври истисно, қариб ҳамаи муаллифон якдилона мегӯянд, ки фиреби истеъмолкунандагон ҷинояти ду объекта мебошад. Ин нуктаи назар дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳукмфармост.

**Унсури дигари объекти ҷиноят предмети он мебошад.** Предмети ҷиноят он чизи муайяни мавҷуда аст, ки бо бевосита таъсиррасонӣ ба он ҷинояти мушаххас содир карда мешавад. Масалан, предмети дуздии амволи давлатӣ, ҷамъиятӣ, хусусӣ ё шахсӣ пул, автомобил, телевизор, хӯрокворӣ, либосҳо, ҳайвонҳои хонагӣ ва ғайра. Қайд кардан бамаврид аст, ки барои предмети

[165] Ниг.: Головлев Ю.И. Хозяйственные преступления: понятие и система / Ю.И. Головлев // Государство и право. – 1993. – №4. – С. 79.
[166] Ниг.: Хабаров А.В. Уголовное право РФ. Особенная часть. – Тюмень, 2001. – С. 369.

тасарруфи амвол шудан чизи мушаххаси мавҷуда камаш соҳиби се аломат бошад ё ба се талабот ҷавоб доданаш лозим: якум, чизи алоҳида; дуюм, қадру қимати муайян доштан; сеюм, бо моликияти муайян мансуб будан[167].

Предмети фиреби истеъмолкунандагонро молу маҳсулот ва хизматрасонӣ ташкил мекунад. Мол объекти ҳуқуқҳои гражданӣ, ки барои фурӯш, мубодила ё навъи дигари ба муомилоти гражданӣ баровардани он муқаррар шудааст. Маҳсулот – маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст. Хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объектҳои моддӣ вобаста намебошанд.

Муҳаққиқони дигар низ вобаста ба муқаррароти қонуни ҷиноятӣ менависанд, ки предмети фиреби истеъмолкунандагон маҳсулот (мол) ва хизматрасонӣ мебошад. Мол – ин ҳама гуна амволи моддӣ дар намуди маснуоти тайёр, маснуоти комплектикунанда, ашё, масолеҳи нимтайёр ва ғайра мебошад, ки аз ҷониби фурӯшандагон ба шаҳрвандон (истеъмолкунандагон) бо мақсади қонеъ намудани эҳтиёҷоти шахсии маишии онҳо, фурӯхта мешавад. Хизматрасонӣ – ин чунин фаъолияти корхона, ташкилот ё шаҳрванд мебошад, ки хусусияти амволӣ надорад ва ҳамчунин, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти шахсии одамон равона карда шудааст. Корҳо ва иҷрои корҳо, ки агарчи ба манфиати истеъмолкунандагон зарар расонида бошад ҳам, предмети ҷинояти м. 294 КҶ-ро ташкил намедиҳанд (сохтани хонаи манзилӣ, дӯхтани либос, таъмири пойафзол ва ғ.). Чунин кирдорҳо дар ҳолати ҷой доштани ҳолатҳои пешбиникардаи қонун мумкин аст, бо м. 208 КҶ бандубаст карда шавад[168].

Ҳамин тавр предмети фиреби истеъмолкунандагонро – маҳсулот (мол) ва хизматрасонӣ ташкил медиҳад ва онҳо чунин маъно доранд:

---

[167] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 97.

[168] Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул – муовини аввали Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия Раҳимов Р.Ҳ. – Душанбе, 2010. – С. 597-598.

1. маҳсулот (мол). Мол ҳамчун предмети ҷиноят дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили моликият бештар вомехӯранд. Барои он ки молу мулк ҳамчун предмети ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон эътироф карда шавад, вай бояд дорои нишонаҳои зерин бошад: *воқеӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ.* Нишонаи *воқеии* молу мулк маънои онро дорад, ки молу мулк бояд хусусияти ашёро дошта бошад, яъне ашё бояд воқеан вуҷуд дошта бошад, ки шахс нисбати он ягон рафтор карда тавонад, масалан, истифода барад. Нишонаи воқеии молу мулк имконият медиҳад, ки предмети ҷинояти мушаххас пурра муайян карда шавад. Ин нишона барои эътироф кардани натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, арзишҳои ғайримоддиро ҳамчун предмети ҷиноятҳо ба муқобили моликият, банду баст намудан, имконият намедиҳад. Зеро арзишҳои номбаршуда, предмети дигар ҷиноят, ки дар бобҳои дигари Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинигардида мебошанд. Инчунин нишонаи воқеии молу мулк хусусияти манқул ва бегонашаванда будани молу мулкро ифода мекунанд. Оид ба масъалаи амволи ғайриманқулро ҳамчун предмети ҷиноятҳо ба муқобили моликият эътироф кардан бояд ба назар гирем, ки асосан ҷинояткор на ба худи амвол, балки ба ҳуқуқи соҳибмулки амвол таҷовуз мекунад, бинобар ин он дигар предметро ташкил медиҳад. Нишонаи *иқтисодӣ.* Нишонаи мазкури молу мулк маънои онро дорад, ки ҳар як ашё хусусияти истеъмолӣ ва арзишӣ дорад. Хусусияти истеъмолии ашё дар он зоҳир мегардад, ки тавассути истифодаи он талаботҳои инсон қонеъ карда мешавад. Ашёи камарзише, ки хусусияти истеъмолии худро гум кардаанд, предмети ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро ташкил намедиҳанд. Хусусияти арзишии ашё дар он зоҳир мегардад, ки дар сохтани он меҳнати инсони сарф шудааст, ки онро тавассути маблағ нархгузорӣ карда мешавад. Маҳз тавассути ҳамин хусусият ҷиноятҳо ба муқобили моликият аз дигар ҷиноятҳо, ба хусус ҷиноятҳои экологӣ фарқ мекунад[169].

2. хизматрасонӣ. Рушди босуръати соҳаи хизматрасонӣ, ки доираи васеи навъҳои фаъолиятро оид ба қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ва ниёзи

[169] Ниг.: Векленко В.В. Квалификация хищений. – Омск, 2001. – С. 74.

истеҳсолот, инчунин талаботи ҷомеаро ба тиҷорат, нақлиёт, суғурта, миёнаравӣ ва машварат дар бар мегирад, акнун яке аз қонуниятҳои иқтисодиёти муосир гаштааст. Дар замони муосир соҳаи хизматрасониҳо ба ҳаёти ҷамъиятии мо устувор дохил шудааст. Ҳолати муосири инкишофи ҷамъиятро бе ба ҷо овардани хизматрасониҳо ва шаклу намунаҳои гуногуни он тасаввур кардан номумкин аст. Дар фаъолияти таҷрибавӣ ҳар рӯз зарурати ба ҷо овардани хизматрасониҳои боз ҳам нав ва босифат ба миён меояд. Дар ин робита бавуҷудоии намудҳои нави хизматрасониҳо дар системаи муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ сабаби пайдо шудани як қатор масъалаҳои назариявӣ шуд, ки гуногунмаъногии ҳалли онҳо номураттабии қонунгузориро дар ин соҳа, инчунин ба шакли муайян надаромадани таҷрибаи судиро оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муомилоти шаҳрвандӣ, тасдиқ мекунад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», ҳамчун манбаи танзими муносибатҳо оид ба хизматрасонии музднок сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Ин қонун танҳо муносибатҳоеро танзим мекунад, ки дар онҳо аз ҷониби истеъмолгар шаҳрвандон баромад мекунанд, он байни шартномаи кор ва шартномаи хизматрасонӣ фарқ намегузорад.

КМ ҶТ объектони гуногуни ҳуқуқи гражданиро пешбинӣ намуда, хусусият ва фарқи онҳоро аз якдигар муайян мекунад. Ҳамин тавр, мувофиқи моддаи 140 КМ ҶТ ҳамаи объектони ҳуқуқи маданӣ зери мафҳумҳои умумии «неъматҳои молу мулкӣ» ва «неъматҳои шахсии ғайри молу мулкӣ» гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Маълум мешавад, ки дар ин фаҳмиш ҳамчун таркиби асосӣ категорияи «молу мулк» баромад мекунад. Чунин маънидоди (шарҳ) қонунгузор аз он мавқеъ бар меояд ки худи қонунгузории гражданӣ маҳз ба батанзимдарории муносибатҳои молу мулкие, ки дар шакли молию пулӣ ифода меёбанд, равона карда шудааст. Дар системаи ин объектҳо ҳамчун яке аз унсурҳои асосӣ хизматрасониҳо баромад мекунанд. Ба мубоҳисавӣ ва гуногунии ин объект нигоҳ накарда онҳо талаботҳои

субъектони ҳуқуқи маданиро қонеъ мегардонанд, маълум мешавад, ки ба сифати объекти худи ҳамин ҳуқуқҳои гражданӣ баромад мекунанд. Мафҳуми калимаи «хизматрасонӣ» васеъ буда, таҳти он амали фоидаовар фаҳмида мешавад[170]. Бисёр шартномаҳои гражданӣ, ки мавзуи онҳо хизматрасонии гуногун аст, ба намудҳои алоҳидаи шартномаҳои маданӣ дохил карда шудааст.

Дар умум мафҳуми химатрасонӣ ҳамчун предмети ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон аз нигоҳи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ бояд таъриф дода шавад.

**а) Мафҳуми хизматрасонӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ.** Хизматрасонӣ ҳамчун ашё натиҷаи фаъолияти инсон оид ба вуҷуд овардани неъмат, воситҳои қонеъ намудани талаботҳои ҳаётӣ аст. Мазмуни иқтисодӣ (арзиши истеъмолӣ) ҳам ашё ва ҳам хизматрасонӣ дар моҳияти қонеъ намудани талаботи шаҳрвандон ифода шудааст. Аз ин рӯ тавсифи ашё ва хизматрасонӣ аз нигоҳи мазмуни иқтисодӣ монанд мебошанд. Фарқият байни ашё ва хизматрасониро на дар мазмуни иқтисодӣ балки дар шакли ҷисмонии он бояд ҷуст[171]. Шакли ҷисмонии хизматрасонӣ дар он ифода меёбад, ки хизматрасонӣ фаъолияти дорои оқибати ғайримоддӣ буда, бавуҷудорандаи натиҷаи фоидаовар аст. Хизматрасонӣ ба ақидаи К. Маркс, ин арзиши махсуси истеъмолии меҳнат аст, ки хизматрасониро на дар шакли ашё, балки дар шакли фаъолият мерасонад[172]. Фаъолият дар ин ҷо ҳамчун баръакси ашё фаҳмида мешавад, ки дорои неъмати ғайримоддӣ аст.

**б) Мафҳуми хизматрасонӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ.** Хизматрасонӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ин ё он ҷанбаи мазмуни иқтисодии хизмат аст, яъне маҳсули меҳнат ва ё раванди меҳнат. Мафҳуми хизматрасонӣ ҳамчун маҳаки иқтисодӣ бо муайян кардани предмети танзими ҳуқуқӣ ва ҳамчун маҳаки ҳуқуқӣ бо муайян кардани объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ имконпазир аст. Хизматрасонӣ чун раванди меҳнат ба ҳайси объекти муносибатҳои

[170] Ниг.: Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми II. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири М.А. Маҳмудов. – Душанбе: «Эр-граф», 2007. – С. 279.
[171] Ниг.: Бороздин Ю.В. Стоимостные отношения в социалистической экономике. – М., 1988. – С. 70.
[172] Ниг.: Брагинский М.И. Общее учение о хозяйственных договорах. – Минск, 1967. – С. 34.

ҳуқуқи меҳнатӣ баромад намуда, ҳамчун аз ҷониби корманд ва хизматчӣ иҷрои функсияи меҳнатии мушаххаси ифодакунандаи ихтисос, квалификатсия ва мансаб фаҳмида мешавад[173]. Хизматрасонӣ чун маҳсули меҳнат ба ҳайси объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ баромад менамояд, ки ҳамчун натиҷаи фаъолият, неъмати мушаххас маънидод мегардад[174]. Аз сабабе, ки хизматрасонӣ ҳамчун ҳолати мураккаб ифода мегардад, ҳарду ҷабҳа бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мешаванд. Аммо мухолифати байни меъёрҳои меҳнатӣ ва грҷданӣ бо он сабаб ҷой надоранд, ки на ҳама муносибатҳои ҷаъмиятӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мешаванд. Гуфтаи мазкур маънои онро надорад, ки хизматрасонӣ дорои моҳияти омӯзишӣ ва амалӣ нест. Бо мафҳуми объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ мо он ҳодисаеро вобаста медонем, ки метавонад талаботи истеъмолии инсонро қонеъ намояд ва вобаста аз оне ки дар ин муносибатҳо кадом талабот қонеъ мешавад, метавонад объекти муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйир ёбад. Ин дар навбати худ муайянкунандаи шакли танзими ҳуқуқӣ аст. Бинобар ин ҷудо намудани ин ва ё он ҷабҳаи ҳодисот дар раванди танзими ҳуқуқӣ бо талабот ва манфиати инсон вобаста аст. Ҳамин тариқ хизматрасонӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ ин амали муайяни субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ барои қонеъ намудани талаботӣ ҷисмонӣ, маънавӣ, зеҳнӣ ва муқаррар намудани муносибати корӣ аст.

Таҳлили мафҳумҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии хизматрасониро ҷамъбаст намуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст: хизматрасонӣ – ин чунин фаъолияти корхона, ташкилот ё шаҳрванд мебошад, ки хусусияти амволӣ надорад ва ҳамчунин, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти шахсии одамон равона карда шудааст (хизматрасонии сайёҳӣ, нақлиётӣ, тиббӣ, машваратӣ ва ғ.)[175].

---

[173] Ниг.: Шерстобитов А.Е. Гражданско-правовые вопросы охраны прав потребителей. – М., 1993. – С. 17.
[174] Ниг.: Шешенин Е.Д. Предмет обязательства по оказанию услуг / Е.Д. Шешенин // Сб. уч. тр. Свердловского юрид. ин-та. – Вып. 3. – Свердловск, 1964. – С. 151.
[175] Дар асоси муқарраротои КГ ҶТ ва қонунгузории дигари танзимкунандаи хизматрасонии музднок, дар заминаи фаъолияти хоҷагӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ навъҳои зерини онро ҷудо кардан мумкин аст:
- хизматрасонии алоқа ва иттилоот;
- хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ;
- хизматрасонии байторӣ;

Масъалаи дигар, ки бо объекти ҷиноят алоқаманд аст ин ҷабрдида аз ҷиноят мебошад. Таҷрибаи қонунгузории ФР, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон ва Туркманситон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сурати фиреби шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон шахс бо ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Дар КМҶ ҶТ мафҳуми ҷабрдида чунин омадааст: «шахсе, ки сарфи назар аз синну сол, ҳолати руҳӣ ва ҷисмонӣ ба ӯ аз ҷиноят зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин шахсе, ки ҳуқуқу манфатҳои ӯ зери таҳдиди бевоситаи сӯйиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст, ҳамчун ҷабрдида эътироф карда мешавад». Ба сифати ҷабрдида ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Шахси ҳуқуқӣ ҳамон вақт ҷабрдида эътироф карда мешавад, ки агар дар натиҷаи содир гардидани ҷиноят ба ӯ зарари моддӣ ё маънавӣ расида бошад. Дар ин сурат ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷабрдидаро намояндаи шахси ҳуқуқӣ амалӣ мекунад. Дар бораи ҷабрдида эътироф кардани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор баъди муқаррар кардани ҳодисаи ҷиноят ва воқеияти бар асари ҷиноят расидани зарар фавран қарор қабул карда, суд бошад таъинот мебарорад[176]. Ҳамин тавр шахси ҳуқуқӣ низ метавонад ҷабрдида аз ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон гардад. Дар асоси таҳлилҳои болозикр ба чунин

---

- хизматрасонии аудиторӣ;
- хизматрасонии ҳуқуқӣ;
- хизматрасонии туристию сайёҳӣ;
- хизматрасонии таълимӣ;
- хизматрасонӣ ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- хизматрасонии хуроки омма;
- хизматрасонии меҳмонхонадорӣ;
- хизматрасонии коммуналӣ;
- хизматрасонии гигиенӣ;
- хизматрасонии маросимӣ;
- хизматрасонии варзишию солимгардонӣ ва санитарию осоишгоҳӣ;
- хизматрасонии фарҳангӣ ва ғайра;

[176] Ниг.: Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2015. – С. 90.

хулоса омадан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқи истеъмолкунангон пешсаф мебошад ва дигар давлатҳои аъзои ИДМ метавонанд ин таҷрибаи моро самаранок истифода баранд.

Вобаста ба ҷабрдида ба назар гирифтани муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мақсаднок мебошад. Ба сифати ҷабрдидаи ҷинояти мазкур танҳо истеъмолкунандагон баромад мекунанд. Истеъмолкунанда – ин шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки ният дорад, мол (хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд. Аз ин бармеояд, ки фиреби истеъмолкунандагоне, ки мол ва ё хизматрасониро бо мақсади анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ харидорӣ менамоянд, таркиби ин ҷиноятро ташкил намедиҳад. Чунин кирдор бояд бо м. 247 КҶ (қаллобӣ) бандубаст карда шавад.

Ҳамин тавр, объекти ҷинояти фиреби истеъмолкунандагонро ҷамъбаст намуда, чунин нуктаҳоро пешниҳод намудан зарур аст, ки онҳо метавонанд баҳри минбаъд мукаммал намудани қонуни ҷиноятии ҶТ аз аҳаммият холӣ набошанд:

1. Динамика ва сохтори ҷиноятҳои иқтисодӣ бояд пеш аз ҳама бо ислоҳоти низоми иқтисодӣ, аз нав дида баромадани принсипҳои танзими давлатии ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, тағирёбии хусусияти муносибатҳои гуногуни субъектҳои соҳибкорӣ ба монанди истеҳсолкунандагон, дистрибюторҳо ва истеъмолкунандагон алоқаманд карда шавад. Ба дараҷаи муайян, ин равандҳои бозсозӣ ба муносибатҳое, ки вобаста ба фаъолияти низоми бонкӣ, соҳаи фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо ба вуҷуд омадаанд, таъсир расонд. Ҳамаи ин метавонад дар муайяннамоии таърифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти фиреби истеъмолкунандагон таъсир гузорад;

2. Ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон дар фасли XI КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ва дар боби 27 КҶ «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти

иқтисодӣ» муқаррар карда шудааст. Аз нигоҳи қонунгузор мантиқан объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодӣ дар умум ва фиреби истеъмолкунандагон дар алоҳидагӣ, ки дар фасли XI КҶ муқаррар карда шудааст, ин иқтисодиёт буда, он ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои истеҳсолӣ дар раванди истеҳсолӣ, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддиву ғайримоддӣ фаҳмида мешавад;

3. Фаъолияти иқтисодӣ ҳамчун объекти намудии фиреби истеъмолкунандагон – ин маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бевосита бо истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ алоқаманданд;

4. Вобаста ба ҷабрдида ба назар гирифтани муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мақсаднок мебошад. Ба сифати ҷабрдидаи ҷинояти мазкур танҳо истеъмолкунандагон баромад мекунанд. Истеъмолкунанда ин шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки ният дорад, мол (хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд. Аз ин бармеояд, ки фиреби истеъмолкунандагоне, ки мол ва ё хизматрасониро бо мақсади анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ харидорӣ менамоянд, таркиби ин ҷиноятро ташкил намедиҳад. Чунин кирдор бояд бо м. 247 КҶ (қаллобӣ) бандубаст карда шавад.

5. Таҳлили мафҳумҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии химатрасониро ҷамъбаст намуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст: хизматрасонӣ – ин чунин фаъолияти корхона, ташкилот ё шаҳрванд мебошад, ки хусусияти амволӣ надорад ва ҳамчунин, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти шахсии одамон равона карда шудааст (хизматрасонии сайёҳӣ, нақлиётӣ, тиббӣ, машваратӣ ва ғ.).

## 2.2. Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии тарафи объективии фиреби истеъмолкунандагон

Тарафи объективии ҷиноят ҷараёни ягонаеро дар худ тавсиф медиҳад, ки ҳар яке аз онҳо ба қонуниятҳои умумӣ тобеъ мебошанд. Ҳаракат (беҳаракатӣ) аз як тараф – ин унсури аввали ҷараён мебошад, ки ба муносибатҳои ҷамъиятии ҳамчун объекти ҷиноят баромадкунанда ва оқибат, ки аҳаммияти ҷиноӣ-ҳуқуқӣ доранд, таъсири манфӣ мерасонад. Аз тарафи дигар ба ҷамъият хавфнокии ҳаракат (беҳаракатӣ), ки ба тағйирот ва вайроншавии ин муносибатҳо ба объекти таҷовуз меорад – ин сабаби тағйири қайдшуда, давраи аввали пайдоиши оқибат мебошад. Дар назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ тарафи объективии ҷиноят яке аз таълимоти мураккаб ва бисёрҳаҷм мебошад. Тарафи объективии ҷиноят яке аз чор унсурҳои ҳатмии ҷиноят буда, бе он кирдор наметавонад ба объекти ҷиноят таҷовуз кунад, инчунин тарафи субъективии ҷиноят, ки ҳамчун инъикосгари тарафи объективии кирдор дар шуури субъект мебошад ва охиран субъекти ҷиноят вуҷуд дошта наметавонад.

Тарафи объективии ҷиноят амали зоҳирии кирдори барои ҷамъият хавфноке, ки ба объекти аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзгардида таҷовуз мекунад ва дар натиҷаи ин таҷовуз ба он объект зарар мерасад, мегӯянд. Тарафи объективии ҷиноят воқеияти ошкоро, зоҳиран амалкунанда бошад ҳам, дарк кардани он хеле мушкил аст. Барои он ки унсури ҷиноят, чӣ хеле ки дар боло қайд шуда буд, дар тарафи ботинии фаъолият аст, яъне дар фикру андеша, дар хаёли он шакли муайянро мегирад ва пас аз вай зоҳиран ҷомаи амал мепӯшад. Аз дигар тараф, тарафи объективии ҷиноят чун объекти даркшаванда хеле мураккаб бошад ҳам, бо осонӣ ошкор кардан мумкин аст[177]. Дар назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ тарафи объективии ҷиноят яке аз таълимоти мураккаб ва бисёрҳаҷм мебошад. Тарафи объективии ҷиноят яке аз чор унсурҳои ҳатмии ҷиноят мебошад. Бе тарафи объективӣ кирдор наметавонад ба объекти ҷиноят таҷовуз кунад, инчунин тарафи субъективии ҷиноят, ки ҳамчун инъикосгари тарафи объективии кирдор дар шуури

[177] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 99-100.

субъект мебошад ва охиран субъекти ҷиноят вуҷуд дошта наметавонад[178].

Ҷабҳаи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таълимот оид ба таркиби ҷиноят хусусан аломатҳои объективии он инкишофи минбаъдаи худро дар асарҳои криминалистони олмонӣ К. Биндинг ва Ф. Лист меёбад. Дар асри гузашта олимони рус Н.С. Тагансев, А.Ф. Кистияновский ва дигарон унсурҳои таркиби ҷиноят, аз он ҷумла объекти таҷовуз, тарафи объективӣ ва тарафи субъективии ҷиноят, субъекти ҷиноятро дақиқан мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода буданд. Бахусус, онҳо диққати асосиро ба омӯзиши масоили синну сол, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва мукаллафӣ равона карда буданд[179].

Тарафи объективии ҷиноят имконият медиҳад, то ки унсурҳои дигари таркиби ҷиноят муайян карда шаванд. Аз рӯйи тарафи объективӣ мумкин аст объекти ҷиноят, тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноят муайян карда шавад. Муайян кардани тарафи объективии ҷиноят мумкин аст барои муайян намудани самти қасди гунаҳгор аҳаммияти хос дошта бошад. Дар кирдор, амал инъикос ёфтани протсеси руҳӣ дар як вақт барои қабули он дастрас мегардад, ки он тавассусти таҳлили амал ва кирдор амалӣ мегардад.

Тарафи объективӣ ва субъективии ҷиноят ҳарду як зуҳурот, яъне ҷиноятро дар бар мегиранд. Лекин тарафи субъективӣ танҳо протсеси дар олами беруна, берун аз шуури шахси ҳаракаткунандаро дар бар мегирад. Тарафи объективӣ бошад протсесест, ки дар шуури инсон ҷараён меёбад. Аз ин рӯ тарафи объетивӣ амали берунаи иродавии рафтори одам аст, ки дар он барои ҷамъият хавфнокии таҷовуз ба объекти бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда ифода меёбад. Яъне рафтори иродавиест, ки дар олами объективӣ зоҳир мегардад. Тарафи объективии ҷиноят қобилияти таъсир расонидан ба ҷамъият хавфнокии кирдор дар давраи аввали бандубаст, ҳамон вақте ки намуди ҳуқуқвайронкунӣ муайян карда мешавад, дорад.

---

[178] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. – Душанбе, 2012. – С. 52.

[179] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.И., Насриддинов Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси мухтассари лексияҳо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 173 с.

Тарафи объективии ҷиноят амали зоҳирии кирдори барои ҷамъият хавфноке мебошад, ки ба объекти аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзгардида таарруз мекунад ва дар натиҷаи ин таарруз ба он объект зарар мерасад. Тарафи объективии ҷиноят воқеияти ошкоро, зоҳиран амалкунанда бошад ҳам, дарк кардани он хеле мушкил аст. Барои он ки унсури ҷиноят, чӣ хеле ки дар боло қайд шуда буд дар тарафи ботинии фаъолият аст, яъне дар фикру андеша, дар хаёли он шакли муайянро мегирад ва пас аз вай зоҳиран ҷомаи амал мепӯшад. Аз дигар тараф, тарафи объективии ҷиноят чун объекти даркшаванда хеле мураккаб бошад ҳам, бо осонӣ ошкор кардан мумкин аст. Тарафи объективӣ аз кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибати барои ҷамъият хавфнок ва аз робитаи сабаби байни кирдор ва оқибати барои ҷамъият хавфнок иборат аст[180].

Кирдори ҷиноятӣ дар диспозитсияи моддаҳои махсуси КҶ пешбинӣ гардидааст. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ тамоми аломатҳои тарафи объективии таркиби ҷиноятро ба ду қисм ҷудо мекунанд:

**1.** Аломатҳои ҳатмии кирдор. Яъне ҳаракат ва беҳаракатӣ аломати ҳатмии ҳама гуна ҷиноятҳо дониста мешавад. Чи дар таркибҳои расмӣ, моддӣ, кӯтоҳкардашуда ва чи бо бартарии маъмурӣ дошта. Оқибат робитаи сабабӣ бошад ҳамчун аломати ҳатмии танҳо барои таркибҳои моддӣ баромад менамоянд

**2.** Аломатҳои факултативии кирдор. Ба аломатҳои факултативӣ инҳо мансубанд: ҷои содир шудани ҷиноят; вақти содир шудани ҷиноят; тарзи содир намудани ҷиноят ва олоти содир намудани ҷиноят.

Тарафи объективӣ яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят мебошад. Агар ягон аломати тарафи объективӣ муайян карда нашавад ё ин аломатҳо талаботи қонунгузориро қонеъ карда натавонанд, таркиби ҷиноят ҷой дошта наметавонад. Аҳаммияти хосса на танҳо нишонаҳои асосӣ, инчунин нишонаҳои факултативӣ низ доранд. Муҳиммияти нишонаҳои факултативии

---

180 Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – С. 84.

тарафи объективӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки «агар ҳатто онҳо дар қонунгузорӣ дарҷ нашуда бошанд ҳам, онҳо дар ҳама ҳолат ҷиноятро муайян ва тавсифи сифатии онро муайян намуда, ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят таъсир мерасонанд, зеро ҳамчун сабаби фардикунонии кирдори ҷинояткоронаи мушаххас баромад мекунанд» менависад А.В. Наумов[181].

Қонунгузор барои ифодасозии тарафи объективии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон аз амалҳои зерин кор гирифтааст:

1) муқаррар кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок чун фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ. Диспозитсияи м. 294 КҶ ҶТ ба сифати кирдори ба ҷамъият хавфнок чунин ҳаракатҳоро пешбинӣ намудааст:

а) камтар чен кардан;

б) кам баркашидан;

в) кам додани бақияи пул;

г) гумроҳ кардан оид ба хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ);

д) дигар навъи фиреб.

2) муқаррар кардани оқибати ба ҷамъият хавфнок чун натиҷаи фиреб додани истеъмолкунандагон, ки дар ба расонидани зарар ба миқдори назаррас (қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ), ба миқдори калон (қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ) ва ба миқдори махсусан калон (қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ) алоқаманд мебошад.

3) ҷой доштани робитаи сабабӣ байни кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибати бавуқуъомада дар намуди расонидани зарар ба миқдори назаррас (қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ), ба миқдори калон (қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ) ва ба миқдори махсусан калон (қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ).

Ҳамин тавр, таҳлил намудани тарафи объективии фиреби истеъмолкунандагон вобаста ба кирдори ба ҷамъият хавфнок, оқибати ба ҷамъият хавфнок ва робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибати ба ҷамъият хавфнок мақсаднок мебошад:

**1. Кирдори барои ҷамъият хавфнок аломати ҳатмии таркиби ҷинояти**

[181] Ниг.: Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть. – М., 1996. – С. 172.

**фиреби истеъмолкунандагон мебошад.** Кирдор дар маънии ҳуқуқи ҷиноятӣ чи рафтори барои ҷамъият хавфнок ва чӣ рафтори зиддиҳуқуқӣ дониста мешавад, яъне кирдорест, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар мерасонад ва бо қонуни ҷиноятӣ манъ карда шудааст. Аксари ҷиноятҳое, ки дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинишуда бо ҳаракати фаъол содир мешаванд. Лекин барои ҳаракати одамро ҷиноят эътироф намудан он, яъне ҳаракат ба якчанд шартҳо ҷавобгӯ шуданаш лозим аст. Аввало ҳаракат ғайриқонунӣ шуданаш лозим, яъне ягон ё якчанд меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ вайрон карда шуданаш лозим. Дуюм, худраъёна, яъне ба майли худ содир шуда бошад. Сеюм, ҳаракати ба ҷамъият хавфнок бошад.

Диспозитсияи қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ ба сифати кирдори ба ҷамъият хавфнок чунин ҳаракатҳоро пешбинӣ намудааст:

а) ***камтар чен кардан.*** Камтар чен кардан дар он ҳолате ҷой дорад, ки агар ба истеъмолкунанда моли дарозиаш камтар назар ба оне ки пардохт шудааст, фурӯхта мешавад (воҳиди ченаки масса, масоҳат ва ҳаҷм).

Камтар чен кардан яке аз шаклҳои маъмултарини фиреби истеъмолкунандагон мебошад, ки дар фиреб ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ифода меёбад. Он аз додани мол ба истеъмолкунанда ба андозаи камтаре сурат мегирад, ки фурӯшанда ӯҳдадор буд, ки онро пурра ба истеъмолкунанда чен карда диҳад. Дар натиҷа, харидор (истеъмолкунанда) пули молро нисбат ба моли воқеан гирифтааш ба андозаи зиёдтар пардохт мекунад. Вобаста ба предмети фиреб ченкунӣ дар шакли кампуркунӣ ва камченкунӣ ҷудо карда мешавад. Андоза дар шакли кампуркунӣ вақте сурат мегирад, ки предмети он моеъҳо шир, шарбат, спирт, равған, бензин ва ғайра мебошад. Андоза дар шакли кам ченкунӣ ҳангоми фурӯхтани маҳсулоти ғайриозуқаворӣ, масолеҳи рӯзгор ва сохтмон ва ғайра истифода мешавад. Дар ин шакли фиребгарӣ, ҳамчун қоида, усулҳои нодурусти ченкунӣ ё воситаҳои ченкунӣ, масалан, истифода бурдани асбобҳои ченкунӣ, кор фармудани тадбирҳои ғайристандартӣ, аз ҳад зиёд таранг кардани мол дар ченак ва ғайра истифода мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки дар амалияи татбиқи қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ чандон назаррас нест ва одатан барои чунин кирдор ҷавобгарии маъмурӣ таъин карда мешавад. Масалан, Ж.У.И. ҳамчун фурӯшанда дар нуқтаи фурӯши сӯзишвории ҶДММ «Ғайрат-82» воқеъ дар шаҳри Турсунзода, деҳоти Навобод, деҳаи Бақой фаъолият намуда, ҳангоми ба шаҳрванд Усмонов И. фурӯхтани 40 литр бензини навъи АИ-92 ба маблағи 272 сомонӣ микдори 300 млл сӯзишворӣ ба маблағи 2 сомонию 40 дирам кам чен кардааст. Ба ҳамин монанд фурӯшандагони нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ О.А.Н., Т.А., Н.Ф.С., А.С.Х., А.С. ва Н.Ю.Ф. ба фиреби истеъмолкунандагон машғул шуда, зимни фурӯши сӯзишворӣ ба шаҳрвандон камтар чен карда додаанд. Прокуратураи шаҳри Турсунзода аз рӯйи ин ҳолатҳо нисбати нафарони болозикршуда парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намуда, аз тарафи Маркази минтақавии ташхисии «Тоҷикстандарт» дар шаҳри Турсунзода ҷаримабандӣ карда шудаанд[182].

Мисоли дигар, судшаванда М.Т. дар кӯчаи Карамови ш. Душанбе ғайриқонунӣ, бе ҳуҷҷатҳои дахлдор ба фурӯши сӯзишвории наъви бензин машғул шуда, рӯзи 30 сентябри соли 2011 тахминан соати 18:00 бар ивази 134 сомонӣ бо роҳи кам чен кардан ба воситаи зарф (сатил)-и оҳанин ба ҷои 20 литр бензини тамғаи АИ-92 ба зарфи оҳанини автомашина, гунҷоишаш 40 литра ба ҷабрдида Т.С. 15,8 литр бензин рехта, ба миқдори 4,2 литр бензин ба маблағи 27 сомонию 80 дирам фиреб карда, ба Т.С. ба миқдори назаррас зарари моддӣ расонидааст. Судшаванда М.Т. дар маҷлиси суд ба айби ба ӯ эълон карда шуда бо моддаи 294 кисми 1-и К ҶТ худашро пурра гунаҳгор ҳисобида, чунин нишондод дод, ки ӯ рӯзи 30 сентябри соли 2011 ба фурӯхтани маводи сӯзишвории навъи бензин АИ-92 машғул будааст, ки дар ҳамин вақт як мизоҷ бо автомашинаи шахсиаш, тамғаи ВАЗ-21011, ки рақами давлатиаш дар хотираш набудаасту рангаш сафед будааст омада, дар назди ӯ истода, аз ӯ хохиш кардааст, ки 20 литр сӯзишорӣ резад. Сипас ӯ бо сатили оҳанин ба

[182] Ниг.: Фиреби истеъмолкунандагон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://prokuratura.tj/point60/66-to-ik/news/1020-alasai-ayati-mushovara-dar-prokuraturai-general-317.html (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

мизоҷ ду маротиба 10 литери, ҷамъ 20 литр сӯзишвориро бо нархи 6 сомонию 80 дирам як литраш ба зарф (бак)-и автомашинаи он мизоҷ рехтааст. Мизоҷ ба ӯ 140 сомонӣ додаасту ӯ бошад 6 сомониашро ҳамчун бақияпули додааст. Ҳамон вақт як автомашинаи дигар омада, дар назди онҳо истодаасту аз дохили он 5-6 нафар фаромада, худро ҳамчун кормандони прокуратураи ноҳияи Сино ва Агентии Тоҷикстандарт муаррифӣ карданд. Баъд онҳо аз дохили автомашинаашон як зарфи 10 литраро бароварда, маводи сӯзишвории фурӯхтаи ӯро аз дохили баки автомашинаи он мизоҷ гирифта, санҷиданд, ки аз 20 литр маводи сӯзишвории фурӯхтаи ӯ 4 литру 200 грамм кам баромадааст, ки он 27 сомонию 80 дирамро ташкил медодааст[183].

Сабаби чунин бандубастро профессор А.И. Сафарзода дуруст баён намудааст. Ба ақидаи ӯ «ҳар як ҷиноят бо дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии худ тавсиф карда мешавад, вале фиреби истеъмолкунандагон, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он дар м. 294 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст дорои дараҷаи пасти хавфнокии ҷамъиятӣ буда, ба ҳамаи аломатҳои ҷиноят мувофиқат намекунад ва бинобар ин он бояд ҷиноят эътироф карда нашавад. Маблағи ками зарар ҳамчун натиҷаи фиребгарии истеъмолкунандагон на танҳо ба сохторҳои дигар ҷиноятҳои иқтисодӣ мувофиқат намекунад, балки ҳадди»«-и хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори маъмуриро баробарӣ (дарёфт) намекунад[184]. Ақидаи муҳаққиқ А.И, Сафарзодаро мо ҷонибдорӣ менамоем. Зеро, дар шароити имрӯза миқдори назаррас 6 сомониву 40 дирамро ташкил медиҳад ва онро мо наметавонем, ки ҳамчун оқибати ба ҷамъият хавнок эътироф намоем. Яъне, барои 6 сомониву 40 дирам (дар соли 2022) мо бояд шахсонро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашем ва ин маблағ вобаста рушди иқтисодии ҶТ ночиз мебошад, зеро танҳо дар соли 2021 рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 9,2 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 4,7 банди фоизӣ зиёд мебошад. Чунин ҳолат дар дигар намуди ҳаракатҳои тарафи объективии қ.1 м. 294 КҶ ҶТ (кам

[183] Ниг.: Ҳукми суди н. Сино №256145/22 // Бойгонии суди н. Синои ш. Душанбе.
[184] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 287.

баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардан оид ба хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ), дигар навъи фиреб) ҷой дорад.

Камтар чен кардан, яъне дар истифодаи нодурусти воҳидҳои ченаки дарозӣ, ҳаҷм ва масоҳат сурат мегирад, ки онҳо чунинанд:

1. воҳидҳои ченаки дарозӣ:

a) мм – миллиметр – 1мм = 0,1см = 0,01дм = 0,001м = 0,0001км.;

b) см – сантиметр – 1см = 10мм.;

c) дм – десиметр – 1дм = 10см = 100мм.;

d) м – метр – 1м = 10дм = 100см = 1 000мм.;

e) км – километр – 1км = 1 000м = 10 000дм = 100 000см = 1 000 000мм.

2. Воҳидҳои ченаки масоҳат:

a) мм2 – миллиметри квадратӣ;

b) см2 – сантиметри квадратӣ;

c) дм2 – десиметри квадратӣ;

d) м2 – метри квадратӣ;

e) км2 – километри квадратӣ;

f) а – ар (сотка, (сотих аз калимаи русии «сотых»));

g) г – гектар.

3. Воҳидҳои ченаки ҳаҷм

a) мм3 – миллиметри кубӣ;

b) см3 – сантиметри кубӣ;

c) дм3 – десиметри кубӣ;

d) м3 – метри кубӣ;

e) км3 – километри кубӣ.

б) ***кам баркашидан.*** Кам баркашидан (кам баркашидан, кам ниҳодан, яъне вайрон кардани воҳидҳои ченнаки масса, ки дар мг – миллиграмм, г – грамм, кг – килограмм, с – сентнер (ц – центнер), т – тонна ифода мегардад) – ин додани мол дар чунин ҳаҷме мебошад, ки ба шартҳои шартнома ва ё стандартҳои муқарраршуда, ки вазн, ҳаҷм ва дигар нишондодҳои шуморавии

молро муайян мекунад, мувофиқат намекунад.

в) ***кам додани бақияи пул.*** Кам додани бақияи пул (нодуруст ҳисоб кардани нархи мол ва ё хизматрасонӣ) – ин бе огоҳии истеъмолкунанда аз тарафи фурӯшанда ё хизматрасон риоя накардани нархе, ки пешакӣ гуфтугузор ё эълон шудааст. Кам додани бақияи пул, инчунин, дар он ҳолате ҷой дорад, ки агар нархи мол ё хизматрасонӣ аз тарафи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шуда бошанду лекин шахс нархи онҳоро нодуруст нишон медиҳад[185].

Кам додани бақияи пул ҳамчун як навъи фиреб дар он ифода меёбад, ки фурӯшанда назар ба миқдори муқарраршуда аз харидор бештар маблағ мегирад. Дар чунин маврид харидорро дар бораи нархи муқарраршудаи мол ба гумроҳӣ андохта, бақияи пул камтар дода мешавад.

Ҳамин тавр, кам додани бақияи пул метавонад бо ду тарз сурат гирад:

1. Кам додани маблағи бақияи пул (дидаву дониста ба истеъмолкунанда кам додани бақияи пул вобаста ба оне ки истеъмолкунанда бояд онро мегирифт);

2. Нодуруст ҳисоб кардани маблағи умумии харид.

Ҳисобу китоб бо харидорон аз рӯйи тартиби зерин бояд сурат гирад: хазинадор маблағи пули гирифтаро аниқ номбар карда, алоҳида-алоҳида мегузорад; ин амал бояд дар назди харидор анҷом дода шавад; чекро дар хазина чоп мекунад; ба харидор арзиши умумии харидро эълон мекунад; маблағи тағйиротеро, ки ба харидор вобаста аст, номбар мекунад ва онро ҳамроҳи чек медиҳад. Баъди пардохти охирин, пули аз харидор гирифтаашро ба касса мегузорад. Ба харидор ба ҷойи баргардонидани пул ҳар гуна мол пешниҳод кардан ё аз худаш иваз кардани пулро талаб кардан манъ аст. Пардохти ҳамаи молҳое, ки дар муассисаҳои худхизматрасонӣ харида мешаванд, танҳо дар як узели ҳисоббаробаркунӣ сурат мегирад.

---

[185] Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул – муовини аввали Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия Раҳимов Р.Ҳ. – Душанбе, 2010. – С. 598-599.

Дар корхонаҳои худхизматрасонии ғайриозуқаворӣ ҳисобу китоб дар як узели ҳисоббаробаркунӣ ё кассаҳое, ки дар нуқтаҳои баромади харидорон гузошта шудаанд, гузаронида мешавад. Кассир ҳангоми гирифтани талабҳои харидорон оид ба ҳисоббарорӣ вазифадор аст, ки дар ин бора ба маъмурияти корхона хабар диҳад. Маблағ аз касса ба харидорон мувофиқи тартиби муқарраршуда бо иҷозати маъмурият дода мешавад.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961, инчунин барои зиёд кардани нархҳои муқарраршудаи чаканафурӯшӣ, инчунин нархҳои тарифҳо, хизмати маишӣ ва коммуналӣ ба аҳолӣ муқаррар карда шудааст. Мувофиқи Кодекси ҷиноятии амалкунанда ин кирдор низ ҷазои ҷиноятӣ дорад. Дар ин бора дар КҶ ҶТ ягон ишораи бевосита ҷой надошта бошад ҳам, бо вуҷуди ин, сухан дар бораи фиреб додани хизматрасонӣ ба аҳолӣ меравад.

Бо ақидаи А.Э. Жалинский вобаста ба он ки «кам додани бақияи пул» (ҳамчун кирдори ҷиноятӣ) ҳамчун дидаю дониста нодуруст нишон додани нарх ифода меёбад, агар маблағи он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян шуда бошад ва бо созиш бо истеъмолкунанда муқаррар нагардида бошад»[186].

г) ***гумроҳ кардан оид ба хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ).*** Гумроҳ кардан оид ба хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) – ин хабари нодуруст додан дар бораи хосияти ин ё он мол (хизмат), ки ба сифати он, санаи тайёр кардани он, муҳлати коршоямии он, навъи он, мамлакат ва ё фирмаи тайёркардаи он ва ғайра тааллуқ дорад. Чунин иттилоот барои фиреб додани истеъмолкунанда равона карда шудааст[187].

Хосиятҳои мол – ин хусусияти объективии он мебошанд, яъне чизе мебошад, ки як махсулотро аз дигараш фарқ мекунад. Ҳар як маҳсулот дорои

[186] Комментарий к УК Российской Федерации. Особенная часть / Под общ. ред.: Лебедев В.М., Скуратов Ю.И. – М.: Норма, Инфра-М, 1996. – С. 228.

[187] Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул – муовини аввали Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия Раҳимов Р.Ҳ. – Душанбе, 2010. – С. 598-599.

хосиятҳои зиёдест, ки метавонанд ҳангоми ташаккул, кор ё истеъмоли он зоҳир шаванд. Хусусиятҳои маҳсулоте, ки фоиданокии онро дар раванди кор ва истеъмол муайян мекунанд, хосиятҳои истеъмолӣ номида мешаванд. Номенклатураи хосиятхои истеъмолӣ ва нишондиҳандаҳои онҳо аз рӯйи хусусият ва таъиноти маҳсулот муайян карда мешавад. Хусусиятҳои истеъмолӣ барои маҳсулоти тайёр ва молҳои дар савдои чакана фурӯхташуда хосанд.

Хусусияти истеъмолии мол ба якчанд намудҳо ҷудо мешавад, аз ҷумла: Хусусиятҳои эргономикӣ – қобилияти маҳсулот барои ба вуҷуд овардани ҳисси роҳат, бароҳатӣ, пурратар конеъ гардонидани талабот мувофиқи хусусиятҳои антропометрӣ, физиологӣ, психологӣ ва органолептикии истеъмолкунанда мебошад. Эргономика илмест, ки шахсро дар шароити мушаххаси фаъолияташ ҳамаҷониба меомӯзад, то воситаҳо ва равандҳои меҳнатро дар раванди истеъмол оптимизатсия кунад. Ин хосиятҳо талаботи физиологӣ ва психологиро қонеъ мекунанд. Хусусиятҳои антропометрӣ - қобилияти мол ҳангоми истифодааш ба хусусиятҳои ченкунии истеъмолкунанда мувофиқат кардан аст. Ин хосиятҳо бояд ҳангоми истеъмоли мол бароҳатӣ эҷод кунанд. Онҳо дар арзёбии сифати маҳсулоти ғайриғизоӣ, махсусан либос ва пойафзол аҳаммияти калон доранд, бинобар ин, ҳангоми тарҳрезӣ ва таҳияи маҳсулот маълумотҳо оид ба ченкунии антропометрии аҳолӣ, ки дар асоси онҳо андозаи либосҳо, пойафзол ва кулоҳҳо чен карда мешаванд, истифода мешаванд. Хусусиятҳои физиологӣ – қобилияти мол барои таъмини қулайии фаъолияти узвҳои алоҳида ё қисмҳои бадани инсон ҳангоми истифодабарии онҳоро ифода мекунад. Дар раванди истеъмоли мол одам дар баробари сарфи энергия қувваи муайян сарф мекунад. Ҳангоми истеъмоли маҳсулот ҳар қадар кӯшиши камтар лозим бошад, ҳамон қадар хосиятҳои функсионалии он беҳтар аст. Хусусиятҳои физиологии мол бояд хусусиятхои инфиродии табақаҳои алоҳидаи истеъмолкунандагонро аз рӯйи асосҳои гуногун (аз рӯйи синну сол, ҳолати саломатӣ) ба назар гиранд.

Ҳамин тавр, барои ҳама маҳсулоти хӯрокворӣ хосиятҳои муайянкунандаи таъиноти функсионалӣ арзиши энергетикӣ ва биологӣ мебошанд; барои як гурӯҳи маҳсулоти либос ва пойафзол, ин хосиятҳои муҳофизатӣ аз таъсири манфии беруна мебошанд.

Яке аз хосияти мол, ки бештар дар амалия барои бандубасти м. 294 КҶ ҶТ аҳаммияти хосса дорад, ин маълумоти нодуруст дар бораи мол мебошад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаб намояд ва истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) уҳдадор аст сари вақт ба истеъмолкунанда дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) маълумоти зарурӣ ва боэътимоде пешниҳод намояд, ки имконияти интихоби дурусти онро таъмин созад. Мисол, А.А. даст ба содир намудани сӯйиқасди ҷинояти муомилот ва фиреби истеъмолкунандагон дар чунин ҳолат задааст. Ӯ аз аввали соли 2018 то инҷониб дар вазифаи директори ҶДММ «Руслан» фаъолият карда истода, дар давоми моҳи декабри соли 2020 бо мақсади ба даст овардани фоидаи муфт бархилофи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи ҳимояи хуқуки истеъмолкунандагон» амал карда, дидаю دониста дар сехи истеҳсолии худ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Раҳмон Набиев, бинои №246, 2565 адад арақи «Кристалл», 1380 адад араки «Тоҷикистон», 30 адад «ГОСТ», 240 адад арақи «Ашки Гандум», 48 адад арақи «Руслан», 48 адад коняки «Чёрный Аист», 16 адад коняки «Тоҷикистон» ва 36 адад коняки «Белый Аист», ҷамъ 4363 адад машруботи спиртии тамғанашуда ва ғайристандартиро ба маблағи умумии 68627 сомонӣ истеҳсол ва нигаҳдошт карда, онро бо мақсади бе маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ва аломатҳои мутобиқатии аз сохтакорӣ муҳофизатшаванда ба муомилот баровардан, дар сехи номбурда нигоҳ доштааст. Ӯ кирдори ҷинояткоронаи худро идома дода истода, рӯзи 21 декабри соли 2020, 240 адад машруботи спиртии навъи «Ашки Гандум»-и истеҳсол кардаашро бе маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус, аломатҳои мутобиқатии аз сохтакорӣ муҳофизатшаванда ва ғайристандартӣ бо мақсади ба муомилот баровардан,

ба автомашинам тамғаи «Опел Астра» рақами қайди давлатиаш 39-50 СТ 01, ки таҳти идораи Г.О.Р., қарор доштааст 2565 адад арақи «Кристалл», 1380 адад арақи «Тоҷикистон», 30 адад «ГОСТ», 48 адад арақи «Руслан», 48 адад коняки «Чёрный Аисг», 16 адад коняки «Тоҷикистон», 36 адад коняки «Белый Аист»-и бе маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус, аломатҳои мутобиқатии аз сохтакорӣ муҳофизатшаванда ва ғайристандартӣ бо мақсади ба муомилот баровардан, ба автомашинаи боркаши тамғаи «Мерседес Атего» рақамҳои қайди давлатиаш 82-71 ОО 01, ки ба шахрванд С.М.М., таалуқ доштааст, барои фурӯхтан, бор карда, суйиқасди гумроҳи истеъмолкунандагонро дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ва сифати маҳсулот ба микдори махсусан калонро кардааст. Мувофиқи хулосаи ташхиси комплексии судӣ-молшиносӣ, физикию кимиёвӣ ва бехатарии намунаҳои Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистӣ №21\4992\2021 аз 11 январи соли 2021 арақҳои тамғаи «Руслан» дар зарфи пластмасӣ, бо ғунҷоиши 1 литр, «Кристалл» бо ғунҷоиши 0,5 литр, «Тоҷикистон» бо ғунҷоиши 0,5 литр ва «Ашки гандум» бо ғунчоиши 1 литр аз руйи нишондодҳои сифат, ҳаҷми рехт ва қувватнокӣ ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии ГОСТ 12712- 2013 «Аракҳо ва шартҳои техникӣ» мутобиқ нестанд. Илова бар ин, коняки тамгаи «Тоҷикистон» бо ғунҷоиши 1 литр ва «Чёрный аист» бо ғунҷоиши 0,5 литр аз рӯйи нишондодҳои сифат ва қувватнокӣ ба талаботҳои ҳуҷҷати меъёрии ГОСТ 31732-14 мутобиқат намекунад[188].

Бояд қайд намуд, ки номгӯи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешавад. Маълумоти дар қисми якуми м. 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» зикршуда рӯшану возеҳ ва фаҳмо ба маълумоти истеъмолкунандагон ҳангоми бастани шартномаҳои хариду фурӯш ва шартномаҳои иҷрои кор (хизматрасонӣ) бо тарзҳои маъмули баъзе соҳаҳои хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон ба забонҳои давлатӣ ва русӣ

[188] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №129/321-2021 // Бойгонии суди н. Синои ш. Душанбе.

расонида мешавад. Маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ба таври ҳатмӣ бояд ҳолатҳои зеринро дар бар гирад[189]:

– зикри стандартҳое, ки мол (кор, хизматрасонӣ), нишони мол ё нишони хизматии бақайдгирифташуда (патент кардашуда) бояд ба талаботи ҳатмии ин стандартҳо мувофиқат намояд;

– маълумот оид ба хусусиятҳои асосии истеъмоли мол (кор, хизматрасонӣ), нисбати озуқа – маълумот оид ба таркиб (аз ҷумла номгӯи дигар маводи хӯрок ва иловаи хӯрок, ки дар ҷараёни тайёр кардани онҳо истифода шудаанд), вазн ва ҳаҷми мавод, калорияи (қувваи) озуқа, таркиби моддаҳои барои саломатӣ зарарнок дар муқоиса бо талаботи стандартҳо, инчунин қобили истеъмол набудани истеъмоли он дар мавриди баъзе бемориҳо. Номгӯи моле (коре, хизматрасоние), ки маълумот дар хусуси он дар мавриди баъзе бемориҳо бояд дорои нишондоди ғайри қобили истифода бошад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад;

– нарх ва шартҳои ба даст овардани мол (кор, хизматрасонӣ);

– мӯҳлати кафолат, агар он муқаррар шуда бошад;

– қоида ва шартҳои истифодаи самаранок ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ);

– муҳлати хизмат ва муҳлати коршоямии мол (кор, хизматрасонӣ), ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст ва ҳамчунин маълумот дар бораи амали зарурии истеъмолкунанда баъди гузаштани муҳлати мазкур ва оқибати имконпазир дар сурати иҷро накардани чунин амал, ба шарте ки мол (кор, хизматрасонӣ) баъди гузаштани муҳлати зикршуда барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда хавфу хатар пеш оварад ё худ барои истифода аз рӯйи таъинот корношоям шавад;

– ишораи тарзи тайёр кардани маводи хӯроквории зудтайёршаванда (нимтайёр) дар борҷомаи онҳо;

[189] Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» // АМОҶТ. – 2004. – №12. – қ. 1. – мод. 699; – 2008. – №10. – мод. 805. – мод. 817; – 2013. – №12. – мод. 896; – 2015. – №3. – мод. 215.

– маҳалли ҷойгиршавӣ (суроғаи ҳуқуқӣ), рақами телефон номи фирмавии (номи) истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ва маҳалли ҷойгиршавии ташкилот (ташкилотҳо), ки барои қабули шикоятҳои истеъмолкунандагон, таъмиркунандагон ва хизматрасонии техникии мол (кор) аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ваколатдор карда шудаанд;

– маълумот оид ба сертификати ҳатмии мувофиқати мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), инчунин дар мавриди зарурат маълумот оид ба хулосаҳои санитарию эпидемиологӣ;

– маълумот дар бораи қоидаҳои фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ);

– зикри шахси мушаххасе, ки кор (хизматрасонӣ) – ро иҷро мекунад ва агар ин аҳаммият дошта бошад, маълумот дар хусуси ӯ бо назардошти хусусияти кор (хизматрасонӣ);

– зикри истифодаи фонограммаҳо ҳангоми хизматрасонии фароғатӣ аз ҷониби иҷрокунандагони асарҳои мусиқӣ.

Агар фурӯшанда истеъмолкунандаро вобаста ба хосиятҳои дар боло зикршуда гумроҳ намояд, яъне онҳоро таҳриф намуда пешкаши истеъмолкунанда гардонад, пас кирдори ӯ бояд бо м. 294 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Масъалаи сифат ва миқдори мол асосӣ буда, зери назорати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва як қатор санадҳои зерқонунӣ қабул шудаанд. Ба монанди Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номгӯи молҳо (кор, хизматрасониҳо), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд аз 18 июни соли 2012, таҳти №310, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воридшавии молҳои бесифат аз 26.01.2008, таҳти №47.

Мафҳуми расмии сифати мол (кор, хизматрасонӣ) дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дарҷи худро ёфтааст ва мувофиқи он, сифтаи мол – маҷмӯи хусусиятҳои моле (коре, хизматрасоние), ки ба талаботи муқарраргардида ва ё эҳтимолии истеъмолкунанда (бехатарӣ, коршоямӣ, хусусиятҳои истифода, боэътимодӣ, камхарҷӣ, талаботи

иттилоотии завқӣ ва ғайра)-ро қонеъ гардонидани он нисбат дорад. Ҳамзамон, масъалаи сифати мол махсусан дар м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба таври мушаххас омадааст ва вайронкунии он боиси бавуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 294 КҶ ҶТ мегардад.

Мафҳуми сифати маҳсулот дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон истифода бурда мешавад. Сифат ҳамчун истилоҳи фалсафӣаз ҳастии объект ҷудонашаванда будани аломатҳои муайянкунандаи онро ифода менамояд, ки бо туфайли он вай маҳз ҳамон объект аст, на объекти дигар. Маҳз ба туфайли сифат дар як объект аз объектҳои дигар дар алоҳидагӣ вуҷуд дорад ва тассавур карда мешавад. Сифат дар маҷмуи хусусиятҳои объект ифода меёбад. Сифати молҳо бо фоиданокии он, яъне бо қобилияти қонеъгардонии талаботи одамон вобастагӣдорад. Сифат маҷмуи ин ва ё он хусусияти молҳо ва фоиданокии онҳо мебошад. Сифати маҳсулот маҷмуи хусусиятҳои вай мебошад, ки мувофиқан бо мақсади пешгузошта дараҷаи коршоямии онро барои қонеъ гардонидани талаботи муайян муқаррар менамояд. Сифати маҳсулот бо ин маънӣон хусусиятҳои маҳсулотро дар бар мегирад, ки қобилияти қонеъ гардонидани талаботи муайяни молумулкӣё шахсӣдорад[190].

Муҳақиқи барҷастаи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ М.З. Раҳимов (Раҳимзода) чунин менависад, сифати маҳсулот маҷмуи хусусиятҳои ниҳоят муҳимми вай (техникӣ, иқтисодӣ, эстетикӣ ва ғайраҳо) мебошад, ки дар стандартҳо, шартҳои техникӣ ва дар шартнома мустаҳкам карда шудааст. Хушсифатии маҳсулот бошад мувофиқ будани маҷмуи хусусиятҳои муҳимми маҳсулот ба талаботи стандартҳо ва шартҳои техникӣ, инчунин ба шартҳои шартнома вобаста мебошад[191].

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар соҳаи тайёр кардан ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот ва дар соҳаи хӯроки умумӣ

[190] Ниг.: Мирзозода П.З. Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ: дис. ... д-ри илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 46.
[191] Ниг.: Раҳимов М.З. Таъмини сифат –талаби замон. – Душанбе: «Ирфон», 1988. – С. 10-11.

фаъолият менамоянд, вазифадоранд ба харидорон ва истеъмолкунандагон, инчунин ба мақомоти ваколатдори Ҳукумати ҶТ оид ба назорат ва тафтиши сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, риояи талаботи санадҳои меъёрӣ ҳангоми тайёр кардан ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва хизматрасонӣ маълумоти эътимоднок пешниҳод намоянд. Мақомоти ваколатдори Ҳукумати ҶТ оид ба назорат дар соҳаи стандартизатсия, сертификатсия, метрология ва савдо, назорати санитарию эпидемиологӣ, назорати байторӣ ва назорати карантини растанӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеию ҳуқуқӣ, иттилоотро дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот, дар бораи риояи талаботи санадҳои меъёрӣ ҳангоми истеҳсол ва гардиши маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот, хизматрасонӣ дар соҳаи хӯроки умумӣ, дар бораи бақайдгирии давлатии маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот, дар бораи тасдиқи онҳо мувофиқи талаботи санадҳои меъёрӣ ва тадбирҳо оид ба пешгирии фурӯши маҳсулоти хӯрокворechoии пастсифат ва хатарнок, маводу маснуот таъмин менамоянд. Талабот оиди сифати маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, таъмини бехатарии онҳо, борбандӣ, тамғазанӣ, назорати истеҳсолӣ ба сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, тартиби баҳодиҳӣ ва тасдиқи мутобиқати онҳо ба санадҳои меъёрӣ, тариқи санҷиш ва мутобиқсозии онҳо, ҳамчунин нисбат ба ҳуҷҷатҳои техникӣ ва системаҳои сифат дар асоси стандартҳои давлатӣ таъин мегардад. Талабот оид ба арзиши ғизоии маҳсулоти хӯрокворӣ, бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, бехатарии шароити коркард ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардан, тайёркунӣ ва муомилоти онҳо, бехатарии хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва соҳаи хӯроки умумӣ мутобиқи қоидаҳо ва меъёрҳои санитарӣ муайян карда мешавад[192].

Аз ҷониби Агентии «Тоҷикстандарт» дар соли 2020 ба миқдори 2 355 256 кг (2 313 736 кг дар соли 2019) маҳсулоти ғизоии гуногуни пастсифат ба қайд гирифта шудааст, ки як қисми ин маҳсулот аз ҷиҳати бехатарӣ (1 708 932 кг)

[192] Ниг.: Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – С. 22. – 200 с.

ва қисми дигари он аз рӯйи тамғагузорӣ дар борҷомаашон (646 324 кг) ба талабот ҷавобгӯй набуданд. Соли гузашта аз ҷониби мақомоти мазкур дар умум масолеҳи сохтмонӣ – 3284 кг, фурӯзонакҳои тафсон – 4219 дона, фурӯзонакҳои каммасраф – 22513 дона, бозичаҳо – 54748 дона, ноқил – 58310 метр (аз рӯйи ташхис), тамоку 150 қуттӣ, маводи парфюмерӣ – 25699 кг, дафтар – 2688 дона, китоб – 60 дона, ки ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ ҷавобгӯй набуданд, ошкор ва аз муомилот гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраршуда ба коркарди дубора ё несту нобудсозӣ равона карда шудааст. Аз ҷониби Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати ҶТ бошад, дар соли 2020 ба миқдори 232043,9 кг, 1368 литр, 24251 дона (219388 кг, 1693 литр, 23232 дона дар соли 2019) ҳамчун маҳсулоти бесифат ва хавфнок муайян гардида, аз фурӯш боздошта ва нобуд карда шудаанд. Аз ҷумла, 58671,7 кг маҳсулоти гуштӣ, 12167,3 кг (литр) маҳсулоти ширӣ, 1368,0 литр равғани растанӣ, 24251 дона тухми парранда, 938,9 кг моҳӣ, 680,5 кг асал, 5793,2 кг маҳсулотҳои намакин, 6027,0 кг меваи хушк, 121145,0 кг меваю сабзавот ва 26620,3 кг маҳсулоти полезӣ. Илова ба ин, дар Озмоишгоҳҳои ташхиси беҳдошти байтории бозорҳои истеъмолии марказҳои зертобеи Маркази миллии ташхиси бехатарии озуқаворӣ 265762 намуна мавод ворид гардидааст, ки аз ин миқдор 59158,8 кг маводи бесифат аз фурӯш боздошта, безарар гардонида шудааст[193].

Талаботи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоте, ки тибқи стандартҳои давлатӣ, қоидаҳо ва нормаҳои санитарию байторӣ муқаррар гардидаанд, барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки машғули истеҳсол ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва соҳаи хӯроки умумӣ мебошанд, ҳатмист. Назорати давлатӣ дар соҳаи таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ аз тарафи маркази ҷумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, хадамоти назорати давлатии байторӣ, хадамоти давлатии фитосанитарӣ, карантини растаниҳо ва назорати тухмӣ ва инчунин мақомоти назорати давлатӣ дар соҳаи стандартизатсия,

[193] Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқ ва иқтисодиёт: мубрамияти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ / Д.С. Раҳмон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №1 (33). – С. 14.

метрология, сертификатсия ва нозироти савдои ҶТ амалӣ мегардад[194].

Ҷиҳати таъмини амнияти бехатарии саломатии шаҳрвандон, яъне пешгирӣ аз воридот ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, ё ин ки муҳлати истифодабариаш гузашта, воридоти молу маҳсулот бидуни расмиёти гумрукӣ ВКД ҶТ низ нақши муассир дорад. Масалан, таҳлили вазъи ҳуқуқвайронкунӣ дар вилояти Суғд нишон медиҳад, ки танҳо дар давоми 6 моҳи соли 2022 – 157 далели муомилоти молу маҳсулоти пастсифати ба саломати хатарнок ва фиреби истеъмолкунандаро ошкору ҳуҷҷатгузорӣ намудаанд, ки аз ин шумора 91 ҳолати он бо моддаи 294 КҶ ҶТ бандубаст карда шудааст. Бо ошкор намудани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ дар ин самт шуъбаҳои ВКД дар шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Расулов 31 ҳолат, Хуҷанд 16 ҳолат, Мастчоҳ ва Ашт 13 ҳолат, Конибодом 11 ҳолат ошкор намудаанд[195].

Яке аз масъалаҳое, ки ба сифати маҳсулот дахл дорад ва дар амалия риоя нагардидани он ҳамчун фиреби истеъмолкунандагон (м. 294 КҶ ҶТ) бандубаст мегардад, ин ба муомилот баровардани маҳсулоти хӯроквории хатарнок мебошад. Маҳсулоти хӯрокворие хатарнок ҳисобида мешаванд, агар онҳо ба саломатии инсон зарарнок ва (ё) барои истеъмоли инсон номувофиқ бошанд. Маҳсулоти хӯрокворӣ хатарнок ҳисобида мешаванд, агар:

– дар таркибашон микроорганизмҳо, бактерия - паразитҳо, заҳрҳои бактериологӣ ва моддаҳои фаъоли кимиёвии бофтаҳои аз сатҳи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дахлдор зиёдтар дошта бошанд;

– дар таркиби худ заҳрҳои табиӣ ё дигар моддаҳои заҳрноки табиии аз сатҳи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор зиёдтар дошта бошанд;

– дар таркибашон намакҳои металлҳои вазнин, боқимондаи пеститсидҳо,

---

[194] Ниг.: Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – С. 22-23.

[195] Ниг.: Пешгирии муомилоти молу маҳсулоти пастсифат [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.vkd.tj/index.php/tj/ruydodho/24098-peshgirii-muomiloti-molu-ma-suloti-pastsifat (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

доруворихои байторӣ, гормондор, микотоксинҳо ва дигар моддаҳоеро дошта бошанд, ки аз сатҳи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дахлдор баланд бошанд;

– дар таркибашон иловаҳое дошта бошанд, ки дар навъҳои муайяни маҳсулоти хӯрокворӣ набояд истифода шаванд ё агар таркиби иловаҳои иҷозатдодашуда дар маҳсулоти хӯрокворӣ аз сатҳи пешбининамудаи санадҳои меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор баланд бошад;

– дар таркибашон моддаҳои радиоактивии аз сатҳи меъёрӣ зиёдтар ё агар маҳсулоти хӯрокворӣ аз сатҳи иҷозатдодашуда зиёдтар шуоъ зада бошанд;

– борбандҳо, маводу маснуоте, ки дар якҷоягӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ нигоҳ дошта мешаванд, ба талаботи муқарраршуда мутобиқ набошанд;

– аз ҳайвоноте пайдо шаванд, ки аз назорати пешакӣ ва баъдинаи байтории забҳ гузаронида нашудаанд;

– аз ҳайвоноти бемор ё мурда пайдо шаванд;

– тавсифоти органолептикии онҳо бинобар равандҳои ҷисмонӣ, кимиёӣ, микробиологӣ ва ғайра тағйир ёфта бошанд;

– дар таркибашон моддаҳоеро дошта бошанд, ки арзёбии токсикологиро нагузаштаанд ва хатарнокии онҳо барои истеъмоли инсон санҷида нашуда бошад;

– дар таркибашон омехтаҳои механикӣ дошта бошанд;

– ба борҷомаи онҳо чунин нуқсоне расида бошад, ки он ба ифлосшавии микробӣ, кимиёвӣ ё дигаргуншавӣ мусоидат кунад;

– бо тартиби муқарраршуда истеҳсол, коркард, борбандӣ, борчинӣ ва тақсим карда нашуда бошанд;

– бо тартиби муқарраршуда тамғазанӣ ва нишонагузорӣ нашуда бошанд;

– муҳлат ва (ё) санае, ки то он лаҳза маҳсулоти мазкур бояд истеъмол шавад (барои маҳсулоти хӯрокворӣ, ки нисбат ба онҳо муқаррар намудани муҳлати истеъмол ҳатмӣ мебошад) нишон дода нашуда бошад ё мӯҳлати истеъмоли онҳо гузашта бошад;

– ба талаботи муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои техникӣ ва меъёрӣ мутобиқат

накунанд;

– қалбакӣ бошанд[196]. Муомилот ва фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣи хатарнок манъ аст, дар сурати муомилот ва фурӯши чунин гуна хӯрокворҳо кирдори шахс бояд бо м. 294 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

П.Н. Панченко гумроҳкунӣ дар бораи хосиятҳои истеъмолӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ)-ро ҳамчун фиреби мефаҳмад, ки дар он ба истеъмолкунанда дар бораи фурӯхтани маҳсулоти (хизматрасонии) истеъмолии пасттар нисбат ба он хосиятҳо ё сифате, ки бояд ба маҳсули фурӯхташаванда (хизматрасонӣ) хос (мувофиқи шартнома) бошад, хабар намедиҳад. Фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) уҳдадор аст ба истеъмолкунанда мол (натиҷаи кори иҷрошуда), ки ба талаботҳои ҳатмии стандартҳо, шартҳои шартнома, талаботи муқаррарӣ ҷавобгӯ, инчунин маълумот дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) пешниҳоднамудаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда)-ро пешкаш намояд[197].

Ҳамин тавр, «гумроҳкунӣ»-ро ҳамчун содир намудани амали фаъоли шахси гунаҳкор, ки бевосита ба хилофи конунҳо ва қоидаҳои савдо равона шудааст, фаҳмида мешавад. Вобаста ба таркиби м. 294 КҶ ҶТ вобаста ба гумроҳ кардан оид ба сифати мол чунин қайд кардан ба маврид аст: фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ба истеъмолкунанда моле медиҳад (кореро иҷро намояд, хизмате мерасонад), ки сифати он ба шартнома мувофиқ намебошад, ҳол он ки ӯ уҳдадор буд чунин сифатро пешкаш мекард. Дар сурати дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба сифати мол, фурӯшанда вазифадор аст барои мақсадҳое, ки чунин мол одатан истифода мешавад, ба истеъмолкунанда мол фурӯшад (корро иҷро намояд, хизмат расонад).

**д) дигар навъи фиреб.** Дигар навъи фиреб барои ба таҳлука андохтани истеъмолкунанда оид ба шартҳои шартнома, ки барои ҷабрдида

[196] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2012. – №8. – м. 827.

[197] Аникиец С.Г. Обман потребителей: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2001. – С. 48.

аҳаммиятнок мебошанд, мисол, расонидани хизмат баъди фурӯши мол, ваъда оид ба ҷойгир намудани мол, ба расмият даровардани супориши одӣ ҳамчун супориши фаврӣ, фурӯхтани доруворихое, ки аслан хусусияти табобатиро надоранд ва ғайра, ифода мегарданд[198].

Дар асоси таҳлили Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба дигар навъи фиреб фуруши молу маҳсулоти муҳлаташон гузашта, сохтакории мол, рекламаи номуносиб (бардурӯғ), омода ва фурӯши маҳсулоти хӯроквории қалбакӣ, ҳаммонандкунии маҳсулоти хӯрокворӣ ва монанди инҳо дохил карда мешаванд.

Фиреб додани истеъмолкунандагон вобаста ба муҳлати молу маҳсулот низ бо м. 294 КҶ ҶТ бояд банудбаст карда шавад. Ин намуди фиреб метавонад дар фиреб додан вобаста ба ҳолатҳои зерин бошад:

1) ***Фиреб дар муҳлати кафолат. Мӯҳлати кафолат*** – муҳлати тақвимӣ (ба ҳисоби моҳ) ё кор (ба ҳисоби соат, давраи хизмат, километри гашт ва ҳоказо), ки дар ин муддат мол (натиҷаи кор, хизматрасонӣ) бояд ба тамоми талаботи сифате ҷавобгӯ бошад, ки бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ муайян карда шудааст;

2) ***Фиреб дар муҳлати коршоямӣ . Муҳлати коршоямӣ*** – даврае, ки баъди гузаштани он мол (натиҷаи кор) барои истифода кардан аз рӯйи таъиноташ корношоям донистa мешавад;

3) ***Фиреб дар мӯҳлати хизмат. Муҳлати хизмат*** – даврае, ки дар ҷараёни он истеҳсолкунанда уҳдадор мешавад ба истеъмолкунанда имконияти аз рӯйи таъинот истифода бурдани мол (натиҷаи кор)-ро муҳаё намояд ва бехатарии мол (иҷрои кор)-ро барои ҳаёт ва саломатии истеъмолкунанда ва ҳамчунин барои муҳити зист кафолат медиҳад;

4) ***Фиреб дар мӯҳлати нигоҳдорӣ. Муҳлати нигоҳдорӣ*** – даврае, ки дар

---

[198] Ниг.: Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул – муовини аввали Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия Раҳимов Р.Ҳ. – Душанбе, 2010. – С. 598-599.

рафти он мол (натиҷаи кор, ё хизматрасонӣ), дар сурати риоя шудани шартҳои муқарраргардидаи нигоҳдорӣ, хусусиятҳои дар ҳуҷҷати меъёрӣ ва ё дар шартнома зикршуда, ки талаботро нисбати мол (кор, хизматрасонӣ) муқаррар кардааст, нигоҳ медорад.

Чунин фиребҳои дар боло зикршударо мо дар амалия мушоҳида намудан мумкин аст. *Масалан, Шаҳрванд Давлатова Қутбия Сироҷовна, дар чунин ҳолат ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон, яъне гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон аз ҷониби шаҳрвандон ба микдори калонро содир намудааст. Чунончӣ: санаи 04.01.2013 аз тарафи кормандони ШВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Мастчоҳ ва маркази «Тоҷикстандарт» дар вилояти Суғд, ҳангоми гузаронидани рейди муштарак муайян карда шудааст, ки шаҳрванд Давлатова Қутбия Сироҷовна, дар мағозаи «Баронӯш» - и маркази шаҳраки Бӯстон фаъолият намуда, дар нуқтаи фуруши мазкур худ ба фурӯши молу маҳсулотҳои мӯҳлати истеъмолашон гузашта машғул будааст. Ҳангоми азназаргузаронии нуқтаи фурӯши мазкур аз пештахтаи фурӯши молу маҳсулотҳои хӯрокворӣ якчанд намуд маҳсулотҳои ҳӯрока ба монанди: 9 - адад шоколади «Бифарелла», 12 – адад Квас «Кружка ядреного», 1 – адад печени «Лаззати нотакрор», 1 – адад кофе «Золото», 1 – адад мураббои «Клубника», 21 – адад вафлии «Престиж», 7 – адад шоколадное паста «Перипелла», 8-адад нушокии «Тоник, 8 – адад вафлӣ, 5-адад печенеи «Кремали», 9 – адад содда «Пишевая», 2 – адад шоколади «Рамелла», 1 – адад печенеи «Деревенька», 8 – адад печене «Малышок, 4 – адад печенеи «Счастливий день», 4 – адад печенеи «Крекер», 9 – адад горчица «Русская», 7 – дад печене «Чоко-пай», 9 – адад горчитса «столовая-русская», 2 – адад суп «грибной со звёздочками», 1 – адад кофе «Пеле», 1 – адад килка «консерви рыбние», 1 – адад килька «Фаворит», 2 – адад килка «Обжаренная в томатном соусе», ки арзиши умумиашон 900 сомониро ташкил медиҳанд, муҳлати истеъмолашон гузашта будааст, гирифта шудааст. Мувофиқи протоколи муоинаи озмоишгоҳи санҷиши маҳсулоти хӯрока ва маҳсулоти*

*кишоварзии маркази «Тоҷикстандарт» дар вилояти Суғд аз 04.01.2013, маҳсулотҳои хӯрокаи аз нуқтаи фурӯши шаҳрванд Давлатова Қутбия Сироҷовна гирифта муоинашуда, барои истеъмол номутобиқ будааст*[199].

*Мисоли дигар, бо мақсади пешгирии ҳолатҳои қочоқ ва дигар ҳодисаҳои вайрон намудани қонунгузорӣ, ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ санаи 26 марти соли 2020 дар вақти азназаргузаронии воситаи нақлиёти тамғаи «Камаз», рақами қайди давлатиаш 8872АК08 аз дохили бордони воситаи нақлиёт 10 адад қуттии чӯбини дорои 1920 адад собуни хоҷагии 72%-и истеҳсоли Федератсияи Россия бо вазни умумии 480 кг дарёфт карда шуд. Ҳангоми пурсиш шаҳрванд Қурбонова С.З иброз намуд, ки собунҳои хоҷагиро бо мақсади тиҷорат аз бозори «Ҷал-Ҷам»-и пойтахт, аз шаҳрванд Холбобоев Б.Ф. харидорӣ намудааст. Мувофиқи хулосаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби коршиносони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 апрели соли 2020 арзиши умумии бозоргонии 1920 дона собуни хоҷагии 72%-и истеҳсоли Федератсияи Россия ба ташхиси пешниҳодшуда маблағи 4800 сомониро ташкил дода, аз рӯйи намуди зоҳирӣ ба талабот мутобиқ набуда, муҳлати истифодабариашон гузаштааст. Ҳамин тариқ, шаҳрванд Холбобоев Б.Ф. ҷинояти дар моддаи 294 қисми 3 банди «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо содир кардааст, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои фиреб додани истеъмолкунандагон муқаррар менамояд. Бо дарназардошти исботи гуноҳ нисбати мавсуф бо моддаи 294 қисми 3 банди «б»-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд*[200].

Яке аз навъҳои маъмултарини фиреби истеъмолкунандагон дар солҳои охир сохтакории молҳо мебошад. Мо бо фикри Ю.И. Головлев, ки сохтакорӣ

199 Ниг.: Ҳукми суди н. Мастчоҳ №1438-2013 // Бойгонии Суди н. Мастчоҳи вил. Суғд.
200 Ниг.: Фурӯши маҳсулоти муҳлати истеъмолаш гузашта хилофи қонун аст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://gumruk.tj/index.php/12121/2018-06-10-11-31-40/917-2020-06-26-10-24-48 (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

тағйир додани намуди зоҳирӣ ё хосиятҳои дохилии ашё мебошад[201], мувофиқем. Сохтакорӣ инчунин дар ҳолате сурат мегирад, ки аз рӯйи аломатҳои беруна маҳсулот бетағйир мемонад, аммо сифати он бад мешавад. Ин сохтакорӣ ҳамчун иваз кардани мол аст.

Он одатан тавассути илова кардани ягон маводи дигар ба маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Дар савдои чаканаи баъзе молҳои озуқаворӣ: шири маҳлул, сметана, маснуоти виною арақ ва ғайра дар савдои чакана сохтакории молҳо васеъ паҳн шудааст. Муайян кардан ва аз ин ҳам зиёдтар исбот кардани ин намуди фиребгарӣ дар ҷойи содиршавии ҷиноят хеле душвор аст, зеро таҳқиқоти махсуси коршиносӣ лозим аст. Ҳамин тавр сохтакории мол, хамчун як навъи махсуси дигар фиребдиҳии истеъмолкунандагон дараҷаи баланди латентӣ дорад ва бояд ҳангоми мукаммалнамоии м. 294 КҶ ҶТ ба инобат гирифта шавад.

Дар низоми роҳҳои фиреб додани истеъмолкунандагон ҷои алоҳидаро таблиғи (реклами) номатлуб ишғол мекунад (дар ҳама шакл бо ёрии ҳама гуна шакл паҳн карда мешавад) воситаи маълумот дар бораи шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, мол (маълумоти рекламавӣ), ки барои доираи номуайяни шахсон пешбинӣ шудааст ва барои ташаккул ё нигоҳ доштани манфиат ба ин шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ, мол ва мусоидат ба фурӯши мол пешбинӣ шудааст) - «рекламаи ғайриодилона, беэътимод, ғайриахлоқӣ, пинҳонӣ ва дигар реклама, ки дар он ба вайрон кардани талаботи мазмун, муҳтаво, маҳал ва усули паҳнкунии он, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, роҳ дода мешавад. Дар муқоиса бо он, аксулреклама вуҷуд дорад – рад кардани таблиғи номуносиб, ки барои бартараф кардани оқибатҳои аз он бавуҷуд омада паҳн карда мешавад».

Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи реклама аз ҷониби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 ба танзим даровaрда мешавад. Мутобиқи моддаи 2-и ин Қонун реклама – иттилооте мебошад, ки

[201] Ниг.: Головлев Ю.В. Ответственность за хозяйственные преступления в сфере торговли в условиях рыночной экономики: дис. ... канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 1993. – С. 119.

дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо, ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд.

Барои рекламаи бардурӯғ ҳамчун намуди махсуси фиреби истеъмолкунандагон дар КҶ ҶТ (м. 276), яъне барои дар дидаю дониста додани иттилооти бардурӯғ оид ба мол, кор ё хизматрасонӣ ҳангоми истеҳсол ва паҳн намудани реклама ифода меёбад, ҷавобгарӣ муқаррар карда шудааст. Истифодаи иттилооти бардурӯғ дар реклама тавассути пешниҳод намудани маълумоти нодуруст оид ба объекти реклама ё истеҳсоли реклама бо чунин иттилоот ва паҳн намудани он зоҳир мегардад. Иттилооти бардурӯғ ҳангоми истеҳсол ё паҳн намудани реклама мумкин аст ҳам аз ҷониби рекламадиҳанда ё истеҳсолкунандаи реклама ё паҳнкунандаи реклама дидаю дониста истифода карда шавад. Баръало бардуруғ чунин иттилооте мебошад, ки дар он маълумотҳое дода шудааст, ки ба ҳақиқат мувофиқат намекунад. Аз ҷумла, оид ба таркиб ва сифтаи мол, кор ва хизматрасонӣ ё ба истеҳсолкунандагони онҳо, ки ҳангоми бастани шартнома шарти асосӣ ба шумор меравад. Номгӯйи маълумотҳое, ки ҳангоми мавҷудияти онҳо реклама нодурст ҳисобида мешавад, дар моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» оварда шудааст.

Намуди дигари фиреби истеъмолкунандагон ин фиреб додан ҳангоми муомилоте, ки бо воҳиди ченаки ҳаҷми иттилоот вобаста аст. Воҳидҳои ченаки ҳаҷми иттилоот чунин аст:

1 бити дуӣ ду ҳолати имконпазир дорад: 0 ё 1 (Ҳа ё Не, True ё False).

1 байт = 8 бити дуӣ.

1 килобайт = 1 Кбайт = 103 байт.

1 мегабайт = 1 Мбайт = 106 байт.

1 гигабайт = 1 Гбайт = 109 байт.

1 терабайт = 1 Тбайт = 1012 байт.

1 петабайт = 1 Пбайт = 1015 байт.

1 эксабайт = 1 Эбайт = 1018 байт.

1 зеттабайт = 1 Збайт = 1021 байт.

1 иоттабайт = 1 Ибайт = 1024 байт.

Дар сурате ки, агар муоносибати ҳуқуқӣ бо иттилоот вобаста бошад ва барои ҳаҷми он истеъмолкунанда маблағ супорад, лекин тарафи дигар онро фиреб намояд, пас кирдори ӯ бояд бо м. 294 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

**2) Оқибати барои ҷамъият хавфнокии фиреби истеъмолкунандагон.** Оқибати барои ҷамъият хавфнок оқибати кирдори ҷинояткоронаест, ки дар шакли зарар ба муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор дошта расонида шудааст ё метавонист расонида шавад. Ба ақидаи Б.С. Никифоров оқибати кирдори ҷинояткорона зинаи баҳампайвасткунандаи миёни амал ҳамчун рафтори бошуури берунаи инсон ва объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад[202]. А.С. Михлин мегӯяд, ҳарчанде ки кирдор ва оқибат ба якдигар наздик бошанд ҳам, лекин оқибат ба кирдор тааллуқ надорад ва наметавонад таалуқ дошта бошад. «Кирдор дар худ як ҷараёни муайянеро таҷассум мекунад, ки мазмунаш таъсир расонидан ба объект мебошад. Оқибат бошад – натиҷаи ин таъсиррасонӣ аст, ки дар объект хобидааст»[203].

Баъзе мафҳумҳои омехтаи ҳаракат ва оқибат аз ҷониби проф. Н.Д. Дурманов низ пешниҳод шуд, ки навишта буд «ҳама гунна таъсиррасонӣ ба объект, ки вай ақалан каме дигаргунӣ ба объект ворид карда бошад, бояд ба амал тааллуқ дониста шавад. Дигаргунии ботартиби босифат ҳосилро ба вуҷуд меорад»[204].

Дар Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ зери мафҳуми зарар чунин навишта шудааст: «Дар ҳуқуқи гражданӣ маънои паст кардан, ба нестӣ расонидани ҳуқуқи субъективӣ ё нафъи шахсони алоҳидаро дар назар дорад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ, таҷрибаи судӣ ва арбитражӣ мафҳумҳои зарар, зиён ва

---

[202] Ниг.: Никифоров Б.С. Объект преступления. – М., 1960. – С. 141-142.

[203] Михлин А.С. Понятие и виды последствий преступлений, «Вопросы уголовного права и роцесса». М.: ВИЮН, 1958. – С. 41.

[204] Дурманов Н.Д. Понятие преступления. – М., 1948. – С. 57.

осебрасонӣ истифода бурда мешавад. Дар бисёр ҳолат зарар ва зиён ҳамчун муродифи ҳамдигар истифода мегарданд, аммо зарар ва осеб расонидан мувофиқ намеоянд. Мафҳуми зарар хеле васеъ буда, ба зарари молумулкӣ ва ғайри молумулкӣ ҷудо мешавад. Таҳти мафҳуми зарари молмулкӣ оқибатҳои материалии (иқтисодии) ҳуқуқвайронкунӣ фаҳмида мешавад, ки шакли арзишӣ доранд»[205].

Моҳияти иҷтимоии ҷиноят – ин хусусияти хатари ҷамъиятӣ доштани он мебошад. Хатари ҷамъиятӣ бошад, ҳам дар ҳолати дар ҳақиқат расонидани зарар ва ҳам дар ҳолати дар тағйирёбии объективонаи олами беруна, ки метавонад ба объекти сӯйиқасд зарар расонад, ифода меёбад. Ҳама гуна зоҳиршавии фаъолияти инсонӣ аз берун бавуҷудоварии сабаб ба ҳисоб меравад ва бояд гуфт, ки дар ҷое, ки сабаб аст, оқибат ҳам низ ҷой дорад. Ҷиноят аз рӯйи қонуни ҷиноятӣ ошкор кардани фаъолияти инсониро пешбинӣ мекунад. Ҳамин тавр, ҳама гуна ҷиноят дар олами зоҳирӣ тағйироти муайянеро ба вуҷуд меорад. Лекин ин тағйирёбии олами беруна, ки бо ҷиноят ба вуҷуд меояд ва аз тарафи мо ҳамчун оқибат фаҳмида мешавад, дар маънии васеи калима ба тариқи гуногун намуддор мешавад. Дар бештари ҳолатҳо тағйироти хатарнок дар объект дар ба тариқи расонидани зарар ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад, ки мо онро дар таркиби ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон дида метавонем.

Муқаррар кардани оқибати ба ҷамъият хавфнок ҳамчун натиҷаи фиреб додани истеъмолкунандагон, ки дар ба расонидани зарар ба миқдори назаррас (қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ), ба миқдори калон (қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ) ва ба миқдори махсусан калон (қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ) алоқаманд мебошад.

Барои муайян намудани он ки ба таркиби расонидани зарар дар натиҷаи фиреби истеъмолкунандагон чӣ дохил мешавад, пеш аз ҳама мазмун ва аломатҳои «зарар» ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ бояд кушода дода шавад. Зарари моддӣ ҳамчун яке аз унсурҳои мафҳуми «зарар», аз якчанд унсурҳо

---

[205] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. (Нашри дуюм) / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҳмудов М.А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – С. 155.

иборат аст. Барои кушодани мазмуни истилоҳи «зарар» бештари олимон ба м. 15 КМ ҶТ, яъне рӯёнидани зарар муроҷиат мекунанд[206]. Бояд қайд намуд, ки дар ин модда на истилоҳи «зарар» балки муродифи он, яъне истилоҳи «зиён» истифода гардидааст. Мувофиқи м. 15 КМ ҶТ зиён хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани молу мулкӣ ё (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои маданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аз дастрафта)[207]. Зиён инъикосгари арзиши пулии зарари бавуҷудомада мебошад.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, мафҳуми «зарар» муайян карда нашудааст. Бинобар ин, зарурияти шарҳу эзоҳи ин категория оиди он ки оё мафҳуми зарар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти фиреб додани истеъмолкунандагон фарогири «зиёни воқеӣ» ва «фоидаи аз дастрафта» мебошад ё не. Маънидодкунии истилоҳи «зарар» тавассути қонуни гражданӣ муҳаққиқонро ба хулосаву ихтилофҳои гуногун вобаста ба мазмуни зарар овардааст. Мо бар он ақида ҳастем, ки дар таркиби фиреб додани истеъмолкунандагон зарар танҳо ва танҳо бояд фарогири зарари воқеии моддӣ мебошад ва ҳангоми муайян намудани зарар дар ҷиноятҳои иқтисодӣ, аз ҷумла фиреби истеъмолкунандагон ба инобат гирифтани муқаррароти м. 15 КГ ҶТ ҳатмӣ мебошад. Зарари моддӣ – дар зери мафҳуми зарари моддӣ камшавии ҳама гуна неъматҳои моддӣ фаҳмида мешавад.

Дар натиҷаи фиреб додани истеъмолкунандагон ба истеъмолкунанда зарар ба миқдори назаррас (қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ), ба миқдори калон (қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ) ва ба миқдори махсусан калон (қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ) расонида мешавад. Миқдори воқеии ин зарарҳо дар эзоҳ ба моддаи 294 КҶ ҶТ оварда шудааст.

---

[206] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – С. 99.

[207] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj/кодекси-граждании-ҷумҳурии-тоҷикист-2/ (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

Мувофиқи он фиреби истеъмолкунандагон ҳангоме ба миқдори назаррас содиршуда шумурда мешавад, ки агар зарари ба истеъмолкунандагон расонидашуда аз даҳяки нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар, ба миқдори калон – аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад, ба миқдори махсусан калон аз панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

**3) Робитаи сабабӣ дар таркиби тарафи объективии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон.** Робитаи сабабӣ дар таркиби тарафи объективии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон дар алоқамандии байни кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибати бавуқуъомада дар намуди расонидани зарар ба миқдори назаррас (қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ), ба миқдори калон (қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ) ва ба миқдори махсусан калон (қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ) ҷой дорад.

Мавҷудияти зарар дар таркиби фиреби истеъмолкунандагон (м. 294 КҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки таркиби ин ҷиноят моддӣ аст. Таркиби моддӣ – ин чунин таркиби ҷиноятe мебошад, ки дар он қонунгузор ба сифати аломатҳои ҳатмӣ, ба ғайр аз кирдори (ҳаракат ва беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнок, ҳамчунин ба вуқуъ омадани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро пешбинӣ кардааст. Таркиби моддӣ барои фарқ кардани кирдори ҷиноятӣ аз кирдори ғайриҷиноятӣ ва барои муайян кардани лаҳзаи хотимаёбии ҷиноят аҳаммияти калон дорад. Агар қонунгузор таркиби ҷиноятро чун таркиби моддӣ тартиб дода бошад, он гоҳ кирдори содиршуда танҳо дар ҳолати пайдо шудани оқибатҳои пешбининамудаи қонун ҷиноят эътироф карда мешавад ва агар чунин оқибатҳо ба вуқуъ наоянд, кирдори хавфноки ҷамъиятӣ ба сифати ҷинояти нотамом (хотиманаёфта) дониста шуда, чун сӯиқасд ба ҷиноят баҳо дода мешавад ва ё умуман ҷиноят ҳисобида намешавад[208]. Ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон аз лаҳзаи расонидани зарар, яъне зарар ба миқдори назаррас (қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ), ба миқдори калон (қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ) ва ба миқдори махсусан калон (қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ) ба истеъмолкунандагон тамомшуда эътироф мешавад. Барои он ки ҷиноят ҷой

[208] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 115.

дошта бошад, бояд ҳатман кирдор ба ҷамъият хавфнок бошад, ҳангоми хавфнок набудани кирдор он гунаҳкорона эътироф карда намешавад. Зараре ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ расонида мешавад, метавонад калон ё хурд бошад. Дар вобастагӣ аз ҳаҷми зарари воқей ё имконияткок барои муносибатҳои ҷамъиятӣ дараҷаи хатари ҷамъиятӣ метавонад гуногун бошад; он барои ҳалли масъала оиди эътирофи кирдор, ки лоиқи ҷавобгарии ҷамъиятӣ мебошад, инчуни барои муайян намудани ҳаҷми он ба назар гирифта мешавад. На ҳамаи дараҷаи хатари ҷамъиятӣ, ки кирдорро хосиятнок мекунад, қобил аст ҷавобгарии ҷиноятиро асоснок кунад.

Дар шароити имрӯза миқдори назаррас 6 сомониву 40 дирамро ташкил медиҳад ва онро мо наметавонем, ки ҳамчун оқибати ба ҷамъият хавфнок эътироф намоем. Яъне, барои 6 сомониву 40 дирам мо бояд шахсонро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашем ва ин маблағ вобаста рушди иқтисодии ҶТ ночиз мебошад, зеро танҳо дар соли 2021 рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 9,2 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 4,7 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Дар ин маврид ақидаи профессор А.И. Сафарзода низ дуруст ва саривақтӣ мебошад. Зеро ин муҳаққиқ чунин менависад: «ҳар як ҷиноят бо дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии худ тавсиф карда мешавад, вале фиреби истеъмолкунандагон, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он дар м. 294 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст дорои дараҷаи пасти хавфнокии ҷамъиятӣ буда, ба ҳамаи аломатҳои ҷиноят мувофиқат намекунад ва бинобар ин он бояд ҷиноят эътироф карда нашавад. Ин ихтилоф, пеш аз ҳама, аз диспозицияи қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ бармеояд, ки мувофиқи он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар сурате ба миён меояд, ки зарари расонидашуда ба истеъмолкунандагон аз даҳяки нишондиҳандаҳои ҳисобҳо зиёд бошад. Аз ин рӯ, ҷавобгарӣ барои фиреб додани истеъмолкунандагон дар ҳоле ба миён меояд, ки зарар 5 сомонӣ бошад. Чунин маблағи ками зарар ҳамчун натиҷаи фиребгарии истеъмолкунандагон на танҳо ба сохторҳои дигар ҷиноятҳои иқтисодӣ мувофиқат намекунад, балки «ҳад»-и хусусият ва дараҷаи ба

ҷамъият хавфнокии кирдори маъмуриро баробарӣ (дарёфт) намекунад. Бо дарназардошти ин, инчунин таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳои аъзои ИДМ (аз ҷумла Федератсияи Русия), қисми 1 м. 294-и КҶ ҶТ декриминализатсия карда шавад, ва барои чунин кирдор ҷазо дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ пурзӯр карда шавад[209].

Дар умум ақидаи муҳаққиқ А.И. Сафарзода асоси воқеӣ дорад, лекин, мо зидди декриминализатсия намудани фиреби истеъмолкунандагон ҳастем ва баръакс, мо бояд роҳҳои самаранокӣ ва мукаммалнамоии онро коркард намоем. Ба ақидаи мо, ҷиҳати бартараф намудани ин ҳолат категорияи зарар ба миқдори назаррас» аз қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, бар ивази он категорияи «зарар ба миқдори калон, ки дар қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ҷой дода шавад. Зарар ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир намудани фиреби истеъмолкунандагон, ки дар қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ муқаррар карда шудааст ба қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ интиқол дода шавад.

Таҳлили ҳуқуқии аломатҳои объективии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагонро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулосаҳо омадан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Таҳлили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ақидаҳои мухталифи муҳаққиқон имкон медиҳанд, ки намудҳои нави кирдорҳоеро номбар намуд, ки метавонанд ҳамчун фиреби истеъмолкунандагон баромад кунанд, аз ҷумла: сохтакории молҳо, рекламаи бардурӯғ, фиребкорӣ дар самти ченаки иттилоот, истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ.

2. Тарафи объективии м. 294 КҶ ҶТ дар чунин кирдорҳо ифода меёбад:

2.1. Камтар чен кардан яке аз шаклҳои маъмултарини фиреби истеъмолкунандагон мебошад, ки дар фиреб ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ифода меёбад. Он аз додани мол ба истеъмолкунанда ба

---

[209] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2019. – С. 287.

андозаи камтаре сурат мегирад, ки фурӯшанда уҳдадор буд, ки онро пурра ба истеъмолкунанда чен карда диҳад. Дар натиҷа, харидор (истеъмолкунанда) пули молро нисбат ба моли воқеан гирифтааш ба андозаи зиёдтар пардохт мекунад. Вобаста ба предмети фиреб ченкунӣ дар шакли кампуркунӣ ва камченкунӣ ҷудо карда мешавад. Андоза дар шакли кампуркунӣ вақте сурат мегирад, ки мавзуи он моеъҳо – шир, шарбат, спирт, равған, бензин ва ғайра мебошад. Андоза дар шакли кам ченкунӣ ҳангоми фурӯхтани маҳсулоти ғайриозуқаворӣ, масолеҳи рӯзгор ва сохтмон ва ғайра истифода мешавад. Дар ин шакли фиребгарӣ, ҳамчун қоида, усулҳои нодурусти ченкунӣ ё воситаҳои ченкунӣ, масалан, истифода бурдани асбобҳои ченкунӣ, кор фармудани тадбирҳои ғайристандартӣ, аз ҳад зиёд таранг кардани мол дар ченак ва ғайра истифода мешаванд;

2.2. Кам баркашидан (кам баркашидан, кам ниҳодан, яъне вайрон кардани воҳидҳои ченнаки масса, ки дар мг – миллиграмм, г – грамм, кг – килограмм, с – сентнер (ц – центнер), т – тонна ифода мегардад) – ин додани мол дар чунин ҳаҷме мебошад, ки ба шартҳои шартнома ва ё стандартҳои муқарраршуда, ки вазн, ҳаҷм ва дигар нишондодҳои шуморавии молро муайян мекунад, мувофиқат намекунад;

2.3. Кам додани бақияи пул (нодуруст ҳисоб кардани нархи мол ва ё хизматрасонӣ) – ин бе огоҳии истеъмолкунанда аз тарафи фурӯшанда ё хизматрасон риоя накардани нархе, ки пешакӣ гуфтугузор ё эълон шудааст;

2.4. Гумроҳ кардан оид ба хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) – ин хабари нодуруст додан дар бораи хосияти ин ё он мол (хизмат), ки ба сифати он, санаи тайёр кардани он, муҳлати коршоямии он, навъи он, мамлакат ва ё фирмаи тайёркардаи он ва ғайра тааллуқ дорад;

2.5. Дигар навъи фиреб барои ба таҳлука андохтани истеъмолкунанда оид ба шартҳои шартнома, ки барои ҷабрдида аҳаммиятнок мебошанд, мисол, расонидани хизмат баъди фурӯши мол, ваъда оид ба ҷойгир намудани мол, ба расмият даровардани супориши оддӣ ҳамчун супориши фаврӣ,

фурӯхтани доруворихое, ки аслан хусусияти табобатиро надоранд ва ғайра, ифода мегарданд.

3. Ҷиҳати пешгирӣ намудани эҳтимолияти декриминализатсия намудани ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон пешниҳод менамоем, ки категорияи зарар ба миқдори назаррас» аз қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, бар ивази он категорияи «зарар ба миқдори калон, ки дар қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ҷой дода шавад. Зарар ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир намудани фиреби истеъмолкунандагон, ки дар қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ба қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ интиқол дода шавад;

4. Мавҷуди зарар дар таркиби фиреби истеъмолкунандагон (м. 294 КҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки таркиби ин ҷиноят моддӣ аст. Таркиби моддӣ – ин чунин таркиби ҷиноят мебошад, ки дар он қонунгузор ба сифати аломатҳои ҳатмӣ, ба ғайр аз кирдори (ҳаракат ва беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнок, ҳамчунин ба вуқуъ омадани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро пешбинӣ кардааст. Ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон аз лаҳзаи расонидани зарар, яъне зарар ба миқдори назаррас (қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ), ба миқдори калон (қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ) ва ба миқдори махсусан калон (қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ) ба истеъмолкунандагон тамомшуда эътироф мешавад. Барои он ки ҷиноят ҷой дошта бошад, бояд ҳатман кирдор ба ҷамъият хавфнок бошад, ҳангоми хавфнок набудани кирдор он гунаҳкорона эътироф карда намешавад.

### 2.3. Аломатҳои субъективии фиреби истеъмолкунандагон

#### 2.3.1. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъекти фиреби истеъмолкунандагон

Субъекти ҷиноят яке аз аломатҳои асосии таркиби ҷиноят мебошад. Ҷиноят доимо аз тарафи шахси мушаххас содир карда мешавад. Шахсе, ки ҷиноят содир кардааст субъекти ҷиноят номида мешавад. Ҳар як ҷиноят ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок аз тарафи одамон ва дар байни одамон содир карда мешавад. Аз ин рӯ, танҳо шахсе, ки кирдори ба ҷамъият

хавфнок содир мекунад, субъекти ҷиноят эътироф карда мешавад.

Масъалаи хеле муҳимми бандубасти фиреби истеъмолкунандагон ин дуруст муайян кардани доираи шахсоне мебошад, ки тибқи м. 294 КҶ ҶТ бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Дар моддаи 22 КҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ки «Танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи КҶ ҶТ расидааст»[210].

Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо шахси воқеӣ кашида мешавад. Шахси ҳуқуқӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, хоҷагӣ, ширкатӣ ва дигарон) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Ҳамчунон амали хатарнок ва зараровари ҳайвонот низ мутобиқи КҶ ҷиноят нест. Дар зери мафҳуми «шахси воқеӣ» - инсони дар ҳаёт буда фаҳмида мешавад. Аз рӯйи қоидаи умумӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ (аломати асосии субъекти ҳуқуқ) дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ (аз он ҷумла, дар ҳуқуқи ҷиноӣ) аз лаҳзаи таваллуди одам пайдо шуда, бо вафот кардани ӯ қатъ мегардад. Шахси воқеӣ, гуфта мо пеш аз ҳама инсонро дар назар дорем, ки ҳолати муайяни ҳуқуқӣ дорад. Аз ин рӯ, мафҳуми шахси воқеӣ умумӣ буда, фарогири се категорияи инсонҳо мебошад: шаҳрвандони давлат, шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрвандӣ.

Шахси воқеӣ он вақт ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки агар мукаллаф бошад. Ҳар як шахси руҳан солим, яъне ҳар як шахсе, ки қобилияти фикрӣ ва иродавӣ дошта бошад, бошуурона рафтор намуда, кирдори худро идора мекунад. Аз ин рӯ, вай барои ҳаракати кирдорҳои худ, аз он ҷумла барои кирдорҳои ба ҷамъият содиркардааш ҷавобгар мебошад. Акнун аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки барои шахсро субъекти ҷиноят ҳисоб кардан мукаллафӣ роли муҳимро мебозад. Мукаллафӣ ин ҳолати ҳуқуқии субъект, хусусияти ҷудонашавандаи он мебошад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми мукаллафӣ ба таври алоҳида шарҳ дода нашудааст, барои ҳамин аз рӯйи мафҳуми номукаллафӣ, ки дар м. 24 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, маънои онро

[210] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Қонуният», 2020. – С. 13.

ба тарзи зерин муайян кардан мумкин аст. Шахсе, ки дар вақти содир кардани ҷиноят қобилияти фаҳмидан ва саришта кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои онро дарк намуда, идора карда метавонад, мукаллафӣ номида мешавад[211].

Яке аз хусусиятҳои асосии шахс мувофиқи КҶ ҶТ синну сол мебошад, ки бе он шахс субъекти ҷиноят эътироф карда намешавад. Ба синну соли муайян расидан шарти асосии ба ҷавобгарӣ кашидан аст. Синну сол ин давраи инкишофи инсон мебошад. Дар ин давра дар ҷараёнҳои руҳӣ ва ҷисмонии шахс дигаргуниҳо ба амал меоянд. Ҳар як шахс аз лаҳзаи таваллуд то ба пиронсолӣ расидан нисбати муҳити атроф якхела муносибат намекунад. Ба синну соли муайян расидан таҷрибаи ҳаётии шахс бой мешавад, ҷаҳонбинии муайян ба даст меояд. Ба синну соли муайяншуда расидан, чӣ тавре ки дар боло қайд карда шуд, яке аз шартҳои зарурии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аст[212].

Мувофиқан ба м. 23 КҶ ҶТ барои фиреби истеъмолкунандагон шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст ва дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин метавонад шаҳрванди одӣ бошад. Бояд қайд намуд, ки муқаррароти м. 294 КҶ ҶТ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» вобаста ба доираи субъектоне, ки метавонанд ба фиреби истеъмолкунанда машғул шаванд, мутобиқат намекунад. Яке аз масъалаҳои дар назари аввал одӣ, вале дар асл мураккаб ва баҳсталаб, масъалаи мафҳумҳои «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда», ки метавонанд истеъмолкунандаро фиреби диҳанд, мебошад. Яъне, «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда» ҳамчун субъекти ҷиноят бояд дар м. 294 КҶ ҶТ бевосита нишон дода шаванд.

Таҳлили м. 294 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки субъекти ин ҷиноят ҳам умумӣ

---

[211] Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 113.

[212] Салимов Ҳ.С. ва Ғаффорова Н.А. Асари зикршуда. – С. 110.

ва ҳам махсус мебошад. Пеш аз ҳама ба сифати субъекти м. 294 КҶ ҶТ шахсоне баромад мекунанд, ки дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ (дар асоси муносибатҳои меҳнатӣ) машғуланд, мукалаффанд ва ба синни 16 солагӣ расидаанд. Муносибатҳои меҳнатӣ байни корманд ва корхонаҳо (корфармо) дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд, агар КҶ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ тартиби дигарро муқаррар накарда бошанд. Шартномаи меҳнатӣ асоси пайдоиши муносибатҳои меҳнатӣ байни корманд ва корфармо мебошад. Мувофиқи м. 21 КМ ҶТ шаҳрванде, ки ба синни понздаҳ расидааст, метавонад ҳамчун корманд тарафи шартномаи меҳнатӣ бошад[213] ва ба ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки хоси субъекти м. 294 КҶ ҶТ мебошад, машғул шавад. Ҳамчунин КМҶ ҶТ дар ҳолати истисно бо таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ расидаанд, инчунин таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ нарасидаанд ва дар театрҳо, ташкилотҳои банаворгирии кино, консертҳо, сиркҳо ва дигар ташкилотҳои эҷодӣ бе зарар расонидан ба саломатӣ ва инкишофи маънавиашон иштирок менамоянд, бо ҶТ онҳоро ивазкунанда бе ҳалалдор кардани раванди таълим метавонанд шартномаи меҳнатӣ банданд.

Таҳлили КМ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки шахсе, ки ба синни 15 солагӣ расидааст ва дар корхонаҳо ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ (дар асоси муносибатҳои меҳнатӣ) машғуланд, дар сурати камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 294 КҶ ҶТ кашида намешаванд.

Чунин ба назар мерасад, ки ин мушкилот хеле мубрам аст, зеро дар айни замон шумораи наврасоне, ки маълумоти ибтидоии умумии ҳатмӣ гирифтаанд, (ва ин ҳам понздаҳсола аст) ба кор машғул мешаванд, ки аксар вақт кори онҳо маҳз бо фурӯши мол алоқаманд аст, меафзояд. Аммо дар

---
[213] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Қонуният, 2022. – 126 с.

қонуни ҷиноӣ синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷиноят то ҳол кам карда нашудааст. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки фиреби истеъмолкунандагон, тибқи м. 18 КҶ ҶТ, ба шумораи ҷиноятҳои начандон вазнин ва КҶ ҶТ дар қ. 2 м. 23 ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои кирдорҳои бевосита дар ҳамин модда пешбинишуда синни чордаҳсолагиро муқаррар мекунад, ва муттаасифона м. 294 КҶ ҶТ дар ин номгӯй ҷой надорад. Мувофиқан ба қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ шахсе, ки дар вақти содир намудани ҷиноятҳои зерини иқтисодӣ ба синни чордаҳсолагӣ расидааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад: дуздӣ (моддаи 244), ғоратгарӣ (моддаи 248), роҳзанӣ (моддаи 249), тамаъҷӯӣ (моддаи 250), ғайриқонунӣ ронда карда бурдани мошинҳо ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (моддаи 252), қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми дуюми моддаи 255). Таҳлили м. 23 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки барои содир намудани ҷиноятҳое, ки дар боби 27 КҶ ҶТ муқаррар шудаанд, яъне ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ шахс бояд ба синни 16 солагӣ расида бошад. Аз ин рӯ, муқаррар кардани синни 14-солагӣ барои ҷиноятҳои гуногун, танҳо ба вазнинии ҷиноятҳои содиршуда нисбат додан мумкин нест. Қонунгузор, ба фикри мо, муқаррар кардани синни 14-солагиро аз бештар содир шудани ҷиноятҳое, ки наврасон содир мекунанд ва рафтори худро дарк карда метавонанд, диққат додааст. Ба ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев сабаби муайян намудани чунин синну соли пасти ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои дар боло номбаршуда: аз он иборат аст: ки: 1) моҳияти иҷтимоии чунин кирдорҳо аз тарафи ноболиғон аз ҳамин синну сол хуб дарк карда мешавад; 2) чунин кирдорҳо хусусияти баланди хавфнокии ҷамъиятӣ доранд; 3) ин ҷиноятҳо дар байни ноболиғон васеъ паҳн шудаанд. Дар ҳақиқат ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев дуруст аст, лекин бо дар назардошти вазъияти содиршавии ҷиноят дар ҷумҳурӣ, ВКД ҶТ бояд ҳар панҷ сол вазъи ҷинояткории ноболиғонро таҳлил намуда, масъалаи синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро дар назди мақомоти қонунгузор масъалагузорӣ намояд.

Хусусияти синну сол ҳамчун шарти ҷавобгарии ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки мавҷудияти он дар асоси қобилияти аксарияти мутлақи одамон, аз синну соли муайян сар карда, дар вазъияти муайян огоҳона рафтори худро идора кардан иборат аст. Танзими ҳадди синнусолии ҷавобгарии ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки ин меъёр барои конунгузор гуё рамзи расидан ба дараҷаи камолоти зеҳнӣ, иродавӣ ва шахсиятӣ дар соҳаи муносибатҳои танзимшавандаи қонуни ҷиноятӣ мебошад[214]. Ҳамзамон, ҳадди синну соли ҷавобгарӣ на танҳо бо дарки хусусияти рафтор аз ҷониби субъект, балки бо идоракунии ин рафтор дар вазъияти мушаххас низ алоқаманд аст. Қобилияти дарк намудани кирдорҳои худ ва идора кардани онҳо (ин шарти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аст) дар одамони солим пас аз расидан ба синни муайян пайдо мешавад. Чунин синну соли мувофиқ, ба назари мо, маҳз дар синни 16-солагӣ рост меояд. Дар асоси маълумоти таҳқиқотҳои гуногун, ҳуқуқшиносон ва равоншиносон чунин мешуморанд, ки давраи аз 14 то 16-солагӣ марҳилаи муайяни физиологии камолоти ҳар як шахс аст[215]. Ҷавобгарии маъмурӣ низ барои фиреб додани истеъмолкунандагон (м. 627 КҲМ ҶТ) маҳз аз синни 16-солагӣ оғоз меёбад.

Аммо дар вақтҳои охир тамоюли «ҷавоншавии» ҷинояткорӣ байни наврасон мушоҳида мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки шумораи бештари ҷиноятҳои бори аввал аз ҷониби наврасони 12-14-сола содир карда мешаванд. Ба ақидаи аксари ҳуқуқшиносон, равоншиносон, омӯзгорон ва дигар олимон, вақте наврас ба синни 12-14-солагӣ мерасад, ӯ аллакай ба рафтору кирдори худ воқеият, бошуурона ва мутавозин баҳо дода метавонад ва аз ин рӯ, вақтҳои охир ҷонибдорони паст кардани сину соли поёнии субъекти ҷиноят аз синни 13-солагӣ зиёданд[216]. Аммо ин мавқеъ эътирозҳоро ба миён меорад ва ин бо он асоснок карда

---

[214] Ниг.: Ситковская О.Д. Психологический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. – М., 1999. – С. 10.

[215] Ниг.: Карпец И.И. Уголовное право и этика. – М., 1985. – С. 147.

[216] Ниг.: Кудрявцев И.А. Судебная психолого-психиатрическая экспертиза. – М., 1988. – С. 167-171; Шишков С. Правомерен ли вопрос экспертам о соответствии несовершеннолетнего обвиняемого своему календарному возрасту / С. Шишков // Законность. – 1999. – №9. – С. 30.

мешавад, ки паст кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ боиси криминализатсия намудани кирдорҳои зиёд мегардад, махсусан дар шароити воқеии иҷтимоию иқтисодӣ. Дар чунин ҳолат мо нуктаи назари А. Василевскиро вобаста ба он, ки агар ҷавобгарӣ ва ҷазо танҳо роҳи ҳалли масъала бошад, пас синни минималии ҷавобгариро метавон паст кард ва агар ин танҳо воситаи ҳифзи ҷомеа аз таҷовузҳои ҷинояткорона бошад, пас ҷамъият бояд ба тарбияи ноболиғон машғул шавад, на ин ки онҳоро ҷазо диҳад[217].

Ба назар чунин мерасад, ки қонунгузор ҳангоми муқаррар намудани синну соли поёнии ҷавобгарии ҷиноятӣ, албатта, пеш аз ҳама, қобилияти дар синни муайян дарк кардани воқеияти объективӣ ва бошуурона идора кардани кирдорҳои худро ба назар гирифтааст. Ба ҷамъият хавнокии кирдор ва то чӣ андоза манъи онҳо барои ҷавонон аён аст, низ аҳаммияти калон дорад. Ҳамин тавр, ба ҷамъият хавфнокии фиребдиҳии истеъмолкунандагон бо ҷинояти дуздӣ баробар аст ва характери ғайриконунии кирдорҳои фиребдиҳӣ ба насли наврас низ маълум аст. Аммо қонунгузор барои содир кардани дуздӣ ҷавобгарии ҷиноятиро аз 14-солагӣ муқаррар намуда, нисбати фиреби истеъмолкунандагон бошад аз 16-солагӣ.

Ба назари мо, муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреб додани истеъмолкунандагон аз синни шонздаҳсолагӣ бо чунин ҳолатҳо, ба монанди «максаднок будани татбиқи таъқиби ҷиноятӣ» алоқаманд аст, ки дар навбати худ на танҳо ба қобилияти дарк намудани моҳияти кирдори худ ва идора кардани онҳо, балки инчунин дар бораи имкониятҳои воқеии содир кардани наврас аз паҳншавии ин намуди ҷиноят дар байни ноболиғон вобаста аст. Таҳлили таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби ноболиғон (16-18-сола) содир намудани фиреби истеъмолкунандагон як падидаи нодир аст. Фиреби истеъмолкунандагон аз ҷониби онҳо одатан дар шарикӣ бо ҷинояткорони калонсол сурат мегирад. Шумораи ками кирдорҳои содиркардаи ноболиғон бо он асоснок карда мешавад, ки он малакаҳои

[217] Ниг.: Васильевский А. Возраст как условие уголовной ответственности / А. Васильевский // Законность. – 2000. – №11. – С. 23.

муайянро дар кор талаб мекунад, ки ин бо хусусияти воситаҳои содир шудани ин кирдор шарҳ дода мешавад. Маҳз ҳамин ҳолат муқаррар намудани синну соли баландтари ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин ҷиноят мувофиқи мақсад мегардонад.

Чи хеле ки дар боло қайд карда шудааст, субъекти ҷиноят шахси мукаллафи ба синну соли муайянрасида шуда метавонад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо чӣ хеле ки амалияи судӣ нишон медиҳад барои донистани шахс ҳамчун субъекти ҷиноят ин аломатҳо камӣ мекунанд. Барои ҳамин қонунгузорӣ дар ин ҳолатҳо аломатҳои иловагии маълум кардааст, ки дар қонуни ҷиноятӣ ҳамчун субъекти махсус маълум шудааст. Субъекти махсус ин шахсест, ки ба ғайр аз аломатҳои умумӣ (синну сол ва мукаллафӣ) дорои аломатҳои махсуси иловагӣ мебошад. Аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дар диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ номбар карда нашудаанд, онҳо аломатҳои хоси ҳамаи таркиби ҷиноятҳо мебошанд, ки дар м. 23 Қисми умумии КҶ дарҷ гардидаанд. Аломатҳои иловагии субъекти махсус дар худи диспозитсияҳои меъёрҳои дахлдори ҷиноятҳои алоҳида тасвир карда шудааст ё ин ки ба тариқи шарҳ додан муқаррар шудаанд. Баъзан аломатҳои субъекти махсус дар меъёрҳои Қисми махсуси КҶ дарҷ ёфтаанд. Доро набудани аломатҳои субъекти махсус дар таркиби ҷинояти мушаххас пешбинӣ шуда ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин ҷиноят истисно мекунад. Ин маънои онро дорад, ки дар баъзе ҳолатҳо ҷиноят тамоман дида намешавад, дар дигар ҳолатҳо бошад ҷавобгарӣ аз рӯйи дигар меъёрҳо сар мезанад[218]. Ҳамин тавр, масъалаи шахсонеро, ки барои фиреб додани истеъмолкунандагон дар соҳаи савдо айбдоранд, ҳанӯз пурра муайян ҳисоб кардан мумкин нест, ки ин, албатта, дар амалияи судию тафтишотӣ таъсир мерасонад. Таҳлили м. 294 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки субъекти ин ҷиноят махсус аст. Инҳо шахсоне мебошанд, ки дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ (дар асоси муносибатҳои меҳнатӣ)

---

[218] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 119.

машғуланд. Ин шахсон киҳоянд? Ба ин савол КҶ ФҶТ мушахассан ҷавоб дода наметавонад.

Бояд қайд кард, ки дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ фикру ақидаҳое мавҷуданд, ки субъектҳои фиреб додани истеъмолкунандагон инчунин шахсоне мебошанд, ки гарчанде онҳо бо ташкилоти савдо муносибатҳои меҳнатӣ надоранд, вале дар ин ташкилотҳо ба мизоҷон дар мувофиқа бо кормандон ё маъмурияти онҳо хизмат мерасонанд (дар мавридҳое, ки ин гуна шахсон аз номи коркунони савдо амал карда бошанд), шуда метавонанд[219].

П. Андрушко ва В. Данко чунин менависанд: «Хизматрасонии муштариён аз ҷониби шахсоне, ки бо корхонаҳои дахлдор муносибатҳои меҳнатӣ надоранд, аз номи ин корхонаҳо баромад мекунанд... харидор барои конеъ гардонидани талаботи худ ба корхонаи дахлдор муроҷиат мекунад ва боварӣ дорад, ки хизматрасониро шахси дахлдор ба ҷо меорад. Барои харидор муҳим нест, ки ба ӯ кӣ хизмат мерасонад ва ӯ вазифадор нест, ки ин ҳолатро равшан кунад... шартномаи хариду фурӯш бо тамоми оқибатҳои ҳуқуқии ба вуҷуд омада, сарфи назар аз он ки молро аз номи корхонаи савдо кӣ фурӯхтааст, эътиборнок ҳисобида мешавад....»[220]. Ба фикри мо, ичунин тарзи ақидаронӣ чандон дуруст нест ва зиддиқонунист. Воқеан, барои харидор муҳим нест, ки ба ӯ кӣ хизмат мерасонад ва ӯ вазифадор нест, ки ин ҳолатро равшан кунад, аммо барои муассисаи савдо ин аз як масъалаи муҳим мебошад. Чун қоидаи умумӣ шартнома бо тамоми оқибатҳои ба вуҷудомада эътиборнок эътироф карда мешавад, агар он аз ҷониби шахси дахлдор, ки ҳуқуқи бастани онро дорад, баста шуда бошад, на ин ки аз ҷониби шахсони тасодуфӣ. Бинобар ин, танҳо намояндагони ташкилотхои савдо метавонанд чинояти дар м. 294 КҶ ҶТ муқараршударо содир намоянд ва аз ин рӯ,

[219] Ниг.: Корневский Ю.В. Уголовная ответственность за обман покупателей и заказчиков. – М., 1979. – С. 25; Орымбаев Р. Уголовная ответственность работников торговли. – Алма-Ата, 1973. – С. 51; Андрушко П., Данько В. Обман покупателей (заказчиков) или мошенничество? / П. Андрушко, В. Данько // Советская юстиция. – 1991. – №5. – С. 8; Кузнецов А.П., Бокова И.Н. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика обмана потребителей / А.П. Кузнецов, И.Н. Бокова // Российский следователь. – 2001. – №3. – С. 164.

[220] Андрушко П., Данько В. Обман покупателей (заказчиков) или мошенничество? / П. Андрушко, В. Данько // Советская юстиция. – 1991. – №5. – С. 8.

субъекти он бошанд. Дар акси ҳол, ин шартнома бояд беэътибор дониста шавад, яъне он бояд боиси ба вуҷуд овардани оқибатҳои ҳуқуқӣ нагардад. Инҳо, ба андешаи мо, танҳо дар сурате ба амал меоянд, ки баъдан шахси ваколатдор, яъне намояндаи қонунии корхонаҳо, ин шартномаро эътиборнок эътироф кунад. Бояд гуфт, ки далели асосии муаллифон дар асоси нуктаи Қарори Пленуми Суди Олии СССР «Дар бораи амалияи судӣ оид ба фиреби истеъмолкунандагон ва фармоишгарон» аз 14 марти соли 1975, ки муқаррар мекунад, ки субъекти ҷиноят дар фиреби истеъмолкунандагон метавонад ҳам корманди муассисаи савдо ва ҳам шахси дигаре, ки ба аҳолӣ мол мефурӯшад, бошад, навишта шудааст. Чунин мавқеи суди олӣ, ба назари мо чунин менамояд, ки шубҳаҳои муайянеро ба амал меоварад. Мо боварӣ дорем, ки барои бандубасти амалҳои шахс тибқи м. 294 КҶ ҶТ мавҷудияти муносибатҳои меҳнатии байни корманд ва корфармо бояд ҳатман ҷой дошта бошад, яъне он бояд ба талаботи м. 16 КМ ҶТ мувофиқат намояд. Дар асоси муқаррароти м. 16 КМ ҶТ муносибатҳои меҳнатӣ байни корманд ва корфармо дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд, агар КМҶ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ тартиби дигарро муқаррар накарда бошанд. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, санадҳои корфармо, омилҳои зерин метавонанд барои бастани шартномаи меҳнатӣ асос гарданд:

– интиҳоб шудан ба вазифа (мансаб);

– интиҳоб шудан дар асоси озмун ба вазифа (мансаб);

– ба вазифа (мансаб) таъйин ё тасдиқ шудан;

– фиристодан ба кор аз ҷониби мақомоти ваколатдор аз ҳисоби квотаи муқарраршуда ё роҳхат;

– санади судӣ дар бораи бастани шартномаи меҳнатӣ.

Зеро маҳз аз ҳамин лаҳза (бастани шартномаи меҳнатӣ ва баровардани фармони ба кор қабул кардан) дар бораи ин корманд ҳамчун субъекти фиреби истеъмолкунанда сухан рондан мумкин аст (агар албатта дар фаъолияти минбаъдааш ба чунин фиреб роҳ дода бошад). Бинобар ин, ба

ақидаи мо маҳз шахсоне, ки расман ба кор қабул карда шудаанд, дар асоси қонун фаъолияташон ба расмият дароварда шудааст ва вазифаҳои функсионалии онҳо фурӯши мол ва хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагонро дарбар мегиранд, метавонанд субъекти м. 294 КҶ ҶТ бошанд. Мо бо чунин ақида розӣ шуда наметавонем, ки субъекти фиреб додани истеъмолкунандагон шахсоне шуда метавонанд, ки бо ташкилоти савдо муносибатҳои меҳнатӣ надоранд (масалан, хешу табор ё шиносони фурушандае, ки ӯро иваз мекунанд). Чунин хулосаҳо ба меъёрҳои қонун мухолифанд ва диспозицияи м. 294 КҶ ҶТ-ро ба таври васеъ маънидод менамоянд. Ба ақидаи мо, кирдорҳои чунин шахсон бо м. 247 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун қаллобӣ бояд бандубаст карда шавад. Чунин равиши ҳалли масъала, яъне ҷавобгарии ҷиноятии коркунони савдо, ки бо ташкилоти савдо муносибатҳои меҳнатӣ доранд, вале вазифаҳои гуногуни ёрирасонро (фаррошҳо, коргарони ёрирасон ва ғайра) иҷро мекунанд, самаранок мебошад. Агар онҳо аз номи корфармо фурӯшандаро иваз карда, истеъмолкунандагонро фиреб диҳанд, онҳо тибқи м. 294 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, дар акси ҳол – кирдори онҳо бо м. 247 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда шавад.

Дар баробари ин, бо чунин ақидаи Р. Оримбоев розӣ нашудан мумкин нест, ки «ҳар як факти фиреб додани харидорон аз тарафи ин шахсон тафтиши махсусан бодиққатро талаб мекунад, зеро эҳтимолияти ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳо метавонад аз набудани таҷрибаи зарурӣ, маҳорати касбӣ, маълумоти кофии корманд (масалан, ҳангоми ҳисоб кардан) ва ба ҳамин сабабҳои объективӣ вобаста бошад, ки баъзан дар амалҳои шахс мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро нишон медиҳад»[221].

Ба андешаи мо, субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи м. 294 КҶ ҶТ метавонанд шахсоне бошанд, ки на танҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ бо корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, балки вобаста ба уҳдадориҳои хизматии худ оид ба фурӯши мол ва расонидани хизмат ба аҳолӣ ваколатдор

[221] Орымбаев Р. Уголовная ответственность работников торговли. – Алма-Ата, 1973. – С. 52.

шудаанд.

Ҳамин тавр, субъекти фиреби истеъмолкунандагон дар соҳаи фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ, пеш аз ҳама, кормандони корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият мебошанд, ки уҳдадории асосии онҳо тибқи шартномаи меҳнатӣ бевосита фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба мизоҷон, инчунин шахсони ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ваколатдоршудаи аз тарафи корфармо шуда метавонанд.

Дар баробари коркунони оддие, ки вазифаҳои фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасониро иҷро мекунанд, шахсони мансабдори корхонаҳо низ объекти фиребгарии истеъмолкунандагон шуда метавонанд. Ба онҳо директорон, мудирони магазинҳо, ҷонишинони онҳо, сардорони минтақаҳо ва дигар шахсоне, ки вазифаҳои маъмурӣ, хоҷагӣ, роҳбариро иҷро мекунанд, дохил мешаванд. Агар ин шахсон, масалан, мудири мағоза низ ба хизматрасонии бевоситаи харидорон машгул бошанд, пас онҳо ҳам мисли фурушандаҳо дар мавриди фиребгарӣ мувофиқи моддаи 294 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ҳолати махсуси диққатангез он аст, ки агар худи онҳо харидоронро бевосита фиреб надиҳанд, балки фурушандаҳоро ба ин мақсад истифода баранд, кирдори шахсони мансабдорони корхонаҳо чӣ гуна бояд бандубаст карда шавад. Масалан, бо дастури мудир фурӯшанда маҳсулоти қалбакиро мефурӯшад. Ҳалли масъала дар бораи ҷавобгарии масъулин дар чунин вазъ аз он вобаста аст, ки фурӯшанда қалбакӣ будани маҳсулотро медонист ё на. Агар фурӯшанда бо дастури мудир надониста маҳсулотро фурӯшад, пас дар масъалаи бандубаст бояд мушкилие набошад. Ба сифати иҷрокунанда мудир баромад мекунад, ки бо дастури он мол фурӯхта шудааст ё хизматрасонӣ иҷро карда шудааст. Аз ин рӯ, ӯ бояд тибқи м. 294 КҶ ҶТ ҳамчун иҷрокунанда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Агар фурӯшанда донад, ки вай махсулоти қалбакӣ ё пастсифатро мефурӯшад, ҳатто бо супориши мудир, пас фурӯшандае, ки фармони ҷиноятиро иҷро кардааст, барои фиреб додани харидорон бояд ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Амалҳои роҳбар бояд

мутобиқи моддаи 294 КҶ ҶТ бо истинод ба м. 36 КҶ ҶТ (ҳамчун ҳамиҷрочӣ ба фиреби истеъмолкунандагон) бандубаст карда шавад.

Аз ин бармеояд, ки шахсе, ки фармони ҷинояткоронаро иҷро кардааст, бояд бо ҷинояти м. 294 КҶ ҶТ ва шахси мансабдори корхонае, ки фармони ғайриқонунӣ додааст, таҳриккунандаи ҷиноят аст. Агар шахси мансабдор на танҳо супориши ғайриқонунӣ додааст, балки барои фиреб додани харидорон амали мушаххасеро низ анҷом диҳад (масалан, ба фурӯшанда ёрӣ расонад, чек қабул мекунад ва ғайра), пас ин амали ӯ бояд мувофиқи моддаи моддаи 37-ум ва 294 КҶ ҶТ ҳамчун ҳамиҷрокунанда бандубаст карда шавад.

Имконияти чунин ҳолатҳо ҷой доранд, ки шахси мансабдор дар фиреб додани харидорон бевосита иштирок накарда, аз тарафи кормандони тобеи худ барои содир намудани ин ҷиноят шароит муҳайё мекунад. Масъалаи баҳодиҳии амали ин шахсон дар чунин вазъият бояд вобаста ба шакли гуноҳ ҳал карда шавад. Агар худи роҳбари корхона дар фиреб додани харидорон бевосита иштирок накунад, вале аз кирдорҳои қинояткоронаи тобеонаш хабардор бошад, барои содир кардани ҷиноят дидаю дониста ба онҳо ёрӣ расонад, пас вайро дар фиреб додани истеъмолкунандагон дар шарикӣ (ёрдамчӣ) эътироф кардан лозим аст. Дар баъзе мавридҳо вобаста ба вазъияти мушахас масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани ӯ барои ҷиноятҳои мансабӣ ба миён меояд.

Субъекти дигари фиреби истеъмолкунангон, ки бевосита диспозитсияи м. 294 КҶ ҶТ омадааст, ин шаҳрвандон мебошад. Шаҳрвандӣ – мансубияти шахси муайян аз рӯйи аломатҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ нисбати ягон давлате мебошад. Ҳамзамон шаҳрванд ҳуқуқу уҳдадориҳоро нисбат ба амалҳо ва мавқеи худро дар ҳайати давлате пайдо мекунад, ки уҳдадор аст ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандро аз тарафи худ таъмин намояд. Шаҳрвандӣ – иҷрои моддаҳо ва қоидаҳоеро дар назар дорад, ки дар Конститутсия – маҷмуи қонунҳои ҳуқуқҳои шахс нишон дода шудаанд ва мавқеи онро нисбат ба ҳокимияти давлатӣ вобаста кардааст. Шаҳрвандии ҶТ – робитаи устувори сиёсию ҳуқуқии шахс бо ҶТ буда, маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобилаи

тарафҳоро дар бар мегирад. Шаҳрванди ҶТ – шахсе мебошад, ки дар рӯзи қабули Конститутсияи ҶТ шаҳрванди ҶТ буд ё мутобиқи қонунгузории ҶТ ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳрвандии ҶТ-ро соҳиб шуда бошад. Шаҳрванди ҶТ, ки шаҳрвандии дигар давлатро низ дорад, аз ҷониби ҶТ танҳо чун шаҳрванди ҶТ дониста мешавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки дар шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон нишон дода шудаанд.

Истифодаи истилоҳи «шаҳрвандон» дар таркиби м. 294 КҶ ҶТ ба мақсад мувофиқ нест. Зеро, аввалан, истилоҳи шаҳрванд мансуби шахси муайянро ба як давлат дорад, сониян, шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар ҶТ кору фаъолият доранд метавонанд ҳангоми содир намудани ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон бе ҷазо монанд. Ба мақсад мувофиқ буд, агар қонунгузор истилоҳи «шаҳрвандро» бо истилоҳи «соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ)» иваз намояд.

Соҳибкории инфиродӣ дар Тоҷикистон як падидаи нав буда, он асосан дар давраи соҳибистиқлолӣ ташаккул ва рушд намудааст. Дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ ба шахсони воқеӣ имконияти машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ маҳдуд буда, мардум танҳо маҳсулоти хоҷагии назди ҳавлигӣ парвариш намуда, онро ба бозор мебароварданд. Дар баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ имконият машғул гаштани шахсони воқеӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам омада, дар қонунгузории мамлакат тартиби амалӣ намудани чунин фаъолият аз ҷониби шахсони воқеӣ муқаррар карда шуд. Тибқи моддаи 24-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шаҳрвандон, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, метавонанд аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд»[222]. Инчунин мутобиқи қисми 17-и моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соҳибкори инфиродӣ-шахси воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ тибқи патент ё шаҳодатнома

---

[222] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj/кодекси-граждании-ҷумҳурии-тоҷикист-2/ (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

амалӣ менамояд»[223].

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ соҳибкори инфиродӣ на танҳо ба бисёрвазифагӣ, инчунин бо бенизомии фаъолият хос аст. Дар бисёр ҳолатҳо вазифаҳои иқтисодӣ ба ҳуқуқи якҷоя мешаванд. Соҳибкори инфиродӣ ин шахсе мебошад, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғул аст. Соҳибкории инфиродӣ шабеҳ бо чунин намудҳои фаълияти иқтисодӣ ҳамчун фоидабадасторанда, истеҳсолкунанда (саноатӣ, ҳунармандӣ ва ғ.) ва фаъолияти шахсӣ хоҷагии шаҳрванд мебошад. Навъҳои овардашуда на дар ҳама ҳолат характери соҳибкориро доро мебошад, аз он ҷумла дар давлатҳои алоҳидаи дорои низоми ҳуқуқи исломӣ ҳунармандӣ хусусияти соҳибкорӣ надорад. Мо гуфта наметавонем, ки тамоми навъҳои ҳунармандӣ соҳибкории инфиродӣ ба шумор меравад дар ҶТ, ба истиснои ҳолатҳои бевосита муқаррар намудаи қонун. Мувофиқи м. 8 (Бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи ҳунарҳои бадеии халқӣ) Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ» муқаррар мегардад: «Бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ, таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ дар соҳаи истеҳсол ва (ё) ба фурӯш баровардани маснуоти ҳунарҳои бадеии халқӣ бо тартиби муайянкардаи қонунгузории ҶТ ба амал бароварда мешавад». Миёни мафҳумҳои ҳунарманд ҳамчун фаъолияти анъанавӣ ва соҳибкори инфиродӣ таносуб ва алоқамандӣ мавҷуд аст. Ҳардуи фаъолият барои ба даст овардани фоида равона гаштаанд, аввалин фаъолият қонеъгардонии манфиати шахсӣ, эстетикӣ ё фарҳангӣ ба амал бароварда мешавад, дувумин сарват ҷамъ намуда онҳоро барои инкишофи истеҳсолӣ мол, иҷрои кор ва расонидани хизмат истифода мебарад[224].

Профессор М.З. Раҳимзода қайд менамояд, ки ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ зарур аст, ки уҳдадориҳои ба зимма гирифтаи худро иҷро намоянд. Иҷро накардан ѐ ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳо

---

[223] Кодекси андози Ҷумҳурии тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj/кодекси-андози-ҷумҳурии-тоҷикистон/ (санаи муроҷиат: 02.03.2022).
[224] Ниг.: Мафҳум ва нишонаҳои соҳибкори инфиродӣ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anrt.tj/tj/khabar-o/1133-maf-um-va-nishona-oi-so-ibkori-infirod (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

боиси вайрон кардани онҳо мегардад. Вайрон карда шудани уҳдадориҳо на танҳо ба субъектҳои соҳибкорӣ, балки ба тамоми ҷамъият зарар расонида, кори низоми муносибатҳои молию пулиро дар шароити иқтисоди бозорӣ номураттаб месозад. Бо мақсади бартараф намудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо ва оқибатҳои онҳо ҷавобгарӣ дар намуди татбиқ намудани муҷозот барои содир намудани вайронкунӣ муқаррар карда мешавад. Ҷавобгарии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси маҷбурияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Вақте мо дар бораи ҷавобгарӣ сухан меронем, пеш аз ҳама, ҷавобгариро барои рафторе дар назар дорем, ки боиси ҳуқуқвайронкунӣ гардидааст ва он дар натиҷаи оқибати чунин қонуншиканӣ ба миѐн омадааст. Дар навбати худ, маҷбуран иҷро кардани уҳдадории муқарраркардаи аввала, гарчанде, ҳатман 270 мушкилоти навро ба миён наорад ҳам, худи маҷбуран иҷро намудани уҳдадорӣ хислати ҷазои ҷуброниро дорад[225].

Дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки фаъолияти соҳибкории шахсони воқеӣ вобаста ба фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ фаъолияте ҳисобида мешавад, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, аз номи худ, таҳти таваккал ва масъулияти амволии худ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад. Инчунин фаъолияти мазкур барои ба даст овардани фоида пешбинӣ карда мешавад. Чунин фаъолият як дафъа амалӣ карда шавад, онро ба фаъолияти соҳибкорӣ дохил наменамоянд. Мисол фурӯши амволи шахсӣ, маҳсулоти наздиҳавлигӣ, меҳнати кироя, гузоштани амонат дар бонк ва ғайра. Барои чунин фаъолият ба ҳайси соҳибкории инфиродӣ аз қайди давлатӣ гузаштан зарурат вуҷуд надорад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки фиреб додани истеъмолкунандагон ҳангоми ба онҳо фурӯхтани мол ё расонидани хизмат аз ҷониби шахсони бе кайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машгул буда, дар мавридҳои дахлдор ҳамчун ҷинояти ба муқобили моликият (қаллобӣ) баррасӣ карда мешавад.

[225] Ниг.: Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. – Душанбе, 2005. – С. 260-261. – 408 с.

Бояд қайд намуд, ки ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии истеъмолкунандагон аз ҳифзи ҳуқуқӣ-граждании он ҷудо буда наметавонад ва барои ҳамин ҳам мувофиқати истилоҳот байни шохаҳои зикршудаи ҳуқуқ талаб карда мешавад, хусусан аз диспозицияи м. 294 КҶ ҶТ, ки хусусияти бланкетиро доро аст.

Дар робита ба ин, ҷолиби диққат аст, ки тибқи қонунгузории маданӣ, аҳдҳое, ки шаҳрванд бидуни ба қайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ бастааст, татбиқ мегардад. Дар қ. 4 м. 24 КГ ҶТ муқаррар гаштааст, ки шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо вайрон намудани қ. 1 моддаи мазкур амалӣ менамоянд, ҳақ надоранд нисбат ба аҳдҳои бастаашон ба он истинод намоянд, ки онҳо соҳибкор намебошанд. Суд метавонад ба чунин аҳдҳо қоидаҳои Кодекси мазкурро оид ба уҳдадориҳое, ки ба амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, татбиқ намояд[226]. Ҳамин тариқ, аҳдҳои хариду фурӯши молҳое, ки шахсони ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта нашудаанд, тибқи қонуни гражданӣ эътиборнок эътироф гардида, нисбати онҳо қоидаҳое татбиқ карда мешаванд, ки нисбати чунин аҳдҳои аз ҷониби шахси дахлдор бастшуда татбиқ мешаванд. Қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мазкур ягон маҳдудият ҷорӣ накардааст ва дар сурати мавҷудияти чунин ҳолат шахс ҳамчун шаҳрванд ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Мавзуи муҳокимаи кормандони амалӣ ва илмӣ ҳолате ҳаст, ки истеъмолкунанда (харидор) аз ҷониби шахсоне, ки тибқи шартнома бо соҳибкори инфиродӣ кор мекунанд, фиреб дода мешавад. Ба гуфтаи В.В. Антонов, Н. Антонова, Г. Толпигин, ки фурӯшандаи кироягшудаи соҳибкори инфиродӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, зеро ӯро на ҳамчун корманди ташкилот ва на ҳамчун соҳибкори инфиродӣ эътироф кардан мумкин нест[227].

---

[226] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj/кодекси-граждании-ҷумҳурии-тоҷикист-2/ (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

[227] Ниг.: Антонов В.В., Антонова Н.А., Толпыгин Г.А. Потребительское право / Защита прав потребителей. – М., 2003. – С. 18.

Аммо, ба гуфтаи В.В. Останин ва А.И. Долгова «шахсе, ки ба фурӯши мол ё ягон хизматрасонӣ бо супориш ё аз номи соҳибкори хусусӣ машғул аст, ҳатто агар ин шуғли ба расмият надаромада бошад ҳам, тибқи шартномаи меҳнатӣ вазифаи фурӯшандаро иҷро мекунад. Бинобар ин, агар вай ҳангоми иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда хусусиятҳои истеъмолӣ ва сифати мол ё хизматро кам чен кунад, кам баркашад, ба иштибоҳ андозад, ба фиреби истеъмолкунандагон роҳ медиҳад»[228].

Дар умум мо ақидаи А.И. Сафарзода ва Р.И. Шариповро[229] тарафдорӣ намуда чунин меҳисобем, ки субъекти фиреби истеъмолкунандагон инҳо шуда метавонанд:

1) кормандони корхонае, ки дар соҳаи савдо ё иҷрои корҳо хизмат мерасонад;

2) шахси воқеие, ки дар ташкилот ба фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ ба истеъмолкунанда дар асоси шартномаи (шартнома, супориш) ҳуқуқи граждани ба таври доимӣ ё муваққатан вазифаҳоро иҷро менамояд;

3) шаҳрванде, ки воқеан фаъолияти соҳибкориро бе бақайдгирии давлатӣ дар соҳаи фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ ба истеъмолкунанда пеш мебарад;

4) шахси воқеие, ки вазифаҳои фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасониро, ки шаҳрванд – соҳибкор дар асоси шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи гражданӣ (шартномаи пудрат, супориш) ба ӯ гузоштааст, иҷро менамояд;

5) шахси воқеие, ки ин вазифаҳоро (бе барасмиятдарории шартномаи) аз номи шаҳрванд – соҳибкор амалан иҷро менамояд.

Ҳамин тавр, таҳлили субъекти ҷинояти фиреби истеъмолкунандагонро ҷамъбаст намуда, чунин нуктаҳоро пешниҳод намудан зарур аст, ки онҳо

[228] Астанин В.В., Долгова А.И. и др. Преступность в России и борьба с ней: региональный аспект. – М., 2003. – С. 5.

[229] Ниг.: Сафаров А.И., Шарипов Р.И. Уголовно-правовая характеристика обмана потребителей как преступления в сфере предпринимательской деятельности / А.И. Сафаров, Р.И. Шарипов // Вестник Педагогического университета. – 2015. – №1-1 (62). – С. 119-124.

метавонанд баҳри минбаъд мукаммал намудани қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳаммият холӣ набошанд:

1. Мувофиқан ба м. 23 КҶ ҶТ барои фиреби истеъмолкунандагон шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст ва дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин метавонад шаҳрванди одӣ бошад. Бояд қайд намуд, ки муқаррароти м. 294 КҶ ҶТ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» вобаста ба доираи субъектоне, ки метавонанд ба фиреби истеъмолкунанда машғул шаванд, мутобиқат намекунад. Яке аз масъалаҳои дар назари аввал одӣ, вале дар асл мураккаб ва баҳсталаб, масъалаи мафҳумҳои «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда», ки метавонанд истеъмолкунандаро фиреб диҳанд, мебошад. Яъне, «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда» ҳамчун субъекти ҷиноят бояд дар м. 294 КҶ ҶТ бевосита нишон дода шаванд.

2. Таҳлили КМ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки шахсоне, ки ба синни 15-солагӣ расидаанд ва дар корхонаҳо ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ (дар асоси муносибатҳои меҳнатӣ) машғуланд, дар сурати камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 294 КҶ ҶТ кашида намешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки ин мушкилот хеле мубрам аст, зеро дар айни замон шумораи наврасоне, ки маълумоти ибтидоии умумии ҳатмӣ гирифтаанд, (ва ин ҳам понздаҳсола аст) ба кор машғул мешаванд, ки аксар вақт кори онҳо маҳз бо фурӯши мол алоқаманд аст, меафзояд. Аммо дар қонуни ҷиноӣ синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин ҷиноят то ҳол кам карда нашудааст. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки фиреби истеъмолкунандагон, тибқи м. 18 КҶ ҶТ, ба шумораи ҷиноятҳои начандон вазнин ва КҶ ҶТ дар қ. 2 м. 23 ба чавобгарии

ҷиноятӣ танҳо барои кирдорҳои бевосита дар ҳамин модда пешбинишуда синни чордаҳсолагиро муқаррар мекунад, ва мутаассифона м. 294 КҶ ҶТ дар ин номгӯй ҷой надорад.

3. Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреб додани истеъмолкунандагон аз синни шонздаҳсолагӣ бо чунин ҳолатҳо, ба монанди «мақсаднок будани татбиқи таъқиби ҷиноятӣ» алоқаманд аст, ки дар навбати худ на танҳо ба қобилияти дарк намудани моҳияти кирдори худ ва идора кардани онҳо, балки инчунин дар бораи имкониятҳои воқеии содир кардани наврас аз паҳншавии ин намуди ҷиноят дар байни ноболиғон вобаста аст. Таҳлили таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби ноболиғон (16-18-сола) содир намудани фиреби истеъмолкунандагон як падидаи нодир аст. Фиреби истеъмолкунандагон аз ҷониби онҳо одатан дар шарикӣ бо ҷинояткорони калонсол сурат мегирад. Шумораи ками кирдорҳои содиркардаи ноболиғон бо он асоснок карда мешавад, ки он малакаҳои муайянро дар кор талаб мекунад, ки ин бо хусусияти воситаҳои содир шудани ин кирдор шарҳ дода мешавад. Маҳз ҳамин ҳолат муқаррар намудани синну соли баландтари ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин ҷиноят мувофиқи мақсад мегардонад.

4. Мо бо чунин ақида розӣ шуда наметавонем, ки субъекти фиреб додани истеъмолкунандагон шахсоне шуда метавонанд, ки бо ташкилоти савдо муносибатҳои меҳнатӣ надоранд (масалан, хешу табор ё шиносони фурӯшандае, ки ӯро иваз мекунад). Чунин хулосаҳо ба меъёрҳои қонун мухолифанд ва диспозицияи м. 294 КҶ ҶТ-ро ба таври васеъ маънидод менамоянд. Ба акидаи мо, кирдорҳои чунин шахсон бо м. 247 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун қаллобӣ бояд бандубаст карда шаванд. Чунин равиши ҳалли масъала, яъне ҷавобгарии ҷиноятии коркунони савдо, ки бо ташкилоти савдо муносибатҳои меҳнатӣ доранд, вале вазифаҳои гуногуни ёрирасонро (фаррошҳо, коргарони ёрирасон ва ғайра) иҷро мекунанд, самаранок мебошад. Агар онҳо аз номи корфармо фурӯшандаро иваз карда, истеъмолкунандагонро фиреб диҳанд, онҳо тибқи м. 294 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, дар акси ҳол – кирдори онҳо бо м. 247 КҶ ҶТ бояд

бандубаст карда шавад.

5. Истифодаи истилоҳи «шаҳрвандон» дар таркиби м. 294 КҶ ҶТ ба мақсад мувофиқ нест. Зеро, аввалан, истилоҳи шаҳрванд мансуби шахси муайянро ба як давлат дорад, сониян, шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар ҶТ кору фаъолият доранд метавонанд ҳангоми содир намудани ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон бе ҷазо монанд. Ба мақсад мувофиқ буд, агар қонунгузор истилоҳи «шаҳрвандро» бо истилоҳи «соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ)» иваз намояд.

**2.3.2. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тарафи субъекти фиреби истеъмолкунандагон**

Ҷиноят ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок дар натиҷаи бо ҳам мувофиқ омадани нишонаҳои объективӣ ва субъективӣ содир мешавад. Нишонаҳои гурӯҳи аввал ин объект ва тарафи объективӣ, нишонаҳои гурӯҳи дуюм субъект ва тарафи субъективӣ иборатанд. Умумияти ин нишонаҳо дар он таҷассум меёбад, ки онҳо воқеияти иҷтимоиро (ҷиноятро) аз ҳар ҷиҳат баҳо медиҳад. Барои истифодаи дурусти меъёрҳои қонунгузории ҷиноят таҳлили муфассали ҳамаи аломати содиркунандаи шахси ҷинояткор аҳаммияти муҳим дорад. Фақат дар асоси ин таҳлили судӣ, дар ҳоли гунаҳгор донистани судшаванда, метавон ҷазоро мутобиқ ба кирдор таъин кард ва метавон ҷазоро инфиродӣ таъин намуд. Қисми асосии ин таҳлилро баррасии масъалаҳои тарафи субъективии ҷиноят ташкил медиҳанд.

Тарафи субъективии ҷиноят ин фаъолияти руҳии (психикӣ) шахс буда, бевосита бо содиршавии ҷиноят алоқаманд мебошад. Тарафи субъективии ҷиноят мазмуни психологии ба ҷамъият хавфнокии кирдорро дорад, аз ин рӯ, он (дар муносибат бо тарафи объективӣ) унсури дохилии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Тарафи объективии ҷиноят, ки мазмуни воқеии ҷиноятро ташкил медиҳад, мумкин аст, ки ҳамеша аз ҷониби ҷабрдида, шоҳид ва дигар ашхос бевосита дарк шавад. Лекин тарафи субъективии ҷиноят, азбаски дар руҳиёти (психикаи) гунаҳгор ҷараён меёбад, узвҳои ҳискунандаи одамон бевосита қобилияти дарк намудани онро надоранд. Вай танҳо ба воситаи таҳлилу

баҳодиҳии рафтори шахси ҳуқуқвайронкунанда ва ҳолатҳои содиршавии ҷиноят дарк карда мешавад.

Вобаста ба ин аҳаммияти ҳуқуқии тарафи субъективӣ аз инҳо иборат мебошад[230]: ҳамчун муайянкунандаи асосӣ ҳангоми ба ҷавобгари ҷиноятӣ кашидани шахс хизмат менамояд; аниқ муайян намудани ҷиноятро таъмин менамояд; имкониятҳои аз ҳам ҷудо намудани таркибҳои омехтаи ҷиноятҳоеро, ки объект ва тарафи объективияшон бо ҳам монананд, пайдо мекунад; дар муқарар кардани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва фардикунии ҷазои ҷиноятӣ таъсир мерасонад.

Муҳаққиқи ватанӣ Ғ.С. Сатторов мафҳуми тарафи субъективиро чунин менависад «муносибатҳои руҳии шахс нисбати кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои он, ҳамчун тарафи субъективии ҷиноят тавсиф мегардад»[231]. Ба ақидаи М.М. Шарипов тарафи субъективии ҷиноят фаъолияти руҳии шахсро, ки бевосита бо содир намудани ҷиноят алоқаманд мебошад, тавсиф менамояд. Дар фарқият аз тарафи объективӣ, ки зоҳиран мушоҳидашаванда мебошад, тарафи субъективӣ мазмуни дохилии психологии кирдори ба ҷамъият хавфнокро ташкил медиҳад. Муқаррар намудани аломатҳои тарафи субъективии таркиби ҷиноят, то андозае дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва шахсони содиркардаи онро муайян менамояд[232].

Мазмуни тарафи субъективии ҷиноят бо ёрии чунин аломатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳаяҷон (эмотсия) ошкор мегардад. Аломатҳои ҳуқуқии мазкур аз ҷиҳати органикӣ байни худ дар алоқамандӣ қарор доранд. Ба эътибор нагирифтани аломатҳои тарафи субъективӣ мумкин аст ба гунаҳкоркунии объективӣ бурда расонад, яъне барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии кашида намешавад. Аломатҳои зикршуда асоси тарафи субъективии ҷавобгарии ҷиноятро ташкил дода,

---

[230] Ниг.: Кудратов Н.А., Имомов А.Х. Уголовное право республики Таджикистан. – Душанбе, 2012. – С. 42; Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2013. – С. 98.

[231] Сатторов Ғ.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ (Дастури методӣ). – Душанбе, 2017. – С. 30.

[232] Ниг.: Шаропов С.Ш. Основные проблемы борьбы с организованными преступными посягательствами на государственное и общественное имущество в условиях формирования многоукладной экономики (криминологический аспект): дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1995. – С. 127.

мисли асоси объективӣ – ҳаракат (беҳаракатӣ) инчунин ҷиноятӣ кашидан. Ягон хел зарари расонида шуда наметавонад ҷиноят бошад. Принсипи гунаҳкорӣ яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад. Гуноҳ заминаи зарурии субъективии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ба ҳисоб меравад. Дар қонун пешбинӣ шудани принсипи ҷавобгарии гунаҳкорона аҳаммияти калони сиёсӣ, маънавӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Принсипи мазкур алоқаи ногусастае бо принсипи қонуният дошта, ҳама гуна гунаҳкоркунии объективӣ, беқонунӣ, истибдод ва худсариро аз байн мебарорад[233].

Унсури асосии тарафи субъективии ҷиноят гуноҳ мебошад. Гуноҳ аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб рафта, тавассути он кирдори ҷиноятӣ аз кирдори ғайриҷиноятӣ фарқ карда мешавад. Чи тавре ки дар адабиёт қайд карда мешавад: «Гуноҳ ҳамчун муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдори содирнамуда ва оқибатҳои он фаҳмида мешавад». Унсури асосии тарафи субъективии ҷиноятро маҳз гуноҳ ташкил медиҳад. Гуноҳ аломати асосии ҳар як ҷиноят мебошад[234].

Кодекси ҷиноятии амалкунанда ду шакли гуноҳро пешбинӣ намудааст: қасдона ва беэҳтиётӣ (м. 27-и КҶ ҶТ). Ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон танҳо дар шакли гуноҳи қасдона содир мегардад. Мутобиқи қ. 2, м. 27-и КҶ ҶТ «ҷинояти қасдан содиршуда», «ҷиноят бо қасди бевосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат (беҳаракатӣ)-и худро дарк карда, имконияте ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он бошад».

Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аз он бармеояд, ки шахси дорои иродаи озод кирдорҳои мазкурро ҳамчун қобилият қабул кардани кирдор бо дониши амал ва қобилияти интихоби озодонаи равиши аҳаммияти иҷтимоидошта содир менамояд. Гунаҳкор мумкин аст танҳо шахси мукаллаф эътироф

[233] Ниг.: Кудратов Н.А., Имомов А.Х. Уголовное право республики Таджикистан. – Душанбе, 2012. – С. 54; Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2013. – С. 124.

[234] Ниг.: Российское уголовное право: в 2 т. – Т. 1: (Общая часть): учебник / Под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, В.С. Комиссарова, А.И. Рарога. – М., 2011. – С. 154.

гардад, яъне шахсе, ки қобилияти хусусияти ҳаракатҳои худро дарк намуда ва онро идора карда тавонад. Унсурҳои гуноҳ ҳамчун муносибати руҳии шуур ва ирода ба ҳисоб рафта ва дар маҷмуъ онҳо мазмуни гуноҳро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, гуноҳ бо ду тавсиф меёбад: интеллектуалӣ (ақлӣ) ва иродавӣ.

Унсури интеллектуалии гуноҳ характери инъикос дарк намуданро дорад. Унсури мазкур фаҳмидан ё имконияти фаҳмидани тамоми хосияти объективии ҳуқуқан муҳимми кирдори содиршаванда (махсусияти объект, предмети таҷовуз, характери ҳаракат ё беҳаракатӣ, хусусият ва дараҷаи оқибати зарар ва ғайра)-ро бо худ мегирад.

Унсури иродавии гуноҳ хусусияти тағйирёбандагӣ дорад, яъне муносибати иродавии субъектро ба зарари ҳақиқие, ки дар натиҷаи содиршавии ҷиноят сар мезанад, мефаҳмонад. Агар моҳияти ҷараёни иродавиро ҳангоми содиршавии ҷиноят ҳам қасдона дарки дуруст равон намудани ҳаракати барои ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ ташкил диҳад, пас ҳангоми ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда дар зоҳиршавии рафтори бедиққатона, бепарвоёнаи шахс, ки боиси рух додани оқибатҳои зарарноки иҷтимоӣ гардидаанд, ташкил медиҳад.

Зери мафҳуми шаклҳои гуноҳ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ қасд ва беэҳтиётӣ фаҳмида мешаванд, ки аз ҳамдигар вобаста ба мазмуни аломатҳои зеҳнӣ ва иродавӣ фарқ менамоянд. Қонуни ҷиноятӣ ду шакли гуноҳро қасдан ва беэҳтиётиро муқаррар мекунад.

Тарафи субъективии фиреби истеъмолкунандагон дар қасди бевосита ифода мегардад. Яъне, дар ин ҳолат субъект ба ҷамъият хавнокии кирдори худро дарк менамояд, яъне камтар чен мекунад, кам бармекашад, бақияи пулро кам медиҳад, истеъмолкунандагонро дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот фиреб медиҳад, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ менамояд (ба истеъмолкунандагон зарар мерасонад) ва хоҳони фаро расидани чунин

оқибат мебошад. Ду аломати аввал – дарк кардан ва пешбинӣ кардан лаҳзаҳои зеҳнии қасди бевоситаро тавсиф медиҳанд. Аломати сеюм – хоҳони фаро расидани ин оқибат бошад ба лаҳзаи иродавӣ мансуб аст.

Дарк намудани ба ҷамъият хавфнок будани кирдор фаҳмиши гунаҳгорро оид ба хусусияти воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат ё беҳаракатиаш ифода мекунад. Пешбинӣ намуданӣ оқибати барои ҷамъият хавфнок – ин тасавуроти шахс оид ба натиҷаҳои ҳаракат ё беҳаракатиаш мебошад. Хусусияти пешбинӣ намудани оқибат мумкин аст гуногун бошад: субъект имконият ё ногузирии фаро расидани онро пешбинӣ менамояд. Пешбинӣ намудани имконияти фаро расидани оқибат дар ҳолате ҷой дорад, ки вақте субъект оқибатро на ҳамчун натиҷаи ягонаи кирдори худ, балки ҳамчун натиҷаи эҳтимолии он тасаввур мекунад.

Лаҳзаи зеҳнӣ ҳангоми қасди бевосита дарк намудани ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худ ва имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок мебошад. Шахси гунаҳкор ҳангоми фиреб додани истеъмолкунанда бояд кадом ҳолатҳоро пешбинӣ кунад? Ин, пеш аз ҳама, характери кирдори онҳо ва оқибатҳои ба амал омада мебошад. Дарк намудани гунаҳкор аз хусусияти кирдори худ, дарки дурусти объекти вайроншуда ва баҳодиҳии воқеии кирдори ӯ, тасаввурот дар бораи робитаи тафтишӣ-сабабӣ байни кирдор ва оқибатҳоро дар назар дорад. Пешбинӣ намудани ногузирии фаро расидани оқибат бошад. Дар ҳолате ҷой дорад, ки вақте субъект оқибатро ҳамчун натиҷаи ногузир, яъне натиҷаи ягонаи кирдори худ тасаввур мекунад. Пешбинӣ намудани оқибатҳои кирдори содиркардаи шахс маънои дарк кардани он факте аст, ки ҷабрдида истеъмолкунанда аст. Аз мазмуни модда бармеояд, ки хар шахсе, ки барои эҳтиёҷоти шахсии маишӣ мол (кор, хизмат)-ро истифода мебарад, мехарад ё фармоиш медиҳад, қурбони фиребгарӣ шуда метавонад.

Хоҳони фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок кӯшиши бошуурона – иродавии субъектро ҷиҳати ноил шудан ба оқибати ҷиноят ифода

менамояд[235].

Дар эзоҳ ба м. 294 КҶ ҶТ расонидани зарар ба миқдори муайян пешбинӣ шудааст. Аммо, субъективан, шахс аксар вақт дар бораи расонидани зарар дар як ҳудуди муайян огоҳ аст, на миқдори дақиқи мушаххас. Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ, гунаҳкор бояд донад, ки бо амали худ ба истеъмолкунандагон зарар (муайяншуда) мерасонад. Масалан, фурӯшандае, ки тарозу ё сангҳои тарозуи нодурустро истифода мебарад, медонад, ки бо ёрии ин воситаҳо истеъмолкунандагонро фиреб медиҳад, аммо шояд аниқ надонад, ки маҳз ба чанд грамм (ба кадом миқдор) камбаркаширо содир намудааст.

Агар исбот карда шавад, ки гунаҳкор ҳангоми фиреби истеъмолкунанда нияти содир кардани кирдорро ба андозаи калон доштааст, ҳатто агар маблағи воқеии зарар ба истеъмолкунанда расонидашуда аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо кам бошад ҳам, ҷавобгарӣ барои сӯйиқасд ба расонидаи зарар ба миқдори калон имконпазир аст. Аммо дар амал исбот кардани ин ҳолат хеле душвор аст. Барои ин, масалан, маблағи зарар бо назардошти на танхо маҳсулоти фурӯхташуда, балки тамоми ҳаҷм (партия) (агар кам маблағгузорӣ бошад) ҳисоб карда мешавад. Лаҳзаи иродавии қасд ҳангоми фиреб додани истеъмолкунандагон аз хоҳиши субъект вобаста ба расонидани зарари молумулкӣ ба манфиатҳои истеъмолкунандагон ифода мегардад. Дар ин маврид микдори зарар одатан муайян карда намешавад.

Аз мазмуни диспозитсияи м. 294 КҶ ҶТ бармеояд, ки ангезаи ҷиноят аломати ҳатмии тарафи субъективии фиреби истеъмолкунандагон ба шумор намеравад ва он ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад. Ангезаи ҷиноят ин нияти фаҳмидашудае мебошад, ки субъект онро ба роҳбарӣ гирифта ҷиноят содир мекунад[236]. Ангеза дар аксари ҷиноятҳо ба назар мерасад, аммо ҳангоми коркарди сохтори таркиби ҷиноятҳои марбут ба фиреби истеъмолкунандагон қонунгузор ин унсурро сарфи назар намудааст. Ҳамин тавр, ҳангоми баррасии

[235] Ниг.: Шарипов, Т.Ш., Азимов, Н.Б., Камолов, З.А., Насриддинов, М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2011. – 234 с.
[236] Ниг.: Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қисми умумӣ / Мафҳумҳо дар нақшаҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 49.

ќисми якуми моддаҳои мазкур танҳо муносибати руҳии шахси гунаҳгор нисбати кирдори содиршуда ба инобат гирифта мешавад.

Таҷрибаи тафтишотию судӣ нишон медиҳанд, ки дар амалия чунин ангезаҳо ҳангоми фиреб додани истеъмолкунандагон бештар ҷой доранд:

1. ғаразнокӣ;

2. дигар манфиатҳои шахсӣ;

3. манфиатҳои ташкилоти фурӯши мол (хизматрасонӣ) нодуруст фаҳмида шуда бошад.

Вобаста ба он ки ангезаи ғаразнок ҳангоми фиреб додани харидорон ҳатмӣ нест, дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС, 14 марти соли 1975 дарҷ гардида буд ва дар он қайд карда шуда буд, ки дар вақти фиреб додани харидорон ҷой доштани ҳам ангезаи ғаразнок ва ҳам ангезаи манфиати шахсии гунаҳкор ё дигар ангезаҳо мумкин аст[237]. Дар замони шуравӣ (солҳои 70-80) низ, расман таҳкими ақидае вуҷуд дошт, ки ангеза ҳамчун аломати ҳатмии фиреби истеъмолкунандагон баромад намекунад[238]. Ин мавқеъ аслан бо муқаррароти қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС, 14 марти соли 1975 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳое, ки бо фиреб додани харидорон алоқаманданд» асоснок карда мешуд. Дар он гуфта мешавад: «ангезаи ғаразнок унсури ҳатмии ин ҷиноят ба ҳисоб намеравад ва мавҷуд набудани он ҷавобгарии шахсонеро, ки бо дигар сабабҳо харидор ва фармоишгарро фиреб додаанд, истисно намекунад[239].

Дар солҳои 50-ум ва 60-ум чи дар илм ва чи дар амалияи судӣ оид ба масъалахои ангезаҳои фиреб додани истеъмолкунандагон ягонагии мавқеъҳо ё ақидаҳо вуҷуд надошт. Ҳамин тавр, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии ИҶШС дар қарори худ аз 19 май соли 1943 вобаста ба парвандаи шаҳрванд Г. эътироф намуд, ки дар ҳолати мавҷуд набудани

---

[237] Ниг.: Вольфман Г.И. Ответственность за преступления против советской торговли. – Саратов, 1988. – С. 57.

[238] Ниг.: Устинов В.С. Признаки хищений и их оценка аппаратами БХСС. – Н. Новгород, 1975. – С. 132-133; Устинов В.С. Российское уголовное законодательство об ответственности за преступления против собственности (История и концепции). – Н. Новгород, 1988. – 267 с.

[239] Ниг.: Бюллетень Верховного Суда СССР. – 1975. – №2.

мақсади ғаразнок дар кирдори гунаҳкоре, ки ба фурӯши меваҷот машғул буд ва онро бо нархи баланд мефурӯхт, онро ҳамчун фиреб додани харидорон бандубаст кардан мумкин нест. Г. барои он гунаҳкор дониста шуд, ки ба сардори ошхона супориш додааст, ки 3500 дона мандаринро 2 сумӣ фурӯшад ҳол он ки нархи давлатии он 40 тин буд. Г. кирдори худро бо он асоснок намуд, ки бо додани супориши бо нархи гарон фурӯхтани мандаринҳо дар назар дошт, ки талафоти гӯйё аз як қисми мандаринҳоро ба ин тариқ пӯшонад ва бо ин роҳ ҳадафҳои ғаразнокро пайгирӣ накардааст. Тамоми маблағе, ки аз фурӯши мандарин гирифта шудааст, ба таври бояду шояд ба дафтари мадохил сабт карда шудааст[240].

Г.О. Рибакова, чунин ақида дошт, ки ангезаи ғаразнок қариб ҳамеша хоси фиреб аст, истилоҳи «фиреб», ки қонунгузор онро истифода мебарад, возеҳ ангезаи ғаразнокро дар назар дорад[241]. Г.И. Волфман ақидаи Г. Рибаковаро зери танқид қарор дода, қайд мекунад, ки истилоҳи «фиреб», ки қонунгузор онро ба кор мебарад, ҳеҷ вақт маънои онро надорад, ки дар ҳақиқат ҳамеша ангезаи ғаразнок мавҷуданд[242]. Маълум аст, ки фиреби истеъмолкунандагон яке аз намудҳои қаллобӣ мебошад. Дар ҳамин ҳол, таркиби қаллобӣ ангезаҳои дигарро низ (ба истиснои қаллобӣ) истисно намекунад.

Ҳамин тавр, таҳлили тарафи субъекти ҷинояти фиреби истеъмолкунандагонро ҷамъбаст намуда, чунин нуктаҳоро пешниҳод намудан зарур аст, ки онҳо метавонанд баҳри минбаъд мукаммал намудани қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳаммият холӣ набошанд:

1) Тарафи субъективии фиреби истеъмолкунандагон дар қасди бевосита ифода мегардад. Яъне, дар ин ҳолат субъект ба ҷамъият хавнокии кирдори худро дарк менамояд, яъне камтар чен мекунад, кам бармекашад, бақияи пулро кам медиҳад, истеъмолкунандагонро дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот фиреб медиҳад, имконият ё ногузирии фаро

---

[240] Ниг.: Александров Г. Борьба с обмериванием и обвешиванием потребителя. – М., 1948. – С. 10.
[241] Ниг.: Рыбакова Г.О. Ответственность за обман покупателей и заказчиков по советскому уголовному праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1976. – С. 211.
[242] Ниг.: Вольфман Г.И. Ответственность за обман покупателей и заказчиков / Г.И. Вольфман // Сов. юстиция. – 1975. – №19. – С. 23-25.

расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ менамояд (ба истеъмолкунандагон зарар мерасонад) ва хоҳони фаро расидани чунин оқибат мебошад. Ду аломати аввал – дарк кардан ва пешбинӣ кардан лаҳзаҳои зеҳнии қасди бевоситаро тавсиф медиҳанд. Аломати сеюм – хоҳони фаро расидани ин оқибат бошад ба лаҳзаи иродавӣ мансуб аст.

2) Дар моддаи 294 КҶ ягон ишора ба мақсад ва ангезаи кирдорҳои ҷиноятӣ вуҷуд надорад. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки аломатҳои номбаршуда ба тарафи субъективии фиреби истеъмолкунандагон ҳамчун аломатҳои ҳатмӣ дохил намешаванд ва ба банду басти кирдори содиршуда таъсир намерасонанд. Зимнан доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ангезаи асосии ҷинояти мазкур ғараз, кӯшиши шахси гунаҳкор ҷиҳати ба даст овардани манфиати моддӣ дар ин ё он шакл маҳсуб мешаванд. Дар парвандаҳои ҷиноятии омӯхташудаи мо оид ба фиреби истеъмолкунандагон, ягон парвандае дучор нашудааст, ки дар он ҳуқуқвайронкунии номбурда аз ҷониби гунаҳкор беғараз содир шуда бошад. Албатта, шарҳи назариявии чунин рафтор комилан имконпазир аст, вале дар воқеъ феълан ба назар намерасад.

### 2.4. Аломатҳои бандубасткунандаи фиреби истеъмолкунандагон

Аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷиноят воситаи муҳимми фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳисоб шуда, дар онҳо тағйироти назарраси ҳолатҳои дахлдори дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор таҷассум меёбанд.

Ба сифати аломати вазнинкунандаи фиреби истеъмолкунандагон дар қ. 2 ва 3 м. 294 КҶ ҶТ ҳолатҳои зерин муқаррар шудаанд:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ.

б) ба миқдори калон;

в) аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст, содир шуда бошад;

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад.

Аломатҳои вазнинкунандаи фиреби истеъмолкунандагонро муфассалтар

таҳлил менамоем.

**1) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ.** Ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи ашхос содиршуда эътироф мешавад, агар дар он иҷрокунандагон иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд. Маънои содир кардани ин шакли ҷиноят дар он дида мешавад, ки то содир кардани ҷиноят байни шарикон маслиҳати пешакӣ дида мешавад ё пеш аз содиркунии он нақшҳо байни ҷинояткорон тақсим карда мешавад. Дар ин шакли шарикӣ яке кирдорро бевосита ба амал бароварда, дигар шахсон ба ӯ кумак мерасонанд. Хусусияти ин ёрии ҳархела мебошад, бинобар ин, нақшҳо – ташкилкунанда, таҳриккунанда ва бо ёрдамчӣ фарқ карда мешавад. Нақшҳои гунаҳкорон дар ин шакли шарикӣ ба таври гуногун бо ҳам алоқаманд мебошанд. Вале мавҷуд будани иҷрокунанда ва як шахси ёрирасон ҳатмист. Алоқамандӣ ва ҳамтаъсиррасонии гунаҳкорон дар ин шакл мумкин дуру дароз давом кунад. Кирдори шахси ёрирасон мувофиқи амалияи судӣ бо дастрас кардани м. 36 КҶ бандубаст карда мешавад. Аммо агар ду ё зиёда ашхос бевосита тарафи объективии ягон ҷиноятро иҷро карда бошанд, кирдори он бе м. 36 КҶ баҳо дода мешавад.

Аломати мазкур бояд ба якчанд талаботҳо ҷавобгӯ бошад: 1) мавҷуд будани ду ё зиёда шахсон, ки ба сифати субъекти тасарруф баромад намуда метавонанд; 2) иштирокчиёни гурӯҳ бояд тасарруфро якҷоя содир намоянд; 3) байни аъзоёни гурӯҳ бояд маслиҳати пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят мавҷуд бошад[243].

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25-уми июни соли 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» омадааст, ки «гурӯҳи шахсони бо маслиҳати пешакиро танҳо шахсоне ташкил карда метавонанд, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Шахсони номукаллаф ва шахсоне, ки синну солашон барои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нарасидааст, ҳуқуқан, яъне аз нуқтаи назари талаботи қонуни ҷиноятӣ, ба ҳайати гурӯҳ дохил шуда наметавонад,

[243] Ниг. Бойцов А.И. Преступления против собственности. – СПб., 2002. – С. 564-565.

гарчанде ки онҳо амалан дар ниҳой гирифтани молу мулки ғайр бевосита иштирок карда бошанд ҳам (б. 13).

Аломати тавсифдиҳандаи шахсони ҷиноятро дар ҳайати гурӯҳ бо маслиҳати пешакӣ содиркунанда он чӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳар яки онҳо бояд аломатҳои зарур ва кофиро барои иҷрокунандаи ҷинояти мазкур эътироф шудан дошта бошанд[244].

**2) ба миқдори калон;** Фиреби истеъмолкунандагон ҳангоме ба миқдори калон – аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад. Прокуратураи шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо кормандони Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба муомилот баровардани маводҳои дорувории пастсифат ва қалбакӣ, ба таври сунъӣ баланд бардоштани нархи доруворихо ва лавозимотҳои тиббиро дар дорухонаҳои шаҳри Душанбе мавриди санҷиш қарор дод. 06 майи соли 2020 ҳангоми гузаронидани санҷиш дар шаҳри Душанбе муайян карда шуд, ки як қатор соҳибкорон ва шаҳрвандони алоҳида, бо истифода аз вазъи хуруҷи пандемияи ба вуқуъомада бо роҳи фиреб кардани истеъмолкунандагон нархи доруҳои зидди вирусиро якчанд маротиб қимат намуда, ба шаҳрвандони алоҳида фурӯхтаанд. Чунончӣ, дар натиҷаи хариди санҷишӣ дар дорухонаи №29-и ҶДММ «Шифои Сино», воқеъ дар кӯчаи Ҳилолӣ 17 маълум карда шуд, ки шаҳрванд Таҷалов Исмоил Бобоназарович, санаи таваллудаш 28 феврали соли 1966, бидуни маълумоти махсуси фармасевтӣ ба фурӯши маводҳои доруворӣ машғул шуда, 5 адад қуттии доруворихои зиддивирусии «Арбидол»-ро, ки нархи як адади он 45-57 сомонӣ дар фурӯш муқаррар шудааст, ба харидори шартӣ бо нархи 250 сомонӣ ҷамъ ба маблағи 1250 сомонӣ фурухта, даст ба фиреби истеъмолкунанда задааст. Ҳамзамон, дар натиҷаи азназаргузаронии ин дорухона 4 номгӯйи маводҳои доруҳои муҳлати истеъмолашон гузашта дарёфт ва аз муомилот гирифта шуд. Ё ин, ки зимни

[244] Ниг.: Мирзоев Қ. Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 112.

гузаронидани санҷиш маълум гардид, ки шаҳрванд С.А.А., санаи таваллудаш 23 ноябри соли 1984, сокини шаҳри Душанбе, к. К. Сеткина 337, бидуни маълумоти махсуси фармасевтӣдар дохили автомашинаи худ тамғаи Тойота-Кемри 100 адад ниқобҳои тиббии махсус, 50 адад дорувории «Левофлаксатсин», 5 адад доруи «Арбидол», 5 адад доруи «Азитромитсин», 5 адад доруии «Эргоферон»-ро берун аз дорухонаи худ, воқеъ дар хиёбони И. Сомонии ноҳияи Сино нигоҳ дошта, нархи онҳоро ба маротиб зиёд намуда, ба фурӯш гузоштааст. Дар натиҷаи санҷиши дорухонаи мансуб ба Саидов А.А., инчунин 3 номгуи доруҳои муҳлати истеъмолашон гузашта, 15 номгӯйи доруҳои бе сертификат ва бе ҳуҷҷатҳои расмии воридотӣ дарёфт ва аз муомилот гирифта шуд. Ба ин монанд шаҳрванд Ё.Г.Д. дар дохили автомашинаи шахсияш тамғаи Тойота-Кемри қайди рақами давлатиаш 7079 ҒҒ01 ба шаҳрвандон молҳои тиббии махсусро аз қабили 33 адад қутии дастпушакҳо бо нархи як куттии он 180 сомонӣ, либоси махсуси тиббӣ (скафандр) 55 дона бо нархи 120 сомонӣ, айнакҳои муҳофизатӣ 80 дона ба маблаги 30 сомонӣ бидуни ҳуҷҷатҳои расмӣ ва иҷозати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фурӯш баровардаааст. Оиди ҳолати мазкур нисбати шахсони дар боло зикршуда, бо аломатҳои моддаҳои 121 ва 627-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои маъмурӣ оғоз карда шуда, номбурдагон ба ҷавобгарӣ кашида шуда, маҳсулотҳои дорувории мазкур барои муолиҷаи беморон ба Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе супорида шуданд. Инчунин, аз ҷониби гурӯҳи кории прокуратураи ноҳияи Шоҳмансур 06 майи соли 2020 дар ин самт санҷиши прокурорӣ амалӣ карда шуда, муайян гардид, ки шаҳрванд Исмоилов Сафарбек Ҳасанович, санаи таваллудаш 11 феврали соли 1989, оиладор, соҳиби се фарзанд, маълумоташ миёна, сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Адҳамов 21 хонаи 7, дар дорухонаи воқеъ дар кӯчаи Н. Муҳаммад бинои 9, ба фурӯши доруворӣ машғул шуда, ба шаҳрвандон 10 қуттии доруи навъи «Арбидол» ҳар кадомаш ба маблағи 185-сомонӣ, аз нархи муайяншуда қиматтар фурухта, фоида ба

даст овардааст. Нисбати Исмоилов Сафарбек Ҳасанович бо моддаи 294 қисми 2 банди «б»-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд[245].

**3) аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст, содир шуда бошад.** Амалӣ сохтани фиреби истеъмолкунандагон аз ҷониби шахси қаблан барои содир намудани фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст, маънои онро дорад, ки шахс то муҳлатҳои бо қонуни ҷинояти пешбинигардидаи барҳамхурии доғи судӣ ё доғи судиаш бардошта нашуда барои фиреби истеъмолкунандагон, боз ин ҷиноятро содир менамояд.

**4) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил.** Гурӯҳи муташаккил назар ба шаклҳои дар боло номбаршуда нисбатан хавфноктар мебошад. Ташкилёбии он аксаран аз мақсади гунаҳкорон дар бораи иҷрои чунин ҳаракатҳое, ки ба он як шахс қодир нест, шаҳодат медиҳад. Ҳаракатҳои гурӯҳи муташаккил бо мақсади тавассути фаъолияти якҷоя пинҳон намудани осори ҷиноят равона карда шудаанд. Гурӯҳи муташаккил чунин гурӯҳе мебошад, ки аз ҷониби гурӯҳи устувори ашхосе, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд. Хусусияти хоси ин шакли ҳамиштирокӣ дар он дида мешавад, ки ташкилотчии ҷиноят ва дигар иштирокчиёни он барои содир кардани ҷиноят муддати дуру дароз тайёрӣ мебинанд. Аммо дар баъзе ҳолатҳое мешавад, ки гурӯҳи номбаршуда танҳо дар вақти содир намудани ҷиноят гирд меоянд. Содир намудан ин ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил таркиби махсусан бандубастшвандаи ҷиноятро ташкил менамояд мешавад. Барои бандубасти ҷиноят ҳамчун аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир гардида, бояд аломатҳои фарқкунандае муқаррар карда шаванд, ки онро аз гурӯҳи содиркунандаи ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ фарқ кунанд.

Муттаҳидшавӣ ҳамчун аломати ҳатмии ташкилоти ҷиноятӣ чунин маънӣ дорад, ки байни шарикони ҷиноят алоқаи муайяни ташкилӣ ба миён меоянд, онҳо робитаи муайян дошта, ба худ уҳдадориҳои муайян доро ҳастанд. Дар

---

[245] Ниг.: Ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳимоя карда мешаванд [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://prokuratura.tj/66-to-ik/news/1108-alasai-ayati-mushovara-dar-prokuraturai-general-370.html?highlight=wyjcdta0ndrcdta0mzhcdta0ndbcdta0mzvcd (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

натиҷа иттиҳодияи муайяне ба амал меояд, ки муттаҳидии он барои фаъолияти ҷиноятӣ мутобиқ карда шудааст.

Устуворӣ маънои онро дорад, ки алоқаҳои ҷиноятӣ хусусияти устувор ва дарозмуддат мегиранд. Ин аломат шаҳодати он аст, ки гунаҳкорон ба муддати дуру дароз барои фаъолияти дарназардоштаи ҷиноятиашон муттаҳид шудаанд.

Ниҳоят, аломати сеюми гурӯҳи муташккил ин содир намудани як ё якчанд ҷиноят аз ҷониби аъзоёни гурӯҳ мебошад. Содир намудани як ё якчанд ҷиноят аломати миқдорӣ буда, сифати содир намудани ҷиноят аҳаммият надорад.

Дар қонуни ҷиноятӣ ташкилоти ҷиноятӣ дар баъзе моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ муқаррар карда шудаанд. Мисол, бандитизм м. 186; ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ м. 185; ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) – м. 187 КҶ. Ҷиноятҳои номбаршуда аз давраи ташкил кардан ё роҳбарӣ кардан ба онҳо ба охир мерасанд, барои ҳамин ташкилкунандаи ин ҷиноятҳо бе ҳавола ба м. 36 КҶ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Шахсе, ки гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ таъсис додааст ё ба он роҳбарӣ кардааст, дар ҳолатҳои пешбинишудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсус барои ташкил ва роҳбарии онҳо, инчунин барои тамоми ҷиноятҳои содирнамудаи онҳо ва қасди ӯ содир намудани онҳоро дар бар гирифта бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

**5) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад.** Миқдори махсусан калон дар эзоҳ ба м. 294 КҶ ҶТ ҳамчун панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад, муқаррар шудааст. Муқаррар намудани ҳадди ниҳоӣ расонидани зарар ба миқдори махсусан калон бояд ҳадди болоии андозаи зарар ба миқдори калон, ки дар м. 294 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, гардад. Дар баробари ин қасди шахси содиркунандаи ҷиноят бояд он ҳолатро дар бар гирад, ки фиреби истеъмолкунандагонро бо мақсади ба миқдори махсусан

калон содир намуда истодааст. Агар гунаҳгор бо ҳолатҳои аз ӯ вобаста набуда зарар ба миқдори махсусан калонро ба вуҷуд наоварад, кирдори ӯ ҳамчун сӯйиқасд ба фиреби истеъмолкунандагон бо содир намудани ҷиноят ба миқдори махсусан калон бояд бандубаст карда шавад. Дар амалия содир намудани ин ҷиноят бештар дида мешавад. Масалан, шаҳрванд Б.Н.Ҳ. ба ҳайси директори ҶДММ «Диловар-Н» кору фаъолият намуда, дар корхонаи ҷамъияти мазкур воқеъ дар вилояти Хатлон, ноҳияи Восеъ, ҷамоати деҳоти Тугарак, деҳаи Ибрат бе риояи шартҳои техникӣ ва мутахассиси соҳавӣ ба истеҳсол намудани намакҳои ошӣ машғул шуда, дар халтачаҳои полиэтилении 1 (як) кг баъди коркард борҷома карда, бо мақсади гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасони) санаи 15 марти соли 2020 ба воситаи шаҳрванд А.С.З., барои фурӯхтан аз ҳамин намакҳои ошӣ 10 000 кг ба микдори 1250 (як ҳазору ду саду панҷоҳ) халта, ки дар дохили ҳар як халта 8 кг намаки ошӣ ҷойгир будааст бо маблағи 3 062 (се ҳазору шасту ду) сомонӣ яъне 1 кг намакро бо арзиши 0.306 дирам тариқи ронандаи автомашинаи тамғаи «Камаз», аломатҳои қайди давлатиаш 77-52 АС 01 Мирзоев Ш.Ч., ба шаҳрванд М.Ф. ба бозори «Вориси Сомон» нуқтаи савдояш воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Гипрозем №77 таъмин кардааст. М.Ф.Э., 10 000 кг намакҳои ошии ҶДММ-»Диловар-Н»-ро ба миқдори 1250 (як ҳазору дусаду панҷоҳ) халта қабул карда, дар муддати ду рӯз як халтаи 8 кг-ро бо маблағи 4 (чор) сомонӣ яъне 1 кг намакро бо арзиши 0.50 дирам ба фурӯш гузошта, аз ин ҳисоб 320 кг-ро ба мизоҷон фурӯхтааст. Санаи 18 марти соли 2020 ҳангоми азназаргузаронии нуқтаи савдои М.Ф.Э. воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Гипрозем №77 намакҳои ошии ҶДММ «Диловар-Н», бо номгуи «Намаки ошии йодкардашуда», суроға н. Восеъ, деҳаи Ибрат, боқимонда 9 680 кг, ба микдори 1210 (як хазору дусаду даҳ) халта дарёфт карда шудааст. Мувофиқи хулосаи ташхиси Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикстандарт) аз

22 апрели соли 2020, тахти №2639 маълум гардид, ки маҳсулоти «Намакҳои ошӣ» истеҳсоли ҶДММ «Диловар-Н», суроға н. Восеъ, деҳаи Ибрат, аз рӯйи нишондодҳои сифат (ҳиссаи массаи намнокӣ ва ҳиссаи массаи йод) ба талаботи ҳуҷҷати меъёрӣ СТ ҶТ 1060-2004-шартҳои техникӣ мутобиқ намебошад. Дар натиҷа, аз рӯйи ҳаракатҳои содиркардаи директори ҶДММ «Диловар-Н» Б.Н.Ҳ., маъулум гардидааст, ки зарарӣ намакҳои ошии ба фӯруш баровардаи ин ҷамъият маблағи 5000 (панҷ ҳазор) сомониро ташкил додааст. Ҳамин тариқ, Б.Н.Ҳ. бо ҳаракатҳои худ ҷинояти дар моддаи 294 кисми 3 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо содир намуд.

Мисоли дигар, Прокуратураи генералӣ ҳолати иҷрои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ», «Дар бораи стандартонӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон вобаста ба фурӯш баровардани бозичаҳои гуногуни кӯдакона ва воридоти ғайриқонунии онҳоро дар ҶДММ бозорҳои «Корвон», «Саховат», марказҳои савдои «Ашан», «Беби-шоп» «Садбарг» мавриди санҷиш қарор дод. Санҷиш муайян намуд, ки дар ҶДММ «Корвон» (бозори Корвон)-и шаҳри Душанбе 15 нуқтаҳои фурӯши бозичаҳои гуногуни кӯдакона фаъолият менамоянд. Ҳангоми санҷиш соҳибкорон вобаста ба бозичаҳои ба фурӯш баровардаашон ҳуҷҷатҳои гумрукӣ ва сертификатҳои мутобиқати сифат пешниҳод карда натавонистанд. Намунаи бозичаҳо гирифта шуда, барои хулоса додан ба Маркази стандартизатсияи ҷумҳуриявӣ ирсол карда шуд, ки мувофиқи хулосаи ташхис бозичаҳои пешниҳоднамуда ба талаботҳои стандарти давлатӣ ҷавобгӯй набуда, он ба саломатии кудакон зараровар мебошад. Аз натиҷаи санҷиш ду ҳолати қочоқ ва 13 ҳолати фурӯши молу маҳсулоти пастсифат ошкор карда шуда, нисбати 7 нафар соҳибкорони инфиродие, ки ба фурӯши бозичаҳои пастсифат машғул буданд

бо моддаҳои 209 қисми 2 банди «а», 32 қисми 3 ва 294 қисми 3 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуданд[246].

Ҳамин тавр, таҳлили аломатҳои бандубасткунандаи ҷинояти фиреби истеъмолкунандагонро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулосаҳо омадан мақсаднок дониста мешавад:

– гурӯҳи муташаккил он гурӯҳе мебошад, ки аз ҷониби ду ва ё зиёда шахсони аз синни 16-сола боло бо мақсади содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ таъсис дода шудааст;

– амалӣ сохтани фиреби истеъмолкунандагон аз ҷониби шахси қаблан барои содир намудани фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст, маънои онро дорад, ки шахс то мӯҳлатҳои бо қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаи барҳамхӯрии доғи судӣ ё доғи судиаш бардошта нашуда барои фиреби истеъмолкунандагон, боз ин ҷиноятро содир менамояд.

[246] Фиреби истеъмолкунанда [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prokuratura.tj/point65/66-to-ik/news/633-alasai-ayati-mushovara-dar-prokuraturai-general-27.html (санаи муроҷиат: 02.03.2022).

## ХУЛОСАҲО

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Хулосаҳои илмӣ вобаста ба таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон:

1.1. Дар раванди навиштани рисола мо марҳалаҳои асосӣ дар барпокунӣ ва инкишофёбии қонунгузории ҷиноятиро ба марҳилаҳои то шуравӣ, қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ-сотсиалистӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ ҷудо намудаем ва таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагонро маҳз аз рӯйи ин таснифбандӣ таҳлил намудан мувофиқи мақсад аст. Рӯй овардан ба таърих ҳеҷ гоҳ арҷгузорӣ ба мӯд нест. Дар ҳар як марҳалаи нави тараққиёти ҷамъият, вақте ки барои ҳалли проблемаҳои мавҷуда ё нав бамиёномада саъю кушиши иловагӣ талаб карда мешавад, ҳалли он бе таҳлили муайяни роҳи тайкардашудаи таърихӣ ғайриимкон аст. Албатта, таърих худ аз худ дастурҳои коркардшудаи ҳалли проблемаҳои ҳаёти имрӯзаро намедиҳад, вале барои дарк кардани мазмуни воқеаҳои имрӯза ёрӣ мерасонад **[5-М]**.

